# Монография
## ва атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010

**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Монография ва атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010

Дар зери таҳрири Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  Муҳаммадиева Б.З. омода гардидааст.

**Аломатҳои шартӣ**

мн – маркази ноҳия
д. – деҳа
ш-к - шаҳрак
ҳаз. – ҳазор
-  аломат  мавҷуд нест

Дар баъзе мавридҳо маълумоти ҷамъбаст аз ҳосили ҷамъи маълумот фарқи ночиз дорад, сабаб  он, ки маълумот яклӯхт дода шудааст.

© **Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013**

# Пешгуфтор

Дар маҷмӯаи мазкур натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, ки соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда буд, инчунин натиҷаҳои барӯйхатгириҳои солҳои пешин ва маълумотҳои омори ҷорӣ таҳлил гардидаанд.

Таҳлили натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 имконият медиҳад, ки маълумотҳои пурра ва дақиқ оид ба сохтор, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии захираҳои инсонии мамлакат ба даст гирифта шаванд.

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 на танҳо манзараи демографиро тавсиф мекунад, балки барои таҳияи дурнамои рушди иқтисодии мамлакат дар оянда маводҳоро фароҳам меоварад.

Маҷмӯаи мазкур барои кормандони мақомоти идоракунии давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва доираи калони истифодабарандагон пешбинӣ шудааст.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Намояндагии Хазинаи нуфуси СММ дар Тоҷикистон (UNFPA), Роҳбари намояндагии UNFPA дар Тоҷикистон хонум Азиза Ҳомидова барои дастгирии молиявӣ дар омодасозӣ ва нашри маҷмӯаи мазкур миннатдории худро изҳор менамояд.

# Мундариҷа

Саҳ.

**Муқаддима** 6

**I. Тавсифҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ**

1.1 Тавсифи умумӣ………………………………………………………. 8
1.2 Воҳиди таҳқиқоти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил……. 10
1.3 Аҳамияти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил барои мақомотҳои омор ва манфиатнокии маълумотҳои барӯйхатгирӣ………………………………………………………… 11

**II. Тавсифҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

2.1 Тавсифҳои ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон………………….. 13
2.2 Тағйирёбии шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣ дар фосилаи байни барӯйхатгирии аҳолии солҳои 2000 ва 2010…………….. 13
2.3 Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 21 сентябри соли 2010)……………………………………... 17
2.4 Тақсимоти аҳолии ҷумҳурӣ ба маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот……... 20

**III. Аҳолӣ аз рӯи ҷинс ва синн сол**

3.1 Тағйир ёфтани шумораи мардҳо ва занҳо………………………. 30
3.2 Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи синну сол……………………………… 34

**IV. Аҳолӣ аз рӯи миллатҳо, халқиятҳо а забони модарӣ**

4.1 Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи миллатҳо ва халқиятҳо……………….. 40
4.2 Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи забони модарӣ ва донистани дигар забонҳо.........................................................................………… 46

**V. Сатҳи таҳсилотнокии аҳолӣ**

5.1 Тағйирёбии сатҳи таҳсилотнокии аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар……………………………………………...….... 54
5.2 Сатҳи таҳсилотнокии аҳолӣ дар минтақаҳо…………………….. 63

**VI. Нишондиҳандаҳои вазъи иҷтимоӣ-иктисодии аҳолӣ**

6.1 Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи манбаъҳои васоити зиндагӣ………….. 72
6.2 Фаъолнокии иқтисодии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон………. 75

**VII. Муҳоҷирати аҳолӣ**

7.1 Намудҳои асосии муҳоҷират…………………………………….. 78
7.2 Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи шаҳрвандии мамлакатҳо ва ҷойи Таваллуд………………………………………………………... 80

Саҳ.

**VIII. Баробарии гендерӣ ва қобилияти таваллудкунии занҳо………………………………………………………….** 83

**IX. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи ҳолати ақди никоҳ…………** 86

**X. Фонди манзил ва шароитҳои манзилии аҳолӣ**

10.1 Тақсимоти миқдори биноҳои истиқоматӣ, масоҳати умумӣ ва истиқоматии манзили зист……………………………………….. 90

10.2 Шароитҳои манзилии аҳолӣ……………………………………... 100

**Атласи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгири аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010** 106

**Барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010…………………………………………………………...** 122

**Иқтибосҳо аз Дастурамал дар бораи тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ва пур кардани ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ……………………...** 128

# Муқаддима

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил – сарчашмаи асосии ташаккулёбии манбаъҳои иттилоот оид ба шумора ва сохти аҳолӣ, тақсимоти он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва тавсифҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳайати миллии аҳолӣ ва сатҳи таҳсилоти он буда, манбаи ягонаи маълумот дар бораи шароити манзилии аҳолӣ ба шумор меравад.

Созмони Милали Муттаҳид ба ҳамаи мамлакатҳо тавсия медиҳад, ки дар фосилаи на камтар аз даҳ сол барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шавад ва Резолюцияи 2005/13 Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоии СММ аз 22 июли соли 2005 – ҳуҷҷати асосии оғози марҳилаи нави баргузории барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 2005-2014 ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005 №282, аз 4 июли соли 2006 №312, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2009 №685 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 №523 «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ», бо дастгирӣ аз тавсияи СММ ва ҳамчун аъзои СММ, **аз 21 то 30 сентябри соли 2010** дар қаламрави ҷумҳурӣ барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронидааст. **Аввалин бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ, барӯйхатгирии фонди манзил низ гузаронида шуд,** зеро масъалаҳои шароитҳои манзилии аҳолӣ, фонди манзили аҳолии ҷумҳурӣ мубрами рӯз буда, ҳамеша мадди назари Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи меъёрҳои умумиҷаҳонӣ таҳия гашта, инчунин тавсияҳои созмонҳои байналхалқӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил доираи васеи саволҳоро дарбар гирифтааст, ки маҷмӯи хусусиятҳои демографӣ ва иҷтимоии ҳайати аҳолӣ ва ҷойгиршавии онро дар ҳудуди мамлакат тавсиф медиҳанд. Инчунин дар чорчӯбаи барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил маълумотҳо доир ба фонди манзил ва шароитҳои манзилии аҳолӣ низ ҷамъоварӣ карда шуданд.

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар ҷумҳурӣ соли 2010 –расо баъд аз даҳ соли барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум гузаронида шуд. Барои ин, аз соли 2006 сар карда, ба иҷро кардани вазифаҳои аввалиндараҷаи корҳои тайёрии он, аниқ кардани сарҳадҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо, шаҳракҳо; дар онҳо ба тартиб даровардани номгӯи кӯчаҳо ва рақамгузории хонаҳо, ҳуҷраҳо; ҳисоби пуррагии аҳолии шаҳру деҳот; тайёр кардани маводҳои харитавӣ; аниқ кардани номгӯи маҳалҳои аҳолинишин, ҷойгиршавии онҳо ва дигарҳо шурӯъ карда шуд.

Дар ин муддат Комиссияи давлатии мусоидати баруйхатгирии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд, ки ҳуқуқ ва ваколатҳои он имконияти ҳалли таъҷилии мушкилиҳо ва назорати кор дар давраи тайёрӣ ва гузаронидани баруйхатгирии аҳолӣ, расонидани ёрии амалӣ дар ҳалли онҳо ва тасдиқи низомномаҳои асосии методологии баруйхатгириро дошт.

# I. Тавсифҳои асосии барӯйхатгирии аҳолӣ

## 1.1. Тавсифи умумӣ

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 то 30 сентябри соли 2010 гузаронида шуда буд. Ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ аз тарафи ҳисобчиҳо бо роҳи саволу ҷавоб бо аҳолӣ бе талаби ягон ҳуҷҷати шахсӣ пур карда шуданд.

**Лаҳзаи баҳисобгирии аҳолӣ соати 12 шаби аз 20 ба 21 сентябри соли 2010 муқаррар карда шуда буд.** Дар ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ кӯдаконе, ки баъди лаҳзаи баҳисобгирии аҳолӣ таваллуд шуданд ва шахсони фавтида дар ин лаҳза ҳамроҳ карда нашуданд.

Мувофиқи тавсияҳои СММ, Комиссияи Аврупоии иқтисодии СММ, Мақомоти омори Аврупо нисбат ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ва тавсияи СММ оид ба омори муҳоҷирати байналхалқӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани шумораи аҳолии мавҷуд ва доимӣ меъёри маҳдуди якваҳта – **1 сол (12 моҳ)** қабул карда шуда буд.

Барӯйхатгирии аҳолӣ бояд ҳамаи ҳудуди мамлакатро фаро гирад. Пуррагии фарогирии он талаб менамояд, ки дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ бояд ҳар як фарде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузур ва ё истиқомат дорад, ба ҳисоб гирифта шавад.

Аз барӯйхатгирии аҳолии соли 1989 сар карда то инҷониб ду намуди гурӯҳи аҳолӣ – доимӣ ва мавҷуд ба ҳисоб гирифта мешавад. Аҳолии доимиро шахсоне ташкил медиҳанд, ки доимо дар маҳалли аҳолинишини муайян истиқомат доранд, новобаста аз он, ки онҳо дар санаи барӯйхатгирӣ дар ин маҳал ҳастанд ва ё не. Аҳолии мавҷудро шахсоне ташкил медиҳанд, ки онҳо дар санаи барӯйхатгирӣ дар маҳалли аҳолинишини мазкур ҳастанд, новобаста аз он, ки дар маҳал доимо ва ё муваққатан истиқомат доранд.

Барӯйхатгирии ин ду гурӯҳи аҳолӣ барои ҳисоби аниқи аҳолӣ мусоидат намуда, барои мамлакати на он қадар бузурги Тоҷикистон ба таври қатъӣ муҳим аст. Ғайр аз он, барои мақсадҳои мухталиф маълумотҳо дар бораи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ зарур аст. Барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, мактабҳо, дармонгоҳҳо, боғчаҳои бачагона, иншоотҳои маишӣ-маданӣ бояд шумораи аҳолии доимиро донист, вале барои ташаккул додани хати савдо – аҳолии мавҷудро.

Шахсоне, ки дар лаҳзаи муайяншуда (лаҳзае, ки аз он пурсиши аҳолӣ оғоз мегардад, яъне 21 сентябри соли 2010) дар манзили мазкур **камтар аз як сол** муваққатӣ истиқомат доштанд, яъне истиқоматкунандаи муваққатӣ буданд, дар **шумораи умумии аҳолии мавҷуд** ба ҳисоб гирифта шуданд.

Шахсоне, ки маъмулан дар маҳалли истиқомати доимӣ истиқомат доштанду, аммо дар лаҳзаи ҳассоси барӯйхатгирӣ дар давоми **камтар аз як сол** ғоиб буданд, ба сифати муваққатан ғоиб ба ҳисоб гирифта шуданд, аз ин рӯ, онҳо дар **шумораи умумии аҳолии доимӣ** ба қайд гирифта шуданд.

Ба шумораи аҳолии доимӣ инчунин шахсоне, ки ба маҳалли мазкур барои истиқомати доимӣ аз дигар маҳалли аҳолинишин ба мӯҳлати **зиёда аз 1 сол** омадаанд, дохил карда шуданд. Кормандони ҳарбӣ, шахсоне, ки дар ҳабс мебошанду нисбат ба онҳо ҳукм бароварда шудааст, дар маҳалли қарор доштаашон дар мақомоти дахлдор ба рӯйхат гирифта шудаанд ва дар ҷамъбасти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 дар ҳамон ҳудуди мазкур ҳамроҳ карда шудаанд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар корҳои дипломатӣ, савдою тиҷорат ва дигар намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа (аз ҷумла аъзоёни оилаи онҳо), инчунин рӯзноманигорони дар хориҷи мамлакат фаъолиятдошта дар маҳалли ҷой гирифтаашон – намояндагиҳо ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхат гирифта шуданд. Донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус ва хонандаҳои муассисаҳои таҳсилоти касбию техникии ибтидоӣ, ки дар маҳалли таҳсил (масалан, дар хобгоҳи умумӣ, манзили кироя ва ё иҷора) истиқомат мекунанд, дар ҷои таҳсилашон ба рӯйхат гирифта шудаанд.

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо усули анъанавӣ, яъне бо роҳи пурсиш дар маҳалли истиқоматии шаҳрвандон гузаронида шуд. Пурсиш ва қайди маълумотҳоро кормандони махсуси таълимгирифта – ҳисобчиёни барӯйхатгирӣ ба ҷо оварданд.

## 1.2. Воҳиди таҳқиқоти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил

Дар давраи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 мувофиқи тавсияҳои Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ воҳиди таҳқиқот, чун дар барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум, хонавода қабул карда шудааст.

Хонавода – ин як шахс ё ҷамъи шахсоне, ки дар як бинои зист ё қисми он зиндагӣ мекунанд ва танҳо ё дар якҷоягӣ худро бо маҳсулоти хӯрока ва дигар воситаҳои зарурӣ ба зиндагӣ таъмин мекунанд. Хонавода метавонад оиларо дар бар гирад ва ғайр аз он, дигар шахсонеро, ки ба ҳайати оила дохил нестанд, низ дар бар гирад. Истифодабарии хонавода ҳамчун воҳиди таҳқиқот омӯзиши оиларо маҳдуд наменамояд, зеро дар ҷараёни коркарди ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирии аҳолӣ аз таркиби хонавода ҷудо намудани оила имконпазир аст.

Дар қатори оилаҳои хонаводагӣ дигар намудҳои хонаводаҳо низ вуҷуд доранд, яъне гурӯҳӣ (коллективӣ), шахсоне, ки алоқаи хешу таборӣ надоранд, вале якҷоя дар манзилҳои истиқоматии ба монанди хобгоҳ, хонаи пиронсолон, хона-интернати мактаббачагон ва ғайраҳо зиндагӣ мекунанд. Дар навбати худ, хонаводаҳое, ки аз як нафар иборатанд ва манзили истиқоматии худро доранд, низ ҳамчун хонавода қабул карда мешаванд.

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил баробари гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ, бори аввал барӯйхатгирии фонди манзил низ гузаронида шуд. Воҳиди таҳқиқоти барӯйхатгирии фонди манзил бинои истиқоматӣ интихоб карда шуд.

Бо ин мақсад, мувофиқи меъёрҳои умумиҷаҳонӣ, тавсияҳои СММ, Конференсияи Оморчиёни Аврупо ва Кумитаи омори ИДМ, саволномаи махсуси шакли 4 «Фонди манзил» таҳия гардида, бо як қатор вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ мувофиқа карда шуд.

Шакли 4 «Фонди манзил» барои хонаҳои истиқоматӣ, новобаста аз мансубият ва аз он, ки дар онҳо аҳолӣ истиқомат мекунад ё не, тартиб дода шуд.

# 1.3. Аҳамияти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил барои мақомотҳои омор ва манфиатнокии маълумотҳои барӯйхатгирӣ

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил қисми ҷудонашавандаи фаъолияти мақомоти омори мамлакат ба шумор рафта, манбаи асосии маълумотҳои оморӣ дар бораи тавсифҳои аҳолӣ ва шароитҳои манзилии он буда, яке аз дархостҳои асосии ин мақомотҳоро таъмин менамояд.

Мақсади асосии барӯйхатгирии аҳолӣ – ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди маълумоти муфассал дар бораи тавсифҳои аниқи аҳолӣ дар лаҳзаи муайян мебошад. Дар шароити муосир маълумотҳои барӯйхатгирӣ ба таври васеъ истифода бурда шуда, доираи истифодабарандагон гуногун мебошад.

Берун аз ҳудуди пурсишҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ васеъ намудани мундариҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, моҳият ва манфиатнокии барӯйхатгирии аҳолиро барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар истифодабарандагони маълумотҳои барӯйхатгирӣ зиёд менамояд.

Дар баробари ин, маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ барои ҳисоб карда баровардани коэффитсиенти ҳаракати табиии аҳолӣ ва бо маълумотҳои муҳоҷирати аҳолӣ барои баҳо додан ба шумораи аҳолӣ дар оянда, хизмат менамоянд.

Дар доираи мақомоти омори давлатӣ натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил барои таҳқиқотҳои гуногуни оморӣ, ки ба омӯзиши тавсифи демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ заруранд, асос шуда метавонад. Дар қатори онҳо, барои баҳо додан ба захираҳои меҳнатӣ, ҳолати ҷории демографӣ ва иҷтимоӣ, банақшагирии барномаҳоии ҳифзи иҷтимоӣ, беҳтар намудани мавқеи иҷтимоию иқтисодии занҳо, таҳияи сиёсати манзиливу коммуналӣ, муайян намудани гурӯҳҳои махсуси аҳолӣ (кӯдакон, ҷавонон, пиронсолон ва маъюбон) ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз мусоидат менамояд.

Барои таҳияи сиёсати миллии ташаккулёбӣ, нишондоди шумораи аҳолӣ аз рӯи ноҳия ва тақсимоти он ба шаҳру деҳот, маълумотҳо дар бораи шароити манзилии аҳолӣ (масоҳати умумӣ ва истиқоматии манзили ишғолкарда шуда ба ҳар як нафар истиқоматкунанда, сатҳи ободонии хонаҳои истиқоматӣ ва дигарҳо) аҳамияти махсус доранд.

Маводҳои барӯйхатгирии аҳолӣ барои назорати қайди ҳолати шаҳрвандии аҳолӣ аҳамияти ҷиддӣ дошта, ҳамчун воситаи тафтиши саҳеҳии омори ҷорӣ дар бораи таваллуд ва фавт хизмат мерасонанд, яъне маълумотҳои омори ҷорӣ оид ба ҳаракати табии аҳолӣ бо натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ муқоиса карда мешаванд.

Дар асоси маълумотҳое, ки дар натиҷаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ба даст оварда шудаанд, имконият пайдо мешавад, ки барӯйхатгирии кишоварзӣ ва дигар мушоҳидаҳои оморӣ (қувваи корӣ, тиббӣ-демографӣ, барӯйхатгирии кишоварзӣ, буҷети хонаводаҳо ва ғ.) дар амал татбиқ карда шаванд.

Инчунин аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил муайян намудани тақсимоти аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо, баробар ташкил кардани ҳавзаҳои интихоботӣ ва қитъаҳо дар давраи интихобот имконият пайдо мешавад.

# II. Тавсифҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 2.1. Тавсифҳои ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон – давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буда, дар ҷанубу шарқи Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст. Дар ғарб ва шимол ҷумҳурӣ бо Узбекистон (910 км) ва Қирғизистон (630 км), дар ҷануб бо Афғонистон (1030 км), дар шарқ бо Хитой (430 км) ҳамсарҳад мебошад. 93 фоизи ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки ба силсилаи баландтарини кӯҳҳои Осиёи Марказӣ, Тиён-Шон ва Помир тааллуқ доранд.

Нуқтаи баландтарин ин қуллаи Сомонӣ (7495 метр аз сатҳи баҳр) мебошад.

Дарёҳои дарозтарин – Сирдарё, Амударё, Зарафшон.

Кӯлҳои калонтарин – Қароқул ва Сарез.

Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 142,6 ҳазор километри мураббаъ буда, шумораи аҳолии доимии он, мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ба ҳолати 21 сентябри соли 2010, 7564,5 ҳазор нафарро ташкил дод.

Пойтахташ – шаҳри Душанбе бо аҳолии 724,8 ҳазор нафар.

Воҳиди пулӣ - сомонӣ, аз 1 ноябри соли 2000 ҷорӣ шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурии сермиллат мебошад, ки дар ҳудуди он зиёда аз 100 миллат ва халқият истиқомат мекунад. Аҳолии муқимӣ - тоҷикон, мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010, зиёда аз 84 фоизро аз шумораи умумии аҳолӣ ташкил медиҳанд.

Забони давлатӣ - тоҷикӣ, забони русӣ ҳамчун забони муоширати байналхалқӣ истифода бурда мешавад. Ҳамаи миллат ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ истиқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд бо забони модарии худ муошират намуда, ҳуқуқ, озодӣ ва имкониятҳои баробар доранд.

## 2.2. Тағйирёбии шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣ дар фосилаи байни барӯйхатгирии аҳолии солҳои 2000 ва 2010

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ба ҳолати 21 сентябри соли 2010 шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ - 7564,5 ҳазор нафарро ташкил кард. Дар муддати 10 сол,

яъне пас аз барӯйхатгирии аҳолии соли 2000, аҳолии ҷумҳурӣ 1437 ҳазор нафар ё 23 фоиз афзудааст.

**Тағйир ёфтани шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои пешин**




Динамикаи шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгириҳои солҳои пешин чунин аст:

| | Шумораи аҳолӣ, ҳаз. нафар | | | | | Соли 2010 нисбат ба соли 2000, фоиз | Афзоиши миёнаи солонаи аҳолӣ, фоиз | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | с.1970 | с.1979 | с.1989 | с.2000 | с.2010 | | с.1970-1978 | с. 1979-1988 | с.1989-1999 | с.2000-2009 |
| **Ҳамаи аҳолӣ** | **2898,3** | **3806,2** | **5092,6** | **6127,5** | **7564,5** | **123,5** | **3,1** | **3,0** | **1,7** | **2,0** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | | | | |
| аҳолии шаҳру шаҳракҳо | 1073,5 | 1315,8 | 1655,1 | 1626,0 | 2006,6 | 123,4 | 2,3 | 2,3 | -0,2 | 2,0 |
| аҳолии деҳот | 1824,8 | 2490,4 | 3437,5 | 4501,5 | 5557,9 | 123,5 | 3,5 | 3,3 | 2,5 | 2,0 |

Зиёдшавии шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2000-2010-ум аз ҳисоби афзоиши табиӣ ё аз ҳисоби

нишондиҳандаҳои баланди таваллуд нисбат ба фавт ба вуҷуд омадааст.

Нишондиҳандаи афзоиши табии аҳолӣ аз нишондиҳандаи муҳоҷирати аҳолӣ дар давраи солҳои 2000-2010 низ баланд мебошад, ки зиёдшавии шумораи аҳолиро таъмин намуда, пурра менамояд.

Омилҳои афзоиши шумораи аҳолӣ ба ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ хос мебошанд, ба ғайр аз ш. Душанбе ва ВМКБ. Дар ш. Душанбе ғайр аз афзоиши табиии аҳолӣ, инчунин муҳоҷирати аҳолӣ аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар мерасад**. Дар ВМКБ бошад, нишондиҳандаи афзоиши табиии аҳолӣ аз ҳисоби таваллудшудаҳо +13,0 ҳазор нафар ба нишондиҳандаи муҳоҷирати умумии аҳолӣ асосан ба шаҳри Душанбе (-13,0 ҳазор нафар) баробар шудааст.** Ба замми ин, бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2008 № 467 аз ноҳияи Дарвози ВМКБ ба ноҳияи Тавилдара деҳаҳои Сайёд, Сайёди нав, Ҳур, Ғурум, Вучун ва Сабзихарв бо 2,4 ҳазор нафар аҳолӣ дода шуда буданд. Дар натиҷа шумораи аҳолии ВМКБ зиёд нашуда, бетағйир мондааст.

Тағйироти шумораи аҳолии доимӣ дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ бо маълумотҳои зерин тавсиф карда мешавад:

| | Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | | с.2010 бо фоиз нисбат ба с.2000 | Афзоиши шумораи аҳолӣ дар солҳои 2000-2010 (ҳазор нафар) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2010 | | ҳама гӣ | аз ҳисоби афзоиши табиӣ | аз ҳисоби муҳоҷи-рат |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **6127** | **7565** | **123,5** | **1438** | **1563** | **-125** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 206 | 206 | 99,97 | - | 13 | -13 |
| Вилояти Суғд | 1872 | 2234 | 119,3 | 362 | 409 | -47 |
| Вилояти Хатлон | 2150 | 2677 | 124,5 | 527 | 592 | -65 |
| ш. Душанбе | 562 | 725 | 129,0 | 163 | 147 | 16 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1337 | 1723 | 128,8 | 386 | 402 | -16 |

Дар давраи байни барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 1989-2000-ум суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ 1,7 фоизро ташкил намуд. Суръати ҳарсолаи афзоиши аҳолӣ дар давраи солҳои 2000-2010-ум пасту баланд шуда, суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ 2,0 фоизро ташкил кардааст.

Суръати баланди миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ дар давраи солҳои 2000-2010 дар вилояти Хатлон (2,1 фоиз), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (2,4 фоиз) ва шаҳри Душанбе (2,5 фоиз) мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷа, зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар фосилаи солҳои 2000 ва 2010 дар вилояти Хатлон – 24,5 фоиз, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 28,8 фоиз ва шаҳри Душанбе 29,0 фоизро ташкил намуд, ки ин аз нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳуриявӣ зиёд мебошад.

Дар ВМКБ ва вилояти Суғд бошад суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ дар даҳсолаи охир мутаносибан -0,02 ва +1,7 фоизро ташкил намуд, ки дар натиҷа шумораи аҳолии ВМКБ бетағйир монда, шумораи аҳолии вилояти Суғд бошад 19,3 фоиз афзудааст.

Ҷараёни пастшавии таваллуд, ки дар мобайни солҳои 70-ум аён гардида буд, дар солҳои 90-ум ин ҳолат вусъат гирифта, адади таваллуд то 30-32 нафар кӯдакро ба 1000 нафар аҳолӣ ташкил намуд ва солҳои 2000-2010 ин нишондиҳанда боз ҳам паст фаромада, то 27-28 адад таваллуди кӯдакро ба 1000 нафар аҳолӣ ташкил дод.

Ба тағйир ёфтани шумораи аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар баробари афзоиши табиии аҳолӣ (таваллуд ва фавт) инчунин муҳоҷирати аҳолӣ таъсири худро расонид. Оид ба ҳаҷми афзоиши муҳоҷират дар давраҳои алоҳида маълумотҳои ҷадвали зерин шаҳодат медиҳанд:

| | Афзоиши муҳоҷират ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳазор нафар | | |
|---|---|---|---|
| | с.1979-1988 | с.1989-1999 | с. 2000-2009 |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | -70,8 | -425,2 | -13,4 |
| *аз он ҷумла:* | | | |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | -12,0 | -6,4 | -1,1 |
| Вилояти Суғд | -16,4 | -112,9 | -4,7 |
| Вилояти Хатлон | -34,7 | -107,8 | -6,1 |
| ш. Душанбе | +26,1 | -134,6 | +1,5 |
| Шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | -7,7 | -63,5 | -1,7 |

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, афзоиши муҳоҷират ба ҳисоби миёна дар як сол дар давраи солҳои 1979-1988 дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гуногун буда, ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 1989-1999 дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли зиёдшавиро фаро гирифтааст. Дар давраи солҳои 2000-2009 бошад пастравии нишондиҳандаи афзоиши муҳоҷират ба ҳисоби миёна

дар як сол дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар мерасад, ба ғайр аз ш. Душанбе, ки дар ин давра ҷараёни баръакс, яъне кӯчида омадани аҳолӣ ба пойтахт мушоҳида карда мешавад. Дар даҳсолаи охир афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ асосан аз маҳалҳои деҳоти ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст.

## 2.3. Тақсимоти маъмурӣ - ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 21 сентябри соли 2010)

Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии вуҷуддоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: мамлакат аз як вилояти мухтор (ВМКБ), ду вилоят (Суғд ва Хатлон), пойтахт (шаҳри Душанбе) ва 13 шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иборат мебошад. Ҳар як вилоят дар ҳайати худ ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи вилоятиро дорад. Дар навбати худ, ба ҳайати ноҳияҳо шаҳракҳо ва ҷамоатҳои деҳот (шаҳрак) дохил мешаванд, ки маҳалҳои аҳолиниши деҳотро (деҳаҳоро) муттаҳид месозанд (харитаи №1).

| | Ҳудуд ҳаз. км $^2$ [1] | Зичии аҳолӣ (шумораи сокинон дар 1 км$^2$) | Шумораи воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ноҳия-ҳо | шаҳрҳо: ҳамагӣ | шаҳрҳо: аз онҳо тобеи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ | шаҳракҳо | ҷамоатҳои деҳот | маҳалҳои аҳолинишин |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 142,6 | 53,1 | 58 | 17 | 17 | 57 | 369 | 3950 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 64,1 | 3,2 | 7 | 1 | 1 | - | 43 | 394 |
| Вилояти Суғд | 25,2 | 88,7 | 14 | 8 | 8 | 22 | 93 | 658 |
| Вилояти Хатлон | 24,7 | 108,5 | 24 | 4 | 4 | 21 | 133 | 1565 |
| ш. Душанбе | 0,1 | 5725,9 | - | 1 | 1 | - | - | - |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 28,5 | 60,5 | 13 | 3 | 3 | 14 | 100 | 1333 |

[1] Аз рӯи маълумотҳои Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010, аҳолии шаҳрҳои ҷумҳурӣ дар 74 маҳалли шаҳрӣ истиқомат мекунанд (17 шаҳр ва 57 шаҳрак).

Миқдори шаҳрҳо нисбат ба соли 2000-ум 5 адад кам шуда, миқдори шаҳракҳо 10 адад афзудааст.

Ба ҳолати 21 сентябри соли 2010 дар ҷумҳурӣ 17 шаҳр ба ҳисоб гирифта шудааст. Миқдори онҳо соли 2000-ум 22 адад буд. Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2005 №№610, 611, 612 - 5 шаҳр ба шаҳрак номгузорӣ карда шуд: шаҳрҳои Ёвон, Панҷ, Б.Ғафуров, Шӯроб ва Ҳисор.

Табдил додани маҳалҳои деҳот ба маҳалҳои шаҳрӣ бо суръати начандон тез гузашта истодааст. Дар давоми 10 сол дар ҷумҳурӣ бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ 4 маҳалли шаҳрӣ аз ҳисоби маҳалҳои деҳот таъсис дода шудаанд, ки ин шаҳракҳои Обикиики ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон (№ 423 аз 16 июли соли 2003), Ваҳдати ноҳияи Ҷиргатол (№ 510 аз 5 июни соли 2008), Мирзо Турсунзодаи ноҳияи Рӯдакӣ (№ 616 аз 12 марти соли 2009) ва Нӯъмон Розиқи ноҳияи Ваҳдат (№ 620 аз 12 марти соли 2009) мебошанд.

Дар ҳафт ноҳияи ВМКБ (ноҳияҳои Шуғнон, Рӯшон, Ишкошим, Мурғоб, Ванҷ, Дарвоз ва Роштқалъа), ду ноҳияи вилояти Суғд (Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ), панҷ ноҳияи вилояти Хатлон (Қубодиён, Балҷувон, Ховалинг, Шӯрообод ва Носири Хусрав) ва ду ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ (Тоҷикобод ва Тавилдара) тамоман маҳалҳои шаҳрӣ вуҷуд надоранд.

## Воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(ба ҳолати 21 сентябри соли 2010)

| т.р. | Номгӯи воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ |
|---|---|
| **1.** | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** |
| | аз он ҷумла: |
| 1.1 | ш. Хоруғ |
| 1.2. | ноҳияи Ванҷ |
| 1.3 | ноҳияи Дарвоз |
| 1.4 | ноҳияи Ишкошим |
| 1.5 | ноҳияи Мурғоб |
| 1.6 | ноҳияи Роштқалъа |
| 1.7 | ноҳияи Рӯшон |
| 1.8 | ноҳияи Шуғнон |

| т.р. | Номгӯи воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ |
|---|---|
| **2.** | **Вилояти Суғд** |
| | аз он ҷумла: |
| 2.1 | ш. Хуҷанд |
| 2.2 | ш. Истаравшан |
| 2.3 | Қайроққум (Ҳукумат) |
| 2.4 | Чкалов (Ҳукумат) |
| 2.5 | ноҳияи Айнӣ |
| 2.6 | ноҳияи Ашт |
| 2.7 | ноҳияи Б. Ғафуров |
| 2.8 | ноҳияи Ғончӣ |
| 2.9 | ноҳияи Зафаробод |
| 2.10 | Истаравшан |
| 2.11 | ноҳияи Исфара |
| 2.12 | ноҳияи Конибодом |
| 2.13 | ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ |
| 2.14 | ноҳияи Мастчоҳ |
| 2.15 | ноҳияи Панҷакент |
| 2.16 | ноҳияи Спитамен |
| 2.17 | ноҳияи Ҷ. Расулов |
| 2.18 | ноҳияи Шаҳристон |
| **3.** | **Вилояти Хатлон** |
| | аз он ҷумла: |
| 3.1. | ш. Қӯрғонтеппа |
| 3.2 | ноҳияи А. Ҷомӣ |
| 3.3 | ноҳияи Балҷувон |
| 3.4 | ноҳияи Бохтар |
| 3.5 | ноҳияи Вахш |
| 3.6 | ноҳияи Восеъ |
| 3.7 | ноҳияи Данғара |
| 3.8 | ноҳияи Ёвон |
| 3.9 | ноҳияи Кӯлоб |
| 3.10 | ноҳияи Қубодиён |
| 3.11 | ноҳияи Қумсангир |
| 3.12 | ноҳияи М. С. А. Ҳамадонӣ |
| 3.13 | ноҳияи Мӯъминобод |
| 3.14 | ноҳияи Норак |
| 3.15 | ноҳияи Н. Хусрав |
| 3.16 | ноҳияи Панҷ |
| 3.17 | ноҳияи Сарбанд |
| 3.18 | ноҳияи Темурмалик |
| 3.19 | ноҳияи Фархор |
| 3.20 | ноҳияи Ховалинг |
| 3.21 | ноҳияи Хуросон |
| 3.22 | ноҳияи Ҷ. Румӣ |
| 3.23 | ноҳияи Ҷиликӯл |
| 3.24 | ноҳияи Шаҳртуз |
| 3.25 | ноҳияи Шӯрообод |

| т.р. | Номгӯи воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ |
|---|---|
| **4.** | **ш. Душанбе** |
| | аз он ҷумла: |
| 4.1 | ноҳияи И. Сомонӣ |
| 4.2 | ноҳияи Сино |
| 4.3 | ноҳияи Фирдавсӣ |
| 4.4 | ноҳияи Шоҳмансур |
| **5.** | **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** |
| | аз он ҷумла: |
| 5.1 | Ваҳдат |
| 5.2 | ноҳияи Варзоб |
| 5.3 | ноҳияи Нуробод |
| 5.4 | ноҳияи Рашт |
| 5.5 | ноҳияи Роғун |
| 5.6 | ноҳияи Рӯдакӣ |
| 5.7 | ноҳияи Тавилдара |
| 5.8 | ноҳияи Тоҷикобод |
| 5.9 | ноҳияи Турсунзода |
| 5.10 | ноҳияи Файзобод |
| 5.11 | ноҳияи Ҳисор |
| 5.12 | ноҳияи Ҷиргатол |
| 5.13 | ноҳияи Шаҳринав |

## 2.4. Тақсимоти аҳолии ҷумҳурӣ ба маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот

Шумораи аҳолии шаҳру шаҳракҳо тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 - **2006,6 ҳазор нафарро** ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2000-ум ба 380,6 ҳазор нафар ё 23,4 фоиз афзудааст.

| Солҳои барӯй-хатгирӣ | Ҳамаи аҳолӣ, ҳаз. нафар | аз он ҷумла | | Бо % нисбат ба барӯйхатгирии пешина | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | аҳолии шаҳру шаҳракҳо | аҳолии деҳот | ҳамаи аҳолӣ | аҳолии шаҳру шаҳракҳо | аҳолии деҳот |
| с.1979 | 3806,2 | 1315,8 | 2490,4 | 131 | 122 | 137 |
| с.1989 | 5092,6 | 1655,1 | 3437,5 | 134 | 126 | 138 |
| с.2000 | 6127,5 | 1626,0 | 4501,5 | 120 | 98 | 131 |
| с.2010 | 7564,5 | 2006,6 | 5557,9 | 124 | 123 | 124 |

Омили асосии афзоиши шумораи аҳолӣ ҳам дар маҳалҳои шаҳрӣ ва ҳам дар маҳалҳои деҳот бо зиёд будани таваллуд нисбат ба фавт асоснок карда мешавад.

Чунончӣ, дар маҳалҳои шаҳрӣ дар даҳ соли охир шумораи аҳолии таваллудшуда 506,1 ҳазор нафар ва шумораи аҳолии фавтида 103,7 ҳазор нафарро ташкил намуд, фарқият байни таваллуд ва фавт, яъне афзоиши табиии аҳолии маҳалҳои шаҳрӣ 402,4 ҳазор нафар мебошад.

Шаҳри бузургтарини ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе мебошад, ки шумораи аҳолиаш нисбат ба соли 2000-ум 162,9 ҳазор нафар ё 29 фоиз афзуда, 724,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Шаҳри Хуҷанд аз рӯи бузургӣ дуввумин шаҳре мебошад, ки шумораи аҳолиаш нисбат ба соли 2000-ум 15,7 ҳазор нафар ё 11 фоиз афзуда, 162,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Се шаҳр (Истаравшан, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб) ба гурӯҳи шаҳрҳои шумораи аҳолиашон аз 50 то 100 ҳазор нафар дохил мешаванд. Аз ҳама бештар бо суръати баланд шумораи аҳолии шаҳри Роғун афзудааст, ки дар фосилаи байни барӯйхатгириҳо 1,7 баробар зиёд шудааст ва ин ҳолат ба кӯчида омадани аҳолӣ ба сохтмони НБО-и Роғун вобаста аст.

## Шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | | Соли 2010 нисбат ба соли 2000-ум, фоиз |
|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | |
| **Шаҳрҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | | |
| Хоруғ | 27,4 | 28,1 | 102,6 |
| **Шаҳрҳои вилояти Суғд** | | | |
| Хуҷанд | 147,1 | 162,8 | 110,7 |
| Исфара | 36,8 | 42,9 | 116,6 |
| Қайроққум | 12,0 | 14,3 | 119,2 |
| Конибодом | 44,7 | 46,5 | 104,0 |
| Панҷакент | 32,6 | 38,5 | 118,1 |
| Истаравшан | 50,4 | 54,7 | 108,5 |
| Табошар | 12,2 | 14,2 | 116,4 |
| Чкалов | 21,6 | 26,0 | 120,4 |
| **Шаҳрҳои вилояти Хатлон** | | | |
| Қӯрғонтеппа | 60,5 | 75,5 | 124,8 |
| Кӯлоб | 77,7 | 95,0 | 122,3 |
| Норак | 19,3 | 24,8 | 128,5 |
| Сарбанд | 10,9 | 14,2 | 130,3 |
| **Шаҳри Душанбе** | | | |
| | 561,9 | 724,8 | 129,0 |

| | Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | | Соли 2010 нисбат ба соли 2000-ум, фоиз |
|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | |
| **Шаҳрҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | | |
| Ваҳдат | 44,7 | 40,6[2] | 90,8 |
| Турсунзода | 37,8 | 46,7 | 123,5 |
| Роғун | 7,9 | 13,8 | 174,7 |

Дар ҷадвали зерин гурӯҳбандии маҳалҳои шаҳрӣ аз рӯи шумораи аҳолӣ оварда мешавад:

| | Миқдори маҳалҳои шаҳрӣ | | Шумораи аҳолӣ, ҳаз. нафар | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | с. 2000 | с. 2010 | с. 2010 нисбат ба с.2000, % |
| **Ҳамаи маҳалҳои шаҳрӣ** | **69** | **74** | **1626,0** | **2006,6** | **123,4** |
| **Шаҳрҳо** | **22** | **17** | **1273,9** | **1463,5** | **114,9** |
| аз онҳо бо шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар) | | | | | |
| то 10 | 3 | - | 20,1 | - | - |
| 10 – 19,9 | 5 | 4 | 69,3 | 56,6 | 81,7 |
| 20 – 49,9 | 9 | 8 | 287,0 | 294,1 | 102,5 |
| 50 - 74,9 | 2 | 1 | 110,9 | 54,8 | 49,4 |
| 75 - 99,9 | 1 | 2 | 77,7 | 170,4 | 2,2 бар. |
| 100 - 499,9 | 1 | 1 | 147,0 | 162,8 | 110,7 |
| 500 ва зиёдтар | 1 | 1 | 561,9 | 724,8 | 129,0 |
| **Шаҳракҳо** | **47** | **57** | **352,1** | **543,1** | **154,2** |
| аз онҳо бо шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар) | | | | | |
| то 3 | 12 | 13 | 24,5 | 27,3 | 111,4 |
| 3 - 4,9 | 9 | 7 | 36,2 | 30,2 | 83,4 |
| 5 - 9,9 | 10 | 13 | 73,6 | 96,8 | 131,5 |
| 10 - 19,9 | 16 | 17 | 217,8 | 228,8 | 105,0 |
| 20 ва зиёдтар | - | 7 | - | 160,0 | - |

Новобаста аз он, ки дар давоми даҳ соли охир қисман тағйирёбии маҳалҳои деҳот (дохил шудани онҳо ба ҳудуди маҳалҳои шаҳрӣ) ба амал омад, миқдори маҳалҳои деҳот дар давраи байни барӯйхатгириҳо ба 147 адад афзуда, бо назардошти 8 деҳаи бе аҳолӣ - 3950 ададро ташкил намуд.

[2]) Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2009 № 620 дар ҳудуди ноҳияи Ваҳдат таъсис додани шаҳраки Нӯъмон Розиқ ва ба вай додани 16 кӯчаи қисми шимолии шаҳри Ваҳдат, шумораи аҳолии шаҳри Ваҳдат дар соли 2010 нисбат ба барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум кам шуд.

Шумораи аҳолии деҳот, ки ба ҳолати 21 сентябри соли 2010 - **5557,9 ҳазор нафарро** ташкил намуд, дар давоми даҳсолаи охир ба 1056,4 ҳазор нафар ё 23,5 фоиз афзудааст.

Омили асосии афзоиши шумораи аҳолии маҳалҳои деҳот низ бо зиёд будани таваллуд нисбат ба фавт асоснок карда мешавад.

Таносуби аҳолии шаҳру шаҳракҳо ва маҳалҳои деҳот дар муқоиса бо барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум тамоман тағйир наёфтааст. Ҳиссаи аҳолии шаҳру шаҳракҳо дар шумораи умумии аҳолӣ 26,5 фоиз (соли 2000 - 26,5 фоиз) ва ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолӣ 73,5 фоизро ташкил намуд (соли 2000-73,5 фоиз буд).

Тағйироти шумора ва тақсимоти аҳолии шаҳру шаҳракҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ бо маълумотҳои ҷадвали зерин тавсиф карда мешаванд.

| Солҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ | Ҳамаи аҳолӣ (ҳазор нафар) | аз он ҷумла аҳолии | | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамаи аҳолӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | шаҳру шаҳракҳо | деҳот | шаҳру шаҳракҳо | деҳот |
| 1970 | 2898,3 | 1073,5 | 1824,8 | 37,0 | 63,0 |
| 1979 | 3806,2 | 1315,8 | 2490,4 | 34,6 | 65,4 |
| 1989 | 5092,6 | 1655,1 | 3437,5 | 32,5 | 67,5 |
| 2000 | 6127,5 | 1626,0 | 4501,5 | 26,5 | 73,5 |
| 2010 | 7564,5 | 2006,6 | 5557,9 | 26,5 | 73,5 |

Аҳолӣ яке аз омилҳои асосии истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои моддӣ ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ гардидани инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарурати мавҷуд будани маълумотҳои аниқ ва дақиқ оид ба шумораи аҳолӣ, тақсимоти он аз рӯи синну сол, минтақаҳо ва ҳайат ба миён меояд.

Чуноне маълум аст, тавсифи пурра ва ҳаматарафаи ҷараёнҳои демографиро танҳо аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ба даст гирифтан имконият дорад. Барномаҳои ҳамаи барӯйхатгириҳои аҳолии дар ҷумҳурӣ гузаронида шуда чунин саволҳоро ба мисли, ҷинс, синну сол, миллати пурсидашавандагон, ҷойи истиқомати доимӣ, мӯҳлати ғоиб будан дар он ва дигарҳоро дар бар гирифтаанд. Ин имконият дод, ки маълумоти мукаммал оид ба шумора ва ҳайати аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо гирифта шавад.

# Тағйирёбии шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақаҳо

| | Ҳазор нафар дар соли: | | | | соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | |
| Ҳамаи аҳолӣ | **3806,2** | **5092,6** | **6127,5** | **7564,5** | **198,7** | **148,5** | **123,5** |
| аҳолии шаҳр | 1315,8 | 1655,1 | 1626,0 | 2006,6 | 152,5 | 121,2 | 123,4 |
| аҳолии деҳот | 2490,4 | 3437,5 | 4501,5 | 5557,9 | 2,2 бар. | 161,7 | 123,5 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | | | | | | |
| Ҳамаи аҳолӣ | **127,7** | **160,9** | **206,0** | **206,0** | **161,3** | **128,0** | **100,0** |
| аҳолии шаҳр | 17,9 | 20,2 | 27,4 | 28,1 | 157,0 | 139,1 | 102,6 |
| аҳолии деҳот | 109,8 | 140,7 | 178,6 | 177,9 | 162,0 | 126,4 | 99,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ш. Хоруғ | 17,9 | 20,2 | 27,4 | 28,1 | 157,0 | 139,1 | 102,6 |
| ноҳияи Ванҷ (аҳолии деҳот) | 15,9 | 20,7 | 28,3 | 30,8 | 193,7 | 148,8 | 108,8 |
| ноҳияи Дарвоз (аҳолии деҳот) | 13,2 | 17,1 | 24,0 | 21,0 | 159,1 | 122,8 | 87,5 |
| ноҳияи Ишқошим (аҳолии деҳот) | 15,3 | 20,0 | 26,3 | 29,7 | 194,1 | 148,5 | 112,9 |
| ноҳияи Мурғоб (аҳолии деҳот) | 10,0 | 12,8 | 15,6 | 13,8 | 138,0 | 107,8 | 88,5 |
| ноҳияи Роштқалъа (аҳолии деҳот) | 15,0 | 20,0 | 24,2 | 24,4 | 162,7 | 122,0 | 100,8 |
| ноҳияи Рӯшон (аҳолии деҳот) | 15,7 | 18,7 | 24,1 | 23,8 | 151,6 | 127,3 | 98,8 |
| ноҳияи Шуғнон (аҳолии деҳот) | 24,7 | 31,4 | 36,1 | 34,4 | 139,3 | 109,6 | 95,3 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | |
| Ҳамаи аҳолӣ | **1194,9** | **1554,2** | **1872,0** | **2233,5** | **186,9** | **143,7** | **119,3** |
| аҳолии шаҳр | 429,8 | 522,4 | 496,6 | 557,3 | 129,7 | 106,7 | 112,2 |
| аҳолии деҳот | 765,1 | 1031,8 | 1375,4 | 1676,2 | 2,2 бар. | 162,5 | 121,9 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ш. Хуҷанд | 129,1 | 159,4 | 147,1 | 162,8 | 126,1 | 102,1 | 110,7 |
| ш. Истаравшан | 37,4 | 45,1 | 50,4 | 54,7 | 146,3 | 121,3 | 108,5 |
| ш. Исфара | 26,8 | 33,8 | 36,8 | 42,9 | 160,1 | 126,9 | 116,6 |
| Қайроққум | 38,9 | 41,7 | 35,4 | 40,4 | 103,9 | 96,9 | 114,1 |

| | Ҳазор нафар дар соли: | | | | соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 |
| (Ҳукумат) | | | | | | | |
| ш. Конибодом | 31,4 | 37,6 | 44,7 | 46,5 | 148,1 | 123,7 | 104,0 |
| ш. Панҷакент | 17,0 | 27,4 | 32,6 | 38,5 | 2,3 бар. | 140,5 | 118,1 |
| ш. Табошар | 14,9 | 20,3 | 12,2 | 14,2 | 95,3 | 70,0 | 116,4 |
| Чкалов (Ҳукумат) | 31,4 | 36,7 | 24,7 | 28,2 | 89,8 | 76,8 | 114,2 |
| ноҳияи Айнӣ | 44,2 | 53,3 | 64,7 | 72,0 | 162,9 | 135,1 | 111,3 |
| аҳолии шаҳр | 1,8 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 116,7 | 105,0 | 105,0 |
| аҳолии деҳот | 42,4 | 51,3 | 62,7 | 69,9 | 164,9 | 136,3 | 111,5 |
| ноҳияи Ашт | 58,6 | 82,6 | 111,6 | 135,2 | 2,3 бар. | 163,7 | 121,1 |
| аҳолии шаҳр | 6,9 | 9,4 | 11,0 | 13,2 | 191,3 | 140,4 | 120,0 |
| аҳолии деҳот | 51,7 | 73,2 | 100,6 | 122,0 | 2,4 бар. | 166,7 | 121,3 |
| ноҳияи Б. Ғафуров | 160,9 | 208,5 | 257,4 | 315,9 | 196,3 | 151,5 | 122,7 |
| аҳолии шаҳр | 18,6 | 18,5 | 14,9 | 16,9 | 90,9 | 91,4 | 113,4 |
| аҳолии деҳот | 142,3 | 190,0 | 242,5 | 299,0 | 2,1 бар. | 157,4 | 123,3 |
| ноҳияи Ғончӣ | 61,0 | 83,2 | 112,0 | 138,6 | 2,3 бар. | 166,6 | 123,8 |
| аҳолии шаҳр | 5,4 | 7,1 | 8,3 | 9,6 | 177,8 | 135,2 | 115,7 |
| аҳолии деҳот | 55,6 | 76,1 | 103,7 | 129,0 | 2,3 бар. | 169,5 | 124,4 |
| ноҳияи Зафаробод | 27,4 | 41,3 | 48,3 | 60,2 | 2,2 бар. | 145,8 | 124,6 |
| аҳолии шаҳр | 18,5 | 24,1 | 26,4 | 33,1 | 178,9 | 137,3 | 125,4 |
| аҳолии деҳот | 8,9 | 17,2 | 21,9 | 27,1 | 3,0 бар. | 157,6 | 123,7 |
| Истаравшан (аҳолии деҳот) | 63,7 | 91,4 | 128,5 | 167,5 | 2,6 бар. | 183,3 | 130,4 |
| ноҳияи Исфара | 95,3 | 122,0 | 160,3 | 187,9 | 197,2 | 154,0 | 117,2 |
| аҳолии шаҳр | 14,3 | 14,6 | 9,9 | 8,6 | 60,1 | 58,9 | 86,9 |
| аҳолии деҳот | 81,0 | 107,4 | 150,4 | 179,3 | 2,2 бар. | 166,9 | 119,2 |
| ноҳияи Конибодом (аҳолии деҳот) | 70,7 | 90,3 | 114,5 | 134,6 | 190,4 | 149,1 | 117,6 |
| ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (аҳолии деҳот) | 5,1 | 8,2 | 16,5 | 21,1 | 4,1 бар. | 2,6 бар. | 127,9 |
| ноҳияи Мастчоҳ | 53,9 | 72,1 | 84,7 | 101,3 | 187,9 | 140,5 | 119,6 |
| аҳолии шаҳр | 13,2 | 16,7 | 14,6 | 17,1 | 129,5 | 102,4 | 117,1 |
| аҳолии деҳот | 40,7 | 55,4 | 70,1 | 84,2 | 2,1 бар. | 152,0 | 120,1 |
| Ноҳияи Панҷакент (аҳолии деҳот) | 90,5 | 118,8 | 167,1 | 207,2 | 2,3 бар. | 174,4 | 124,0 |
| ноҳияи Спитамен | 58,1 | 78,4 | 97,2 | 116,0 | 199,7 | 148,0 | 119,3 |
| аҳолии шаҳр | 10,8 | 13,2 | 13,0 | 15,1 | 139,8 | 114,4 | 116,2 |
| аҳолии деҳот | 47,3 | 65,2 | 84,2 | 100,9 | 2,1 бар. | 154,8 | 119,8 |

| | Ҳазор нафар дар соли: | | | | соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 |
| ноҳияи | | | | | | | |
| Ҷ. Расулов | 60,9 | 79,9 | 97,5 | 113,2 | 185,9 | 141,7 | 116,1 |
| аҳолии шаҳр | 13,4 | 14,8 | 12,6 | 13,3 | 99,3 | 89,9 | 105,6 |
| аҳолии деҳот | 47,5 | 65,1 | 84,9 | 99,9 | 2,1 бар. | 153,5 | 117,7 |
| ноҳияи Шаҳристон | | | | | | | |
| (аҳолии деҳот) | 17,7 | 22,2 | 27,8 | 34,6 | 195,5 | 155,9 | 124,5 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| Ҳамаи аҳолӣ | **1225,5** | **1700,2** | **2150,1** | **2677,3** | **2,2 бар.** | **157,5** | **124,5** |
| аҳолии шаҳр | 272,3 | 358,8 | 373,9 | 464,0 | 170,4 | 129,3 | 124,1 |
| аҳолии деҳот | 953,2 | 1341,4 | 1776,2 | 2213,3 | 2,3 бар. | 165,0 | 124,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ш. Қургонтеппа | 42,2 | 58,9 | 60,5 | 75,5 | 178,9 | 128,2 | 124,8 |
| ш. Кӯлоб | 54,5 | 73,8 | 77,7 | 95,0 | 174,3 | 128,7 | 122,3 |
| ш. Норак | 19,2 | 20,7 | 19,3 | 24,8 | 129,2 | 119,8 | 128,5 |
| ш. Сарбанд | 10,0 | 13,8 | 10,9 | 14,2 | 142,0 | 102,9 | 130,3 |
| ноҳияи А.Ҷомӣ | 61,8 | 84,6 | 106,3 | 135,5 | 2,2 бар. | 160,2 | 127,5 |
| аҳолии шаҳр | 7,8 | 9,7 | 9,1 | 11,5 | 147,4 | 118,6 | 126,4 |
| аҳолии деҳот | 54,0 | 74,9 | 97,2 | 124,0 | 2,3 бар. | 165,6 | 127,6 |
| ноҳияи Балҷувон | | | | | | | |
| (аҳолии деҳот) | 7,4 | 11,2 | 20,6 | 24,4 | 3,3 бар. | 2,2 бар. | 118,4 |
| ноҳияи Бохтар | 100,6 | 132,1 | 174,3 | 217,7 | 2,2 бар. | 164,8 | 124,9 |
| аҳолии шаҳр | 9,4 | 11,8 | 12,6 | 14,6 | 155,3 | 123,7 | 115,9 |
| аҳолии деҳот | 91,2 | 120,3 | 161,7 | 203,1 | 2,2 бар. | 168,8 | 125,6 |
| ноҳияи Вахш | 73,8 | 102,3 | 125,6 | 159,5 | 2,2 бар. | 155,9 | 127,0 |
| аҳолии шаҳр | 11,5 | 14,7 | 14,5 | 17,3 | 150,4 | 117,7 | 119,3 |
| аҳолии деҳот | 62,3 | 87,6 | 111,1 | 142,2 | 2,3 бар. | 162,3 | 128,0 |
| ноҳияи Восеъ | 80,6 | 110,3 | 148,6 | 177,6 | 2,2 бар. | 161,0 | 119,5 |
| аҳолии шаҳр | 10,6 | 14,7 | 19,4 | 20,6 | 194,3 | 140,1 | 106,2 |
| аҳолии деҳот | 70,0 | 95,6 | 129,2 | 157,0 | 2,2 бар. | 164,2 | 121,5 |
| ноҳияи Данғара | 50,3 | 72,3 | 96,4 | 122,5 | 2,4 бар. | 169,4 | 127,1 |
| аҳолии шаҳр | 12,7 | 16,5 | 18,2 | 22,7 | 178,7 | 137,6 | 124,7 |
| аҳолии деҳот | 37,6 | 55,8 | 78,2 | 99,8 | 2,7 бар. | 178,9 | 127,6 |
| ноҳияи Ёвон | 70,0 | 103,6 | 134,6 | 178,8 | 2,6 бар. | 172,6 | 132,8 |
| аҳолии шаҳр | 15,4 | 21,8 | 23,4 | 32,3 | 2,1 бар. | 148,2 | 138,0 |
| аҳолии деҳот | 54,6 | 81,8 | 111,2 | 146,5 | 2,7 бар. | 179,1 | 131,7 |
| ноҳияи Кӯлоб | | | | | | | |
| (аҳолии деҳот) | 39,7 | 55,1 | 71,4 | 86,4 | 2,2 бар. | 156,8 | 121,0 |
| ноҳияи Қубодиён | | | | | | | |
| (аҳолии деҳот) | 67,5 | 92,8 | 119,3 | 148,3 | 2,2 бар. | 159,8 | 124,3 |

| | Ҳазор нафар дар соли: | | | | соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 |
| ноҳияи Қумсангир | 53,4 | 74,5 | 84,9 | 110,4 | 2,1 бар. | 148,2 | 130,0 |
| аҳолии шаҳр | 6,1 | 8,7 | 10,4 | 14,5 | 2,4 бар. | 166,7 | 139,4 |
| аҳолии деҳот | 47,3 | 65,8 | 74,5 | 95,9 | 2,0 бар. | 145,7 | 128,7 |
| ноҳияи М.С.А Ҳамадонӣ | 61,2 | 85,1 | 105,8 | 123,9 | 2,0 бар. | 145,6 | 117,1 |
| аҳолии шаҳр | 11,8 | 16,4 | 18,0 | 21,3 | 180,5 | 129,9 | 118,3 |
| аҳолии деҳот | 49,4 | 68,7 | 87,8 | 102,6 | 2,1 бар. | 149,3 | 116,9 |
| ноҳияи Мӯъминобод | 28,9 | 42,1 | 63,6 | 77,7 | 2,7 бар. | 184,6 | 122,2 |
| аҳолии шаҳр | 6,8 | 9,6 | 11,2 | 12,2 | 179,4 | 127,1 | 108,9 |
| аҳолии деҳот | 22,1 | 32,5 | 52,4 | 65,5 | 3,0 бар. | 2,0 бар. | 125,0 |
| ноҳияи Норак (аҳолии деҳот) | 12,0 | 16,0 | 21,2 | 24,2 | 2,0 бар. | 151,3 | 114,2 |
| ноҳияи Н.Хусрав (аҳолии деҳот) | 7,1 | 16,6 | 22,0 | 30,3 | 4,3 бар. | 182,5 | 137,7 |
| ноҳияи Панҷ | 49,6 | 66,9 | 79,1 | 93,7 | 188,9 | 140,1 | 118,5 |
| аҳолии шаҳр | 7,0 | 9,1 | 8,0 | 10,4 | 148,6 | 114,3 | 130,0 |
| аҳолии деҳот | 42,6 | 57,8 | 71,1 | 83,3 | 195,5 | 144,1 | 117,2 |
| ноҳияи Сарбанд (аҳолии деҳот) | 6,6 | 11,1 | 18,4 | 24,4 | 3,7 бар. | 2,2 бар. | 132,6 |
| ноҳияи Темурмалик | 27,3 | 37,2 | 49,1 | 58,7 | 2,1 бар. | 157,8 | 119,6 |
| аҳолии шаҳр | 5,7 | 7,4 | 7,8 | 9,0 | 157,9 | 121,6 | 115,4 |
| аҳолии деҳот | 21,6 | 29,8 | 41,3 | 49,7 | 2,3 бар. | 166,8 | 120,3 |
| ноҳияи Фархор | 61,2 | 85,3 | 111,7 | 137,4 | 2,2 бар. | 161,1 | 123,0 |
| аҳолии шаҳр | 13,3 | 17,7 | 19,5 | 21,5 | 161,7 | 121,5 | 110,3 |
| аҳолии деҳот | 47,9 | 67,6 | 92,2 | 115,9 | 2,4 бар. | 171,4 | 125,7 |
| ноҳияи Ховалинг (аҳолии деҳот) | 15,2 | 25,1 | 37,2 | 48,8 | 3,2 бар. | 194,4 | 131,2 |
| ноҳияи Хуросон | 35,2 | 51,7 | 71,7 | 92,0 | 2,6 бар. | 177,9 | 128,3 |
| аҳолии шаҳр | - | - | - | 6,6 | - | - | - |
| аҳолии деҳот | 35,2 | 51,7 | 71,7 | 85,4 | 2,4 бар. | 165,2 | 119,1 |
| ноҳияи Шаҳртуз | 46,5 | 63,6 | 81,5 | 101,9 | 2,2 бар. | 160,2 | 125,0 |
| аҳолии шаҳр | 10,3 | 11,3 | 11,9 | 14,7 | 142,7 | 130,1 | 123,5 |
| аҳолии деҳот | 36,2 | 52,3 | 69,6 | 87,2 | 2,4 бар. | 166,7 | 125,3 |
| ноҳияи Ҷ.Румӣ | 81,1 | 107,1 | 126,3 | 157,7 | 194,5 | 147,2 | 124,9 |
| аҳолии шаҳр | 13,8 | 17,0 | 16,9 | 20,6 | 149,3 | 121,2 | 121,9 |
| аҳолии деҳот | 67,3 | 90,1 | 109,4 | 137,1 | 2,0 бар. | 152,2 | 125,3 |
| ноҳияи Ҷиликӯл | 47,4 | 65,3 | 73,2 | 90,0 | 189,9 | 137,8 | 123,0 |
| аҳолии шаҳр | 3,9 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 120,5 | 90,4 | 102,2 |
| аҳолии деҳот | 43,5 | 60,1 | 68,6 | 85,3 | 196,1 | 141,9 | 124,3 |

| | Ҳазор нафар дар соли: | | | | соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 |
| ноҳияи Шӯрообод (аҳолии деҳот) | 5,2 | 21,1 | 38,9 | 45,7 | 8,8 бар. | 2,2 бар. | 117,5 |
| **ш. Душанбе** Ҳамаи аҳолӣ | **490,9** | **590,6** | **561,9** | **724,8** | **147,6** | **122,7** | **129,0** |
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** Ҳамаи аҳолӣ | **767,2** | **1086,7** | **1337,5** | **1722,9** | **2,2 бар.** | **158,5** | **128,8** |
| аҳолии шаҳр | 104,9 | 163,1 | 166,2 | 232,4 | 2,2 бар. | 142,5 | 139,8 |
| аҳолии деҳот | 662,3 | 923,6 | 1171,3 | 1490,5 | 2,2 бар. | 161,4 | 127,3 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ш. Ваҳдат | 31,3 | 45,6 | 44,7 | 40,6 | 129,7 | 89,0 | 90,8 |
| ш. Роғун | 1,7 | 8,3 | 7,9 | 13,8 | 8,1 бар. | 166,3 | 174,7 |
| ш. Турсунзода | 28,0 | 40,3 | 37,8 | 46,7 | 166,8 | 115,9 | 123,5 |
| ноҳияи Варзоб | 32,6 | 43,0 | 50,4 | 65,3 | 2,0 бар. | 151,9 | 129,6 |
| аҳолии шаҳр | 3,1 | 3,3 | 2,0 | 2,2 | 71,0 | 66,7 | 110,0 |
| аҳолии деҳот | 29,5 | 39,7 | 48,4 | 63,1 | 2,1 бар. | 158,9 | 130,4 |
| Ваҳдат | 106,6 | 141,9 | 183,2 | 240,5 | 2,3 бар. | 169,5 | 131,3 |
| аҳолии шаҳр | - | - | - | 10,7 | - | - | - |
| аҳолии деҳот | 106,6 | 141,9 | 183,2 | 229,8 | 2,2 бар. | 161,9 | 125,4 |
| ноҳияи Нуробод | 28,5 | 41,1 | 54,4 | 66,0 | 2,3 бар. | 160,6 | 121,3 |
| аҳолии шаҳр | - | - | 1,1 | 1,2 | - | - | 109,1 |
| аҳолии деҳот | 28,5 | 41,1 | 53,3 | 64,8 | 2,3 бар. | 157,7 | 121,6 |
| ноҳияи Рашт | 36,6 | 57,9 | 80,7 | 102,8 | 2,8 бар. | 177,5 | 127,4 |
| аҳолии шаҳр | 8,1 | 9,5 | 10,1 | 11,8 | 145,7 | 124,2 | 116,8 |
| аҳолии деҳот | 28,5 | 48,4 | 70,6 | 91,0 | 3,2 бар. | 188,0 | 128,9 |
| ноҳияи Роғун | 9,1 | 16,8 | 20,2 | 22,6 | 2,5 бар. | 134,5 | 111,9 |
| аҳолии шаҳр | 1,8 | 7,9 | 6,2 | 5,4 | 3,0 бар. | 68,4 | 87,1 |
| аҳолии деҳот | 7,3 | 8,9 | 14,0 | 17,2 | 2,4 бар. | 193,3 | 122,9 |
| ноҳияи Рӯдакӣ | 165,4 | 231,8 | 268,3 | 394,2 | 2,4 бар. | 170,1 | 146,9 |
| аҳолии шаҳр | 12,8 | 22,5 | 22,5 | 44,0 | 3,4 бар. | 195,6 | 195,6 |
| аҳолии деҳот | 152,6 | 209,3 | 245,8 | 350,2 | 2,3 бар. | 167,3 | 142,5 |
| ноҳияи Тавилдара (аҳолии деҳот) | 3,9 | 8,1 | 12,7 | 19,4 | 5,0 бар. | 2,4 бар. | 152,8 |
| ноҳияи Тоҷикобод (аҳолии деҳот) | 13,5 | 20,4 | 30,6 | 37,4 | 2,8 бар. | 183,3 | 122,2 |
| ноҳияи Турсунзода (аҳолии деҳот) | 88,7 | 119,2 | 152,4 | 195,0 | 2,2 бар. | 163,6 | 128,0 |
| ноҳияи Файзобод | 34,8 | 52,6 | 68,4 | 82,3 | 2,4 бар. | 156,5 | 120,3 |
| аҳолии шаҳр | - | - | - | 8,7 | - | - | - |
| аҳолии деҳот | 34,8 | 52,6 | 68,4 | 73,6 | 2,1 бар. | 139,9 | 107,6 |
| ноҳияи Ҳисор | 110,7 | 153,8 | 196,3 | 244,0 | 2,2 бар. | 158,6 | 124,3 |

| | Ҳазор нафар дар соли: | | | | соли 2010 бо фоиз нисбат ба соли: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 |
| аҳолии шаҳр | 13,7 | 20,3 | 29,0 | 35,8 | 2,6 бар. | 176,4 | 123,4 |
| аҳолии деҳот | 97,0 | 133,5 | 167,3 | 208,2 | 2,1 бар. | 156,0 | 124,4 |
| ноҳияи Ҷиргатол | 27,1 | 40,7 | 49,8 | 55,7 | 2,1 бар. | 136,9 | 111,8 |
| аҳолии шаҳр | - | - | - | 5,6 | - | - | - |
| аҳолии деҳот | 27,1 | 40,7 | 49,8 | 50,1 | 184,8 | 123,1 | 100,6 |
| ноҳияи Шаҳринав | 48,7 | 65,2 | 79,7 | 96,6 | 198,4 | 148,2 | 121,2 |
| аҳолии шаҳр | 4,4 | 5,4 | 4,9 | 5,9 | 134,1 | 109,3 | 120,4 |
| аҳолии деҳот | 44,3 | 59,8 | 74,8 | 90,7 | 2,0 бар. | 151,7 | 121,3 |

# III. Аҳолӣ аз рӯи ҷинс ва синну сол

## 3.1. Тағйир ёфтани шумораи мардҳо ва занҳо

Аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ мардҳо 3817,0 ҳазор нафар ва занҳо 3747,5 ҳазор нафарро ташкил менамоянд. Шумораи мардҳо нисбат ба соли 2000-ум 748,0 ҳазор нафар ё 24,4 фоиз афзуда, шумораи занҳо 689,0 ҳазор нафар ё 22,5 фоиз афзудааст.

Дар шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ мардҳо 50,5 фоиз ва занҳо – 49,5 фоизро ташкил додаанд.

Шумораи мардҳо ва занҳо ва таносуби онҳо ба таври зайл тағйир ёфтааст:

| Солҳои барӯйхат гириҳои аҳолӣ | Ҳазор нафар | | Вазни қиёсии мардҳо дар шумораи умумии аҳолӣ, фоиз | Шумораи занҳо ба 1000 мард | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мардҳо | занҳо | | аҳолии шаҳру шаҳракҳо | аҳолии маҳалҳои деҳот |
| 1959 | 965 | 1013 | 48,8 | 1098 | 1032 |
| 1970 | 1427 | 1471 | 49,2 | 1040 | 1029 |
| 1979 | 1880 | 1926 | 49,4 | 1031 | 1020 |
| 1989 | 2530 | 2563 | 49,7 | 1035 | 1003 |
| 2000 | 3069 | 3058 | 50,1 | 995 | 985 |
| 2010 | 3817 | 3747 | 50,5 | 981 | 982 |

**Шумораи занҳо ба 1000 мард мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ**



Дар соли 1959 шумораи занҳо аз шумораи мардҳо 48 ҳазор нафар зиёд буд. Ин ҳолат ба оқибатҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва, ҳамчун натиҷа, фавти зиёди мардҳо вобаста буд. Дар солҳои минбаъда баробаршавии шумораи мардҳо ва занҳо мушоҳида мешавад, ки дар давраи барӯйхатгирии аҳолии соли 1989 фарқият кам шуда, 33 ҳазор нафарро ташкил намуд. Аз соли 2000-ум сар карда, ҷараёни баръакс оғоз гардид, ки бартарии шумораи мардҳо бар шумораи занҳо ба қайд гирифта шудааст. Сабаби асосӣ дар он аст, ки ҳар сол писарҳо нисбат ба духтарҳо бештар таваллуд мешаванд, яъне ба 100 таваллуди духтар – 106-107 таваллуди писар рост меояд. Тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, бартарии шумораи мардҳо нисбат ба шумораи занҳо қариб 70 ҳазор нафарро ташкил кард.

**Тағйиротҳо дар зиёдшавии шумораи аҳолӣ бевосита бо ҷараёнҳои таваллуд, фавт ва муҳоҷират вобаста мебошанд.**

Дар ҷадвали зер мувофиқи омори ҷорӣ маълумотҳо оид ба ҳаракати табии аҳолӣ оварда шудаанд.

| Солҳо | Ҳазор нафар | | | Ба 1000 нафар аҳолӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шумораи таваллуд-шудагон | шумораи фавтидагон | афзоиши табиӣ | таваллуд-шудагон | фавтидагон | афзоиши табиӣ |
| 2000 | 167,3 | 29,4 | 137,9 | 27,0 | 4,7 | 22,3 |
| 2001 | 171,6 | 32,0 | 139,6 | 27,2 | 5,1 | 22,1 |
| 2002 | 175,6 | 31,1 | 144,5 | 27,3 | 4,8 | 22,4 |
| 2003 | 178,0 | 38,2 | 144,8 | 27,1 | 5,0 | 22,0 |
| 2004 | 180,0 | 29,7 | 149,8 | 26,8 | 4,4 | 22,3 |
| 2005 | 180,8 | 31,5 | 149,3 | 26,4 | 4,6 | 21,8 |
| 2006 | 186,5 | 32,0 | 154,5 | 26,7 | 4,6 | 22,1 |
| 2007 | 200,0 | 33,7 | 166,3 | 28,1 | 4,7 | 23,3 |
| 2008 | 203,3 | 32,0 | 171,3 | 27,9 | 4,4 | 23,5 |
| 2009 | 199,8 | 32,3 | 167,5 | 26,8 | 4,3 | 22,5 |
| 9 моҳи 2010 | 132,6 | 23,8 | 108,8 | 17,5 | 3,1 | 14,3 |

Ҳарчанд омили асосии афзоиши шумораи аҳолӣ дар давраи байни барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 2000 ва 2010-ум бо зиёд будани таваллуд нисбат ба фавт асоснок карда шавад ҳам, дар навбати худ, дар ин давра нисбатан пастравии сатҳи таваллуд (ба 1000 нафар аҳолӣ аз 27,0 дар соли 2000 то 26,8 дар соли 2009) ба қайд гирифта шудааст, яъне тамоюли умумии пастшавии таваллуд

ҳамчун воқеият ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолатро бо саршавии ислоҳотҳои иқтисодию сиёсии дар мамлакат ба амаломада асоснок кардан мумкин аст.

Камшавии таваллуд дар муқоиса бо солҳои 90-ум бо тағйирёбии раванди таваллудкунии занҳо, яъне занҳои синну соли репродуктивӣ - 15-49 сола, низ вобаста мебошад.

Барои мисол, агар дар соли 1995 коэффитсенти синнусолии таваллудкунӣ ба 1000 нафар зан дар байни занҳои синни 20-24 сола - 269,29 ва дар соли 2000-ум - 207,5 таваллуди кӯдакро ташкил карда бошад, пас дар солҳои 2006-2010, тибқи маълумотҳои тадқиқоти фавти кӯдакони навзод, кӯдакон ва модарон, ки соли 2010 гузаронида шуда буд, ин нишондиҳанда ба 121,9 таваллуди кӯдак ба 1000 нафар зани синну соли 20-24 сола баробар шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои демографӣ, ба 1000 нафар зани синну соли 15-49 сола дар соли 1995 - 147,81 ва соли 2000 - 110,52 таваллуди кӯдак рост омадааст. Ин нишондиҳанда дар солҳои 2006-2010 (тибқи маълумотҳои тадқиқоти гузаронида шуда) паст фаромада, 103,3 таваллуди кӯдакро ба 1000 нафар зани синну соли 15-49 сола ташкил кардааст.

Чунин тағйирёбӣ барои занҳои қобили таваллудкунӣ (15-49 сола) ба пастшавии нишондиҳандаи умумии таваллуд оварда расонид. Чуноне, ки аз маълумотҳои дар ҷадвали боло овардашуда бармеояд, агар нишондиҳандаи умумии таваллуд (шумораи таваллуд ба 1000 нафар аҳолӣ) дар соли 2000 – 27,0 бошад, пас соли 2009 - то ба 26,8 паст фаромадааст.

Ҷараёни пасти фавт барои зиёдшавии шумораи аҳолӣ низ таъсири худро расонид.

Дар давраи солҳои 2000-2010 дар натиҷаи муҳоиҷат аҳолии нисбатан калонсолтари миллатҳои аврупоӣ аз ҷумҳурӣ кӯчида рафтаанд, ки ин боиси ҷавон гардидани сохтори синнусолии аҳолии ҷумҳурӣ гардид. Нишондиҳандаи умумии фавт (ба 1000 нафар аҳолӣ) дар давраи солҳои 2000-2010 инчунин бо сабаби тағйирёбии сохтори синнусолии аҳолӣ паст фаромадааст. Агар ин нишондиҳанда соли 2000 ба 4,7 (ба 1000 нафар аҳолӣ) баробар шуда бошад, пас дар соли 2009-ум 4,3 фавтро ташкил намуд.

Дар давоми даҳсолаи охир давомнокии дарназардоштаи умри

аҳолӣ ба 4,6 сол зиёд шуд, ки ин ҳолат аз паст фаромадани нишондиҳандаҳои фавти аҳолӣ низ вобаста буд. Агар дар соли 2000-ум давомнокии дарназардоштаи умри аҳолӣ 68,2 сол бошад, аз он ҷумла: мардҳо – 66,1 ва занҳо – 70,3 сол, пас дар соли 2009-ум ин нишондиҳанда мувофиқан – 72,8; 70,5 ва 75,3 солро ташкил намуд.

Дар давраи байни барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 2000 ва 2010 дар ҷумҳурӣ дар натиҷаи **муҳоҷират кам шудани аҳолӣ -125,0** ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз он **93,4 ҳазор нафарро** муҳоҷирати берунӣ ташкил намуд. Ба ин нигоҳ накарда, дар давраи солҳои 2000 - 2010 шумораи аҳолии ҷумҳурӣ ба 1438,0 ҳазор нафар афзудааст. Кӯчида рафтани аҳолӣ аз ҷумҳурӣ (муҳоҷирати берунӣ) дар давраи солҳои 2000-2010 дар ҳамаи минтақаҳо, алалхусус, дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон мушоҳида карда шуд. Дар айни ҳол, дар натиҷаи муҳоҷират кам шудани аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 10-14 ҳазор нафарро дар як сол ташкил медиҳад.

Дар дохили ҷумҳурӣ ҷараёни асосии муҳоҷират – кӯчидани аҳолӣ аз маҳалҳои деҳот ба маҳалҳои шаҳрӣ мебошад. Дар давраи солҳои 2000 ва 2010-ум шумораи аҳолии ба маҳалҳои шаҳрӣ кӯчидаомада (муҳоҷирати дохилӣ) 123,0 ҳазор нафарро ташкил намуд. Ба маҳалҳои деҳот мутаносибан 84,5 ҳазор нафар аҳолӣ кӯчида омадааст. Дар навбати худ, дар ин давра аз маҳалҳои шаҳрӣ 96,1 ҳазор нафар ва маҳалҳои деҳот 143,0 ҳазор нафар аҳолӣ кӯчида рафтааст. Чуноне, ки аз маълумотҳо бармеояд, дар давоми даҳ соли охир афзоиши муҳоҷирати дохилии аҳолии маҳалҳои шаҳрӣ **26,9 ҳазор нафарро** (аҳолии ба маҳалҳои шаҳрӣ кӯчидаомада (123,0 ҳазор нафар) – аҳолии аз маҳалҳои шаҳрӣ кӯчидарафта (96,1 ҳазор нафар) = афзоиши муҳоҷирати дохилии аҳолии маҳалҳои шаҳрӣ (26,9 ҳазор нафар)) ташкил намуд ва он асосан аз ҳисоби аҳолии маҳалҳои деҳот ба амал омад.

Ҷараёнҳои муҳоҷират асосан қисми аҳолии қобили меҳнатро дарбар гирифтанд. Масалан, дар соли 2009 дар байни муҳоҷирони ба ҷумҳурӣ кӯчидаомада ва аз ҷумҳурӣ кӯчидарафта шахсони синну соли қобили меҳнат мувофиқан 90,4 фоиз ва 91,5 фоизро ташкил намуданд.

# 3.2. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи синну сол

Муҳимтарин тавсифи иҷтимоӣ - демографӣ ва иқтисодии аҳолӣ - сохтори он аз рӯи ҷинс ва синну сол мебошад.

**Пирамидаи синнусолӣ ва ҷинсии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2000 ва 2010)**




Тақсимоти аҳолии доимӣ аз рӯи синну сол дар ҷадвали зер нишон дода шудааст:

| | Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | | Соли 2010 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2000-ум | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с.2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| **Ҳамаи аҳолӣ** | **6127,5** | **7564,5** | **123,5** | **100** | **100** |
| аз ҷумла аз рӯи синну сол: | | | | | |
| 0-9 сола | 1763,8 | 1819,9 | 103,2 | 28,8 | 24,1 |
| 10-19 сола | 1522,9 | 1734,9 | 113,9 | 24,8 | 22,9 |
| 20-29 сола | 1002,2 | 1485,9 | 148,3 | 16,4 | 19,7 |
| 30-39 сола | 800,4 | 940,2 | 117,5 | 13,1 | 12,4 |
| 40-49 сола | 483,0 | 757,9 | 156,9 | 7,9 | 10,0 |
| 50-59 сола | 217,8 | 464,6 | 2,1 бар. | 3,5 | 6,2 |
| 60-69 сола | 207,4 | 183,4 | 88,4 | 3,4 | 2,4 |

| | Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | | Соли 2010 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2000-ум | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с.2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| 70-79 сола | 104,0 | 130,0 | 125,0 | 1,7 | 1,7 |
| 80-сола ва калонсолтар | 26,0 | 47,7 | 183,5 | 0,4 | 0,6 |
| Аз шумораи умумии аҳолӣ: | | | | | |
| дар синну соли аз қобили меҳнат ҷавон | 2616,8 | 2690,6 | 102,8 | 42,7 | 35,6 |
| дар синну соли қобили меҳнат | 3127,0 | 4517,3 | 144,5 | 51,0 | 59,7 |
| дар синну соли аз қобили меҳнат калонсолтар | 383,7 | 356,6 | 92,9 | 6,3 | 4,7 |

Чуноне маълум аст, аз нуқтаи назари ташаккули захираҳои меҳнатӣ, шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат (мардҳо дар синну соли 15-62 сола, занҳо – 15-57 сола) мавқеи махсус дорад.

Дар давоми даҳ соли охир дар ҷумҳурӣ шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат ба 1390,3 ҳазор нафар ё 44,5 фоиз афзудааст, аз он ҷумла дар: Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 19,9 ҳазор нафар (17,5 фоиз), вилояти Суғд – 376,2 ҳазор нафар (37,5 фоиз), вилояти Хатлон – 508,4 ҳазор нафар (49,4 фоиз), шаҳри Душанбе – 140,3 ҳазор нафар (44,0 фоиз) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 345,5 ҳазор нафар (52,0 фоиз).

Дар ҷумҳурӣ шумораи шахсони синну соли аз қобили меҳнат калонсолтар 27,1 ҳазор нафар ё 7,1 фоиз кам шуда, ҳиссаи аҳолии ин синну сол дар шумораи умумии аҳолӣ 4,7 фоизро ташкил намудааст ва он нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000-ум 1,6 банди фоиз коҳиш ёфтааст (ба диаграммаи зер нигаред).

## Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи сохтори синнусолӣ (соли 2000 ва 2010)




## Тақсимоти шумораи аҳолӣ аз рӯи ҷинс ва гурӯҳҳои синнусолӣ

| | Ҳамаи аҳолӣ (нафар) | аз он ҷумла дар синну соли | | | Таносуби аҳолӣ аз рӯи гурӯҳҳои сиинусолӣ, фоиз | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | аз қобили меҳнат ҷавон-тар | қобили меҳнат | аз қобили меҳнат калон-солтар | аз қобили меҳнат ҷавон-тар | қобили меҳнат | аз қобили меҳнат калон-солтар |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **7564502** | **2690607** | **4517273** | **356622** | **35,6** | **59,7** | **4,7** |
| мардҳо | 3817004 | 1381256 | 2294925 | 140823 | 36,2 | 60,1 | 3,7 |
| занҳо | 3747498 | 1309351 | 2222348 | 215799 | 34,9 | 59,3 | 5,8 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | **205949** | **57597** | **133340** | **15012** | **28,0** | **64,7** | **7,3** |
| мардҳо | 105197 | 29432 | 69839 | 5926 | 28,0 | 66,4 | 5,6 |
| занҳо | 100752 | 28165 | 63501 | 9086 | 28,0 | 63,0 | 9,0 |
| **Вилояти Суғд** | **2233550** | **735185** | **1378627** | **119738** | **32,9** | **61,7** | **5,4** |
| мардҳо | 1120175 | 376203 | 699330 | 44642 | 33,6 | 62,4 | 4,0 |
| занҳо | 1113375 | 358982 | 679297 | 75096 | 32,2 | 61,0 | 6,8 |
| **Вилояти Хатлон** | **2677251** | **1024069** | **1536893** | **116289** | **38,3** | **57,4** | **4,3** |
| мардҳо | 1344917 | 526025 | 771117 | 47775 | 39,1 | 57,3 | 3,6 |
| занҳо | 1332334 | 498044 | 765776 | 68514 | 37,4 | 57,5 | 5,1 |
| **ш. Душанбе** | **724844** | **236184** | **458777** | **29883** | **32,6** | **63,3** | **4,1** |
| мардҳо | 374011 | 122480 | 240602 | 10869 | 32,8 | 64,3 | 2,9 |
| занҳо | 350833 | 113704 | 218115 | 19014 | 32,4 | 62,2 | 5,4 |
| **Шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **1722908** | **637572** | **1009636** | **75700** | **37,0** | **58,6** | **4,4** |

| | Ҳамаи аҳолӣ (нафар) | аз он ҷумла дар синну соли | | | Таносуби аҳолӣ аз рӯи гурӯҳҳои сиinnусолӣ, фоиз | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | аз қобили меҳнат ҷавон-тар | қобили меҳнат | аз қобили меҳнат калон-солтар | аз қобили меҳнат ҷавон-тар | қобили меҳнат | аз қобили меҳнат калон-солтар |
| мардҳо | 872704 | 327116 | 513977 | 31611 | 37,5 | 58,9 | 3,6 |
| занҳо | 850204 | 310456 | 495659 | 44089 | 36,5 | 58,3 | 5,2 |
| *аз он ҷумла*: | | | | | | | |
| ш. Ваҳдат | 40627 | 14098 | 24681 | 1848 | 34,7 | 60,8 | 4,5 |
| мардҳо | 20261 | 7158 | 12395 | 708 | 35,3 | 61,2 | 3,5 |
| занҳо | 20366 | 6940 | 12286 | 1140 | 34,1 | 60,3 | 5,6 |
| ш. Роғун | 13840 | 5328 | 8265 | 247 | 38,5 | 59,7 | 1,8 |
| мардҳо | 7037 | 2670 | 4252 | 115 | 38,0 | 60,4 | 1,6 |
| занҳо | 6803 | 2658 | 4013 | 132 | 39,1 | 59,0 | 1,9 |
| ш. Турсунзода | 46712 | 14962 | 29910 | 1840 | 32,0 | 64,0 | 4,0 |
| мардҳо | 22677 | 7831 | 14256 | 589 | 34,5 | 62,9 | 2,6 |
| занҳо | 24036 | 7131 | 15654 | 1251 | 29,7 | 65,1 | 5,2 |
| ноҳияи Варзоб | 65353 | 23627 | 38471 | 3225 | 36,2 | 58,9 | 4,9 |
| мардҳо | 33004 | 12098 | 19492 | 1414 | 36,6 | 59,1 | 4,3 |
| занҳо | 32319 | 11529 | 18979 | 1811 | 35,7 | 58,7 | 5,6 |
| ноҳияи Ваҳдат | 240513 | 87535 | 142085 | 10893 | 36,4 | 59,1 | 4,5 |
| мардҳо | 122867 | 44819 | 73437 | 4611 | 36,5 | 59,8 | 3,7 |
| занҳо | 117646 | 42716 | 68648 | 6282 | 36,3 | 58,4 | 5,3 |
| ноҳияи Нуробод | 65965 | 26773 | 36404 | 2788 | 40,6 | 55,2 | 4,2 |
| мардҳо | 33483 | 13726 | 18481 | 1276 | 41,0 | 55,2 | 3,8 |
| занҳо | 32482 | 13047 | 17923 | 1512 | 40,2 | 55,2 | 4,6 |
| ноҳияи Рашт | 102843 | 40007 | 58359 | 4477 | 38,9 | 56,7 | 4,4 |
| мардҳо | 52421 | 20611 | 29844 | 1966 | 39,3 | 56,9 | 3,8 |
| занҳо | 50422 | 19396 | 28515 | 2511 | 38,5 | 56,5 | 5,0 |
| ноҳияи Роғун | 22572 | 9120 | 12386 | 1066 | 40,4 | 54,9 | 4,7 |
| мардҳо | 11527 | 4710 | 6322 | 495 | 40,9 | 54,8 | 4,3 |
| занҳо | 11045 | 4410 | 6064 | 571 | 39,9 | 54,9 | 5,2 |
| ноҳияи Рӯдакӣ | 394210 | 148603 | 229440 | 16167 | 37,7 | 58,2 | 4,1 |
| мардҳо | 201229 | 76500 | 117995 | 6734 | 38,0 | 58,6 | 3,4 |
| занҳо | 192981 | 72103 | 111445 | 9433 | 37,4 | 57,7 | 4,9 |
| ноҳияи Тавилдара | 19439 | 8547 | 9928 | 964 | 44,0 | 51,0 | 5,0 |
| мардҳо | 9911 | 4417 | 5042 | 452 | 44,6 | 50,9 | 4,5 |
| занҳо | 9528 | 4130 | 4886 | 512 | 43,3 | 51,3 | 5,4 |
| ноҳияи Тоҷикобод | 37388 | 14229 | 21684 | 1475 | 38,1 | 58,0 | 3,9 |
| мардҳо | 19038 | 7390 | 10998 | 650 | 38,8 | 57,8 | 3,4 |
| занҳо | 18350 | 6839 | 10686 | 825 | 37,3 | 58,2 | 4,5 |
| ноҳияи Турсунзода | 194986 | 68675 | 117693 | 8618 | 35,2 | 60,4 | 4,4 |
| мардҳо | 98520 | 35105 | 60018 | 3397 | 35,6 | 61,0 | 3,4 |
| занҳо | 96466 | 33570 | 57675 | 5221 | 34,8 | 59,8 | 5,4 |
| ноҳияи Файзобод | 82282 | 30903 | 47575 | 3804 | 37,6 | 57,8 | 4,6 |
| мардҳо | 41262 | 15797 | 23790 | 1675 | 38,2 | 57,7 | 4,1 |
| занҳо | 41020 | 15106 | 23785 | 2129 | 36,8 | 58,0 | 5,2 |
| ноҳияи Ҳисор | 243998 | 90058 | 142850 | 11090 | 36,9 | 58,6 | 4,5 |
| мардҳо | 122590 | 46098 | 71929 | 4563 | 37,6 | 58,7 | 3,7 |
| занҳо | 121408 | 43960 | 70921 | 6527 | 36,2 | 58,4 | 5,4 |

| | Ҳамаи аҳолӣ (нафар) | аз он ҷумла дар синну соли | | | Таносуби аҳолӣ аз рӯи гурӯҳҳои сиинну солӣ, фоиз | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | аз қобили меҳнат ҷавон-тар | қобили меҳнат | аз қобили меҳнат калон-солтар | аз қобили меҳнат ҷавон-тар | қобили меҳнат | аз қобили меҳнат калон-солтар |
| ноҳияи Ҷиргатол | 55666 | 21771 | 31040 | 2855 | 39,1 | 55,8 | 5,1 |
| мардҳо | 28482 | 11266 | 15949 | 1267 | 39,6 | 56,0 | 4,4 |
| занҳо | 27184 | 10505 | 15091 | 1588 | 38,7 | 55,5 | 5,8 |
| ноҳияи Шаҳринав | 96544 | 33336 | 58865 | 4343 | 34,5 | 61,0 | 4,5 |
| мардҳо | 48396 | 16920 | 29777 | 1699 | 35,0 | 61,5 | 3,5 |
| занҳо | 48148 | 16416 | 29088 | 2644 | 34,1 | 60,4 | 5,5 |

Агар дар соли 2000-ум ба 1000 мард 996 зан рост омада бошад, пас соли 2010 ин нишондиҳанда ба 982 баробар шудааст.

Таносуби шумораи мардон ва занон аз рӯи синну сол дар соли 2010-ум чунин аст:

| | Ба 1000 мард рост меояд зан | | |
|---|---|---|---|
| | ҳамаи аҳолӣ | аҳолии шаҳру шаҳракҳо | аҳолии деҳот |
| Аҳолии ҷумҳурӣ | 982 | 981 | 982 |
| *аз он ҷумла дар синни:* | | | |
| 0 – 4 сола | 944 | 945 | 943 |
| 5 – 9 сола | 946 | 939 | 949 |
| 10 – 14 сола | 954 | 946 | 957 |
| 15 – 19 сола | 968 | 872 | 1006 |
| 20 – 24 сола | 995 | 882 | 1041 |
| 25 – 29 сола | 979 | 1008 | 970 |
| 30 – 34 сола | 988 | 1068 | 959 |
| 35 – 39 сола | 1018 | 1127 | 977 |
| 40 – 44 сола | 1030 | 1073 | 1012 |
| 45 – 49 сола | 1033 | 1072 | 1017 |
| 50 – 54 сола | 1025 | 1064 | 1009 |
| 55 – 59 сола | 1049 | 1107 | 1026 |
| 60 - сола ва калонсолтар | 1028 | 1119 | 997 |

Чуноне аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, дар шумораи умумии аҳолӣ шумораи мардҳо нисбат ба шумораи занҳо бартарӣ дошта бошад ҳам, лекин аз рӯи сохтори синнусолӣ маълум мегардад, ки дар синну соли 35-39 сола ва калонсолтар дар тамоми ҷумҳурӣ бартарии шумораи занҳо нисбат ба шумораи мардҳо мушоҳида карда мешавад. Дар навбати худ, дар маҳалҳои деҳот бартарии шумораи занҳо нисбат ба шумораи марҳо дар синну соли 15-24 сола ва 40-59-сола мушоҳида карда мешавад, дар маҳалҳои

шаҳрӣ бошад, дар синну соли 25-сола ва калонсолтар бартарии шумораи занҳо нисбат ба шумораи мардҳо ба назар мерасад.

Дар маҳалҳои деҳот дар сиину соли 60-сола ва калонсолтар шумораи мардҳо нисбат ба занҳо ба 360 нафар зиёдтар мебошад, ки дар натиҷа дар ин синну сол ба 1000 мард 997 зан рост омад. (Аз рӯи нишондиҳандаҳои демографӣ - фавти мардҳо назар ба занҳо маъмулан зиёд аст. Чунин зуҳурот дар аксарияти мамлакатҳо ба назар мерасад.)

# IV. Аҳолӣ аз рӯи миллатҳо, халқиятҳо ва забони модарӣ

## 4.1. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи миллатҳо ва халқиятҳо

Ҷумҳурии Тоҷикистон – давлати сермиллат буда, дар қаламрави он намояндагони қариб 100 миллат ва халқиятҳо зиндагӣ мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон савол оид ба миллат дар ҳамаи барномаҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ гузаронида шудаанд, дохил карда шуда буд.

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ва барӯйхатгириҳои гузашта, ҷавобҳо ба ин савол аз суханҳои пурсидашавандагон бо назардошти худмуайянкунии онҳо, инчунин забони модарӣ ва дигар забонҳо, ки пурсидашавандагон онро қайд намуданд, ба ҳисоб гирифта шудаанд. Миллат ва забони модарии кӯдакон аз тарафи волидайни онҳо муайян карда шудаанд.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар санаи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд, ба ҳисоб гирифта шуданд.

**Барӯйхатгирии аҳолӣ** - манбаи ягона ва асосии маълумотҳо оид ба ҳайати миллии ҳамаи мамлакатҳо ба ҳисоб меравад. Танҳо тавассути гузаронидани барӯйхатгириҳои аҳолӣ оид ба сохтори миллии аҳолии мамлакат маълумот ба даст овардан мумкин аст.

Маълумотҳо оид ба миллатҳои сершумори маскуни ҷумҳурӣ тибқи натиҷаҳои барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои пешин дар ҷадвали зер оварда шудаанд:

| Миллатҳо | Солҳои гузаронидани барӯйхатгириҳои аҳолӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1926 | 1939 | 1959 | 1970 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 |
| **Ҳамаи аҳолӣ, ҳазор нафар** | 1032,2 | 1484,4 | 1980,5 | 2899,6 | 3806,2 | 5092,6 | 6127,5 | 7564,5 |
| *аз он ҷумла*: | | | | | | | | |
| тоҷикон | 738,1 | 884,0 | 1051,2 | 1629,9 | 2237,0 | 3172,4 | 4898,4 | 6373,8 |

| Миллатҳо | Солҳои гузаронидани барӯйхатгириҳои аҳолӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1926 | 1939 | 1959 | 1970 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 |
| озариҳо | …[3]) | 61,1 | … | 1,6 | 2,2 | 3,6 | 0,8 | 0,4 |
| арманиҳо | 0,2 | … | 2,9 | 3,8 | 4,9 | 5,7 | 1,0 | 0,4 |
| белорусҳо | 0,1 | … | 2,8 | 4,0 | 5,1 | 7,2 | 0,5 | 0,1 |
| гурҷиҳо | 0,04 | … | 0,6 | 0,7 | 0,8 | 1,0 | 0,2 | 0,1 |
| қазоқҳо | 1,6 | 12,7 | 12,6 | 8,3 | 9,6 | 11,4 | 0,9 | 0,6 |
| қирғизҳо | 12,9 | 28,0 | 25,7 | 35,5 | 48,4 | 63,8 | 65,5 | 60,7 |
| русҳо | 8,2 | 134,9 | 262,6 | 344,1 | 395,1 | 388,5 | 68,2 | 34,8 |
| туркманҳо | 4,2 | … | 7,1 | 11,0 | 14,0 | 20,5 | 20,3 | 15,2 |
| ӯзбекҳо | 255,5 | 353,4 | 455,0 | 665,7 | 873,2 | 1197,8 | 936,7 | 926,3 |
| украинҳо | 1,2 | 17,4 | 26,9 | 31,7 | 35,8 | 41,4 | 3,8 | 1,1 |
| тоторҳо | 1,3 | 18,3 | 56,9 | 70,7 | 79,5 | 79,4 | 18,9 | 6,5 |
| немисҳо | 0,1 | … | 32,6 | 37,7 | 38,9 | 32,7 | 1,1 | 0,4 |
| кореягиҳо | … | … | 2,4 | 8,5 | 11,2 | 13,4 | 1,7 | 0,6 |
| осетинҳо | 0,2 | … | 4,5 | 5,8 | 7,7 | 7,9 | 1,0 | 0,4 |
| яҳудиҳо | 0,5 | 5,2 | 12,4 | 14,6 | 14,6 | 14,7 | 0,2 | 0,04 |
| дигар миллатҳо | 8,1 | 24,4 | 24,3 | 25,9 | 28,2 | 1,2 | 108,3 | 143,1 |

## Тағйирёбии шумораи аҳолии миллатҳои маскуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ

**соли 1926**




[3]) маълумот мавҷуд нест

**соли 1959**




**соли 1989**




**соли 2000**



**соли 2010**




Тағйирёбии ҳайати миллии аҳолӣ асосан аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

- *афзоиши табии аҳолӣ*
- *муҳоҷират (кӯчида рафтан ва кӯчида омадан)-и аҳолӣ.*

Муҳоҷирати аҳолӣ барои тағйир ёфтани ҳайати миллии аҳолии ҷумҳурӣ таъсири асосӣ мерасонад. Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло дида мешавад, шумораи русҳо (ин аҳолии кӯчида омада) аз 8,2 ҳазор нафар (ё 0,8 фоизи шумораи умумии аҳолӣ) дар соли 1926 то 262,6 ҳазор нафар (ё 13,3 фоизи шумораи умумии аҳолӣ) дар соли 1959 баробар буд. Ҳамзамон, ҳиссаи тоҷикон дар шумораи умумии аҳолӣ аз 71,5 фоизи соли 1926 то ба 53,1 фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ дар соли 1959 расид. Зиёдшавии аҳолии кӯчидаомада дар шумораи умумии аҳолӣ то соли 1970 идома дошт, яъне то он ҳолате, ки ҷараёни кӯчида омадани аҳолӣ ба ҷумҳурӣ нигоҳ дошта мешуд.

Ҷараёни кӯчида рафтани аҳолӣ аз ҷумҳурӣ ба дигар мамлакатҳо пас аз нимаи солҳои 1970-ум оғоз ёфт, ки ба тағийр ёфтани ҳайати миллии аҳолии ҷумҳурӣ таъсир расонид – **ҳиссаи русҳо** аллакай дар **соли 1979 то 10,4 фоиз** паст фаромада, **ҳиссаи тоҷикон то 58,8**

**фоиз** афзудааст. Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ дар **соли 1989 ҳиссаи миллати рус** дар шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ **7,6 фоиз** ва **ҳиссаи миллати тоҷик 62,3 фоизро** ташкил намуд.

Пас аз соли 1989, дар натиҷаи кӯчида рафтани аҳолӣ аз ҷумҳурӣ ҳиссаи аҳолии ба ҷумҳурӣ аз давлатҳои ИДМ дар солҳои пешин кӯчида омада кам шуд ва дар **соли 2000-ум** (мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ) ҳиссаи миллати **рус** дар шумораи умумии аҳолӣ **1,1 фоиз ва ҳиссаи миллати тоҷик 79,9 фоизро** ташкил намуд.

Тағйироти шумораи аҳолии як қатор миллатҳо ва халқиятҳо дар байни солҳои 2000 ва 2010-ум дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | Шумораи аҳолӣ, нафар | | Соли 2010 нисбат ба соли 2000-ум, фоиз | Бо ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| Ҳамаи аҳолӣ, нафар<br>аз он ҷумла: | 6127493 | 7564502 | 123,5 | 100 | 100 |
| Тоҷикон | 4898382 | 6373834 | 130,1 | 79,9 | 84,3 |
| Озариҳо | 798 | 371 | 46,5 | 0,0 | 0,0 |
| Арманҳо | 995 | 434 | 43,6 | 0,0 | 0,0 |
| Белорусҳо | 464 | 104 | 22,4 | 0,0 | 0,0 |
| Гурҷиҳо | 161 | 92 | 57,1 | 0,0 | 0,0 |
| Қазоқҳо | 936 | 595 | 63,6 | 0,0 | 0,0 |
| Қирғизҳо | 65515 | 60715 | 92,7 | 1,1 | 0,8 |
| Молдаванҳо | 341 | 157 | 46,0 | 0,0 | 0,0 |
| Русҳо | 68171 | 34838 | 51,1 | 1,1 | 0,5 |
| Туркманҳо | 20270 | 15171 | 74,8 | 0,3 | 0,2 |
| Ӯзбекҳо | 936703 | 926344 | 98,9 | 15,3 | 12,2 |
| Украинҳо | 3787 | 1090 | 28,8 | 0,1 | 0,0 |
| Тоторҳо | 18939 | 6495 | 34,3 | 0,3 | 0,1 |
| Лӯлиҳо | 4249 | 2334 | 54,9 | 0,1 | 0,0 |
| Англисҳо | 43 | 104 | 2,4 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Америкоиҳо | 24 | 62 | 2,6 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Арабҳо | 14450 | 4184 | 29,0 | 0,2 | 0,1 |
| Афғонҳо | 4702 | 3675 | 78,2 | 0,1 | 0,0 |
| Туркҳо | 672 | 1360 | 2,0 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Форсҳо (эрониҳо) | 306 | 473 | 154,6 | 0,0 | 0,0 |
| Хитоиҳо | 24 | 801 | 33,4 бар. | 0,0 | 0,0 |
| Дигар миллатҳо | 87561 | 131269 | 149,9 | 1,5 | 1,8 |

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвал дида мешавад, шумораи аҳолии баъзе миллатҳо ва халқиятҳо, ки дар ҷумҳурӣ истиқомат мекунанд, дар даҳсолаи охир афзудааст: шумораи тоҷикон 30,1 фоиз, форсҳо (эрониҳо) – 54,6 фоиз, туркҳо – 2,0 баробар, англисҳо – 2,4 баробар, америкоиҳо – 2,6 баробар ва хитоиҳо - 33,4 баробар.

Тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, тоҷикон миллати сершумори ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, шумораашон 6373,8 ҳазор нафарро ташкил намуд ва ҳиссаи тоҷикон дар шумораи умумии аҳолӣ 84,3 фоизро ташкил кард.

Суръати муқоисавии афзоиши миллатҳо нишон медиҳад, ки **аз ҳама бештар шумораи тоҷикон зиёд шудааст**. Масалан, агар дар фосилаи байни солҳои 2000 ва 2010-ум **шумораи тоҷикон 1475,5 ҳазор нафар ё 30,1 фоиз** зиёд шуда бошад, пас шумораи **қирғизҳо, баръакс, 4,8 ҳазор нафар ё 7,3 фоиз, шумораи ӯзбекҳо 10,4 ҳазор нафар ё 1,1 фоиз, шумораи қазоқҳо 0,3 ҳазор нафар ё 36,4 фоиз ва туркманҳо 5,1 ҳазор нафар ё 25,2 фоиз кам шудааст.**

**Зиёдшавии шумораи тоҷикон асосан ба афзоиши табии аҳолӣ зич вобаста аст.**

**Дар даҳсолаи охир баробари афзоиши табии аҳолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ (кӯчида рафтани он) ба ҳайати миллии аҳолии ҷумҳурӣ низ таъсир расонид** ва дар сохтори этникии аҳолӣ баъзе тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд. Ба ҳамин сабаб, дар натиҷаи кӯчида рафтани аҳолии дигар миллатҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи русҳо - 48,9 фоиз, белорусҳо – 77,6 фоиз, украинҳо – 71,2 фоиз, молдаванҳо – 54,0 фоиз, тоторҳо – 65,7 фоиз, озариҳо – 53,5 фоиз, арманиҳо – 56,4 фоиз, гурҷиҳо – 42,9 фоиз ва дигар миллатҳо кам шудааст.

Инчунин намояндагони чунин миллатҳо ба мисли: қалмиқҳо, олтойҳо, адигейҳо, долганҳо, эвенкиҳо, эскимосҳо, тофаларҳо, шорсҳо, удинҳо, яҳудиҳои гурҷӣ, караимҳо, осуриҳо ва як қатор дигар майдамиллатҳо дар давраи даҳсолаи охир **аз ҷумҳурӣ кӯчида**

**рафтаанд** ва бо ин сабаб соли 2010 дар рафти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар шумораи умумии аҳолии доимии ҷумҳурӣ ба рӯйхат гирифта нашудаанд.

Дар баробари ин, дар шумораи умумии аҳолии доимии ҷумҳурӣ намояндагони чунин миллатҳо ба мисли: венгерҳо (1 нафар), франсузҳо (7 нафар) ва ҷопониҳо (2 нафар) ба рӯйхат гирифта шудаанд, ки дар барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум ҳамчун аҳолии доимӣ ба ҳисоб гирифта нашуда буданд.

## 4.2 Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи забони модарӣ ва донистани дигар забонҳо

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар баробари сабти миллат инчунин забони модарӣ ва дигар забонҳо, ки пурсидашавандагон озодона гап мезананд, ба ҳисоб гирифта шуданд.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010-ум **99,1 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ забони миллати худро ҳамчун забони асосӣ ва забони модарӣ номбар намуданд ва 0,9 фоизи аҳолӣ дигар забонҳоро ба сифати забони модарӣ қабул карданд** (соли 2000 мутобиқан - 98,6 ва 1,4 фоиз буд).

Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи забони модарӣ мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар сатҳи ҷумҳурӣ чунин мебошад:

| Миллат | Ҳамагӣ, нафар | аз онҳо, бо забони модарии | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миллати худ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | қазоқӣ | қирғизӣ | тоторӣ | дигар |
| **Ҳамаи аҳолӣ** | **7564502** | **7498938** | **27809** | **7851** | **23481** | **41** | **703** | **207** | **5472** |
| *аз онҳо:* | | | | | | | | | |
| Тоҷикон | 6373834 | 6357071 | - | 3182 | 11815 | 34 | 579 | 146 | 1007 |
| Озариҳо | 371 | 252 | 44 | 61 | 4 | - | 2 | - | 8 |
| Арманҳо | 434 | 235 | 14 | 180 | - | - | - | - | 5 |
| Белорусҳо | 104 | 31 | 11 | 58 | 1 | - | - | - | 3 |
| Гурҷиҳо | 92 | 58 | 7 | 19 | - | - | - | - | 8 |
| Қазоқҳо | 595 | 396 | 47 | 78 | 60 | - | 6 | 1 | 7 |
| Қирғизҳо | 60715 | 59437 | 897 | 53 | 306 | 1 | - | - | 21 |
| Молдаванҳо | 157 | 108 | 10 | 36 | - | - | - | - | 3 |

| Миллат | Ҳамагӣ, нафар | аз онҳо, бо забони модарии | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миллати худ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | қазоқӣ | қирғизӣ | тоторӣ | дигар |
| Русҳо | 34838 | 32747 | 819 | - | 68 | - | 2 | 13 | 1189 |
| Туркманҳо | 15171 | 13653 | 164 | 44 | 145 | - | - | - | 1165 |
| Ӯзбекҳо | 926344 | 903211 | 21999 | 866 | - | 6 | 111 | 21 | 130 |
| Украинҳо | 1090 | 451 | 41 | 588 | 2 | - | - | 3 | 5 |
| Тоторҳо | 6495 | 3996 | 470 | 1704 | 242 | - | - | - | 83 |
| Яҳудиҳо | 34 | 13 | 2 | 14 | - | - | - | 2 | 3 |
| Афғонҳо | 3675 | 2320 | 763 | 12 | 11 | - | 1 | - | 568 |
| Арабҳо | 4184 | 4089 | 78 | 6 | 10 | - | - | - | 1 |
| Хитоиҳо | 801 | 786 | 5 | 8 | - | - | - | - | 2 |
| Немисҳо | 446 | 222 | 33 | 177 | 1 | - | - | - | 13 |
| Эрониҳо | 473 | 395 | 26 | 20 | 2 | - | - | - | 30 |
| Туркҳо | 1360 | 316 | 88 | 7 | 5 | - | - | - | 944 |
| Дигар миллатҳо | 133289 | 119151 | 2291 | 738 | 10809 | 41 | 2 | 21 | 236 |

Тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло бармеояд, аз шумораи умумии қирғизҳо – 97,9 фоиз, ӯзбекҳо – 97,5 фоиз, русҳо – 94,0 фоиз, қазоқҳо – 66,6 фоиз, тоторҳо – 61,5 фоиз ва ғайраҳо забони миллати худро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.

Дар баробари ин, **намояндагони дигар миллатҳо**, ба мисли, қирғизҳо - 897 нафар, русҳо – 819 нафар, туркманҳо – 164 нафар, ӯзбекҳо – 21999 нафар, тоторҳо – 470 нафар, афғонҳо – 763 нафар, туркҳо – 88 нафар, арабҳо – 78 нафар ва дигар миллатҳо **забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.**

Ҳамзамон, **6357,1 ҳазор нафар ё 99,7 фоизи тоҷикони ҷумҳурӣ забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ нишон доданд**, ки ин **84,0 фоизи шумораи умумии аҳолии ҷумҳуриро** ташкил медиҳад. Инчунин забони тоҷикиро **27,8 ҳазор нафар** (ё 0,4 фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ) **намояндагони миллатҳои дигар** ҳамчун забони модарии худ қабул намудаанд. Дар маҷмӯъ, **забони тоҷикиро 6384,9 ҳазор нафар ё 84,4 фоиз аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд** (соли 2000 - 4905,8 ҳазор нафар ё 80,1 фоиз аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ буд).

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар баробари сабти миллат ва забони модарӣ, инчунин

дигар забонҳо, ки пурсидашавандагон озодона гап мезананд, ба ҳисоб гирифта шуданд.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010-ум **99,1 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ забони миллати худро ҳамчун забони асосӣ ва забони модарӣ номбар намуданд ва 0,9 фоизи аҳолӣ дигар забонҳоро ба сифати забони модарӣ қабул карданд** (соли 2000 мутобиқан - 98,6 ва 1,4 фоиз буд).

Тақсимоти аҳолӣ <u>аз рӯи забони модарӣ</u> мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар сатҳи ҷумҳурӣ чунин мебошад:

| Миллат | Ҳамагӣ, нафар | аз онҳо, бо забони модарии: | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миллати худ | тоҷикӣ | русӣ | ӯзбекӣ | қазоқӣ | қирғизӣ | тоторӣ | дигар |
| **Ҳамаи аҳолӣ** | **7564502** | **7498938** | **27809** | **7851** | **23481** | **41** | **703** | **207** | **5472** |
| *аз онҳо:* | | | | | | | | | |
| Тоҷикон | 6373834 | 6357071 | - | 3182 | 11815 | 34 | 579 | 146 | 1007 |
| Озариҳо | 371 | 252 | 44 | 61 | 4 | - | 2 | - | 8 |
| Арманҳо | 434 | 235 | 14 | 180 | - | - | - | - | 5 |
| Белорусҳо | 104 | 31 | 11 | 58 | 1 | - | - | - | 3 |
| Гурҷиҳо | 92 | 58 | 7 | 19 | - | - | - | - | 8 |
| Қазоқҳо | 595 | 396 | 47 | 78 | 60 | - | 6 | 1 | 7 |
| Қирғизҳо | 60715 | 59437 | 897 | 53 | 306 | 1 | - | - | 21 |
| Молдаванҳо | 157 | 108 | 10 | 36 | - | - | - | - | 3 |
| Русҳо | 34838 | 32747 | 819 | - | 68 | - | 2 | 13 | 1189 |
| Туркманҳо | 15171 | 13653 | 164 | 44 | 145 | - | - | - | 1165 |
| Ӯзбекҳо | 926344 | 903211 | 21999 | 866 | - | 6 | 111 | 21 | 130 |
| Украинҳо | 1090 | 451 | 41 | 588 | 2 | - | - | 3 | 5 |
| Тоторҳо | 6495 | 3996 | 470 | 1704 | 242 | - | - | - | 83 |
| Яхудиҳо | 34 | 13 | 2 | 14 | - | - | - | 2 | 3 |
| Афғонҳо | 3675 | 2320 | 763 | 12 | 11 | - | 1 | - | 568 |
| Арабҳо | 4184 | 4089 | 78 | 6 | 10 | - | - | - | 1 |
| Хитоиҳо | 801 | 786 | 5 | 8 | - | - | - | - | 2 |
| Немисҳо | 446 | 222 | 33 | 177 | 1 | - | - | - | 13 |
| Эрониҳо | 473 | 395 | 26 | 20 | 2 | - | - | - | 30 |
| Туркҳо | 1360 | 316 | 88 | 7 | 5 | - | - | - | 944 |
| Дигар миллатҳо | 133289 | 119151 | 2291 | 738 | 10809 | 41 | 2 | 21 | 236 |

Тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло бармеояд, аз шумораи умумии қирғизҳо – 97,9 фоиз, ӯзбекҳо – 97,5 фоиз, русҳо – 94,0 фоиз, қазоқҳо – 66,6 фоиз, тоторҳо – 61,5 фоиз ва ғайраҳо забони миллати худро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.

Дар баробари ин, **намояндагони дигар миллатҳо**, ба мисли, қирғизҳо - 897 нафар, русҳо – 819 нафар, туркманҳо – 164 нафар, ӯзбекҳо – 21999 нафар, тоторҳо – 470 нафар, афғонҳо – 763 нафар, туркҳо – 88 нафар, арабҳо – 78 нафар ва дигар миллатҳо **забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.**

Ҳамзамон, **6357,1 ҳазор нафар ё 99,7 фоизи тоҷикони ҷумҳурӣ забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ нишон доданд**, ки ин **84,0 фоизи шумораи умумии аҳолии ҷумҳуриро** ташкил медиҳад. Инчунин забони тоҷикиро **27,8 ҳазор нафар намояндагони миллатҳои дигар** ҳамчун забони модарии худ нишон доданд. Дар маҷмӯъ, забони тоҷикиро **6384,9 ҳазор нафар ё 84,4 фоиз аз шумораи аҳолии ҷумҳурӣ ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд** (соли 2000 - 4905,8 ҳазор нафар ё 80,1 фоиз аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ).

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ ба таври зерин нишон додаанд: ВМКБ – 94,3 фоизи аҳолии вилоят, вилояти Суғд – 84,1 фоиз, вилояти Хатлон – 82,0 фоиз, шаҳри Душанбе – 89,7 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 85,1 фоизи аҳолӣ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари аҳолии ВМКБ забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло маълум аст, пас аз забони тоҷикӣ инчунин шумораи муайяни аҳолии ҷумҳурӣ <u>**забони ӯзбекиро**</u> ҳамчун забони модарӣ нишон додаанд: аз шумораи умумии ӯзбекон 903,2 ҳазор нафар ва намояндагони миллатҳои дигар – 23,5 ҳазор нафар. Дар маҷмӯъ **926,7 ҳазор нафар ё 12,2 фоиз** аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ забони ӯзбекиро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 <u>**забони қирғизиро**</u> низ қисме аз аҳолии ҷумҳурӣ, ки дар маҷмӯъ **60,1 ҳазор нафар (ё 0,8 фоиз аз шумораи умумии**

**аҳолӣ)**-ро ташкил медиҳанд, ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд. Чунончӣ, аз шумораи умумии қирғизҳо – 59,4 ҳазор нафар ва намояндагони миллатҳои дигар – 703 нафар забони қирғизиро ҳамчун забони модарии худ нишон додаанд.

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар баробари забони модарӣ ба пурсидашавандагон инчунин савол оид ба донистани забони дуюм/сеюм низ дода мешуд.

Маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 нишон медиҳанд, ки **13,4 ҳазор нафар** аҳолии ҷумҳурӣ забони миллати худро ҳамчун забони дуюм/сеюми муошират нишон додаанд, **яъне ҳамчун забони модарии худ забони дигар миллатро нишон додаанд**.

Чунончӣ, **6,9 ҳазор нафар тоҷикон ва 629,3 ҳазор нафар намояндагони дигар миллатҳо забони тоҷикиро ҳамчун забони дуввум ва сеюм ҳисобида**, бо он озодона гуфтугӯ мекунанд (соли 2000-ум мутобиқан ҳамагӣ 481,4 ҳазор нафар буд).

Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи дигар забонҳо, ки озодона медонад мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| Миллат | Ҳамагӣ, нафар | аз онҳо озодона медонанд забони дуюм/сеюм | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | забони миллати худ | | тоҷикӣ | | русӣ | | ӯзбекӣ | | қирғизӣ | | дигар забонҳо | |
| | | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм |
| **Ҳамаи аҳолӣ** | **7564502** | **10414** | **2992** | **572157** | **57176** | **1963857** | **288260** | **328727** | **206217** | **9038** | **2853** | **45332** | **73379** |
| Тоҷикон | 6373834 | 5766 | 1118 | - | - | 1851576 | 105441 | 320002 | 200093 | 8877 | 2645 | 40362 | 67414 |
| Озариҳо | 371 | 6 | 5 | 80 | 90 | 213 | 46 | 13 | 27 | - | - | 13 | 27 |
| Арманҳо | 434 | 7 | 7 | 105 | 81 | 184 | 37 | 7 | 5 | - | - | 25 | 22 |
| Белорусҳо | 104 | 1 | 1 | 26 | 6 | 26 | 2 | 5 | 2 | - | - | 6 | 5 |
| Гурҷиҳо | 92 | 2 | 1 | 20 | 20 | 42 | 10 | 1 | 4 | - | - | 6 | 6 |
| Қазоқҳо | 595 | 5 | 5 | 202 | 95 | 253 | 111 | 32 | 64 | - | 4 | 12 | 25 |
| Қирғизҳо | 60715 | 171 | 26 | 18824 | 2225 | 6918 | 5565 | 3664 | 2375 | - | - | 216 | 300 |
| Молдаванҳо | 157 | 2 | 2 | 31 | 28 | 85 | 22 | 4 | 2 | - | - | 3 | 3 |
| Русҳо | 34838 | 290 | 27 | 10668 | 490 | - | - | 788 | 692 | 7 | 7 | 2046 | 940 |
| Туркманҳо | 15171 | 14 | 6 | 4718 | 1051 | 1625 | 2015 | 1618 | 1223 | 2 | 1 | 33 | 67 |
| Ӯзбекҳо | 926344 | 3951 | 1708 | 48554 | 49378 | 93187 | 154841 | - | - | 141 | 186 | 1638 | 3716 |
| Украинҳо | 1090 | 32 | 7 | 261 | 92 | 321 | 64 | 11 | 25 | - | - | 56 | 42 |
| Тоторҳо | 6495 | 100 | 51 | 1483 | 1128 | 2941 | 764 | 622 | 795 | 7 | 5 | 145 | 158 |
| Яҳудиҳо | 34 | - | - | 8 | 6 | 11 | 4 | - | - | - | - | 6 | 4 |
| Афғонҳо | 3675 | 8 | 5 | 1381 | 132 | 307 | 186 | 335 | 273 | - | 1 | 204 | 174 |
| Арабҳо | 4184 | 3 | 1 | 37 | 6 | 605 | 211 | 622 | 293 | - | - | 12 | 20 |

| Миллат | Ҳамагӣ, нафар | аз онҳо озодона медонанд забони дуюм/сеюм | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | забони миллати худ | | тоҷикӣ | | русӣ | | ӯзбекӣ | | қирғизӣ | | дигар забонҳо | |
| | | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм | забони дуюм | забони сеюм |
| Хитоиҳо | 801 | 1 | - | 26 | 6 | 86 | 6 | 6 | 9 | - | - | 26 | 8 |
| Немисҳо | 446 | 16 | 3 | 98 | 48 | 181 | 23 | 9 | 11 | - | - | 34 | 34 |
| Эрониҳо | 473 | 2 | 2 | 92 | 26 | 99 | 39 | - | 5 | - | - | 132 | 61 |
| Туркҳо | 1360 | 7 | 1 | 581 | 63 | 157 | 256 | 60 | 58 | - | 1 | 18 | 15 |
| Дигар миллатҳо | 133289 | 30 | 16 | 484962 | 2205 | 5040 | 18617 | 928 | 261 | 4 | 3 | 339 | 338 |

Забони русӣ дар ҷумҳурӣ пас аз забони тоҷикӣ яке аз забонҳои паҳншуда ба ҳисоб меравад. **Забони русиро 40,6 ҳазор нафар аҳолӣ ҳамчун забони модарӣ нишон доданд** (соли 2000-ум мувофиқан - 84,4 ҳазор нафар буд), ки аз он 32,7 ҳазор нафар русҳо ва 7,9 ҳазор нафар намояндагони дигар миллатҳо мебошанд. Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 – **2252,2 ҳазор нафар ё 29,8 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ забони русиро ба сифати забони дуввум ва сеюми муошират номбар карданд** (соли 2000-ум 1232,4 ҳазор нафар буд).

Дар ҷумҳурӣ дар баробари паҳншавии муошират бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, инчунин бо дигар забонҳо аҳолӣ муошират менамоянд. Нишондиҳандаҳои истифода ва паҳншавии дигар забонҳоро ҳамчун забони муошират дар сатҳи ҷумҳурӣ мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 аз ҷадвали зер дидан мумкин аст:

| Забонҳо | Аҳолии ҳамаи миллатҳо, ки забони мазкурро ҳамчун забони модарӣ ва дуюм/сеюм нишон додаанд | | | |
|---|---|---|---|---|
| | нафар | | бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумо-раи умумии аҳолии минтақа | |
| | забони модарӣ | забони дуюм/сеюм | забони модарӣ | забони дуюм/сеюм |
| Тоҷикӣ | 6384880 | 636217 | 84,41 | 8,41 |
| Русӣ | 40598 | 2252434 | 0,54 | 29,78 |
| Ӯзбекӣ | 926692 | 540603 | 12,25 | 7,15 |
| Қирғизӣ | 60140 | 12088 | 0,80 | 0,16 |
| Англисӣ | 175 | 63369 | 0,00 | 0,84 |
| Арабӣ | 4092 | 5506 | 0,05 | 0,07 |

| Забонҳо | Аҳолии ҳамаи миллатҳо, ки забони мазкурро ҳамчун забони модарӣ ва дуюм/сеюм нишон додаанд | | | |
|---|---|---|---|---|
| | нафар | | бо ҳисоби фоиз нисбат ба шумо-раи умумии аҳолии минтақа | |
| | забони модарӣ | забони дуюм/сеюм | забони модарӣ | забони дуюм/сеюм |
| Немисӣ | 233 | 3282 | 0,00 | 0,04 |
| Туркӣ | 1416 | 2966 | 0,02 | 0,04 |
| Форсӣ | 1368 | 2062 | 0,02 | 0,03 |
| Хитоӣ | 860 | 808 | 0,01 | 0,01 |

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло дида мешавад, донистани забонҳои хориҷӣ инчунин дар байни аҳолии ҷумҳурӣ паҳн шудааст. Чунончӣ, агар **забони англисиро** 175 нафар аҳолии ҷумҳурӣ ҳамчун забони модарии худ нишон дода бошанд, пас 63,4 ҳазор нафар (ё 0,84 фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ) ин забонро ҳамчун забони дуюм ва сеюми муошират нишон додаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сатҳи минтақаҳо донистани забони англисӣ аз тарафи аҳолӣ мухталиф аст. Чунончӣ, аз ҳама бештар аҳолии шаҳри Душанбе 22,9 ҳазор нафар (ё 4,82 фоиз аз шумораи умумии аҳолии шаҳр) донистани забони англисиро қайд намудаанд; дар ВМКБ – 5,2 ҳазор нафар (ё 2,53 фоиз аз шумораи умумии аҳолии вилоят), дар вилояти Суғд – 12,1 ҳазор нафар (ё 0,54 фоиз аз шумораи умумии аҳолии вилоят) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 5,2 ҳазор нафар (ё 0,3 фоиз аз шумораи умумии аҳолии минтақа) забони англисиро медонанд. Танҳо 5,9 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ) дар вилояти Хатлон донистани забони англисиро қайд намудаанд.

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил баробари донистани забони англисӣ, аҳолии ҷумҳурӣ инчунин донистани забонҳои арабӣ, немисӣ, туркӣ, форсӣ ва хитоиро нишон додаанд ва вобаста ба ин маълумотҳо дар сатҳи минтақаҳо фарққунанда мебошанд. Чунончӣ, донистани **забони хитоиро** 565 нафар сокини шаҳри Душанбе нишон додаанд, ки ин 69,9 фоиз аз шумораи умумии шахсоне, ки забони хитоиро медонанд, ташкил медиҳад.

Донистани **забони арабӣ** дар байни аҳолии шаҳри Душанбе (2258 нафар), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (1242 нафар), вилояти Суғд (1049 нафар) ва вилояти Хатлон (867 нафар); донистани **забони немисӣ** дар байни аҳолии шаҳри Душанбе (1894 нафар), вилояти Суғд (683 нафар), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (276 нафар) ва вилояти Хатлон (264 нафар); донистани **забони туркӣ** дар байни аҳолии шаҳри Душанбе (1408 нафар), вилояти Хатлон (728 нафар), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (476 нафар) ва вилояти Суғд (321 нафар) паҳн шудааст.

# Ү. Сатҳи таҳсилотнокии аҳолӣ

## 5.1. Тағйирёбии сатҳи таҳсилотнокии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар

Маориф яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи рушди устувори инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон савол дар бораи маълумотнокии аҳолӣ дар ҳамаи барномаҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ дохил карда шудааст.

Мутобиқи Барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, савол оид ба маълумотнокии аҳолӣ барои шахсони синни 6 - сола ва калонсолтар мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд ва дар баробари ин сатҳи баландтарини маълумотнокии пурсидашавандагон низ ба ҳисоб гирифта шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои ба даст омада, дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил аз шумораи умумии аҳолии синни 15 - сола ва калонсолтар 4789,5 ҳазор нафар ё 98,3 фоизи тамоми аҳолии ҷумҳурӣ дар ҳамин синну сол дорои маълумот буданд. Шумораи аҳолии дорои маълумот нисбат ба соли 2000-ум 1348,4 ҳазор нафар ё 39,2 фоиз зиёд шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, шумораи шахсони дорои маълумоти олӣ ва олии нопурра 477,3 ҳазор нафарро ташкил кард, ки нисбат ба соли 2000-ум 166,1 ҳазор нафар ё 53,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 шахсони дорои дараҷаи илмӣ, яъне номзад ва докторҳои илм инчунин ба ҳисоб гирифта шуданд. Шумораи онҳо нисбат ба соли 2000-ум афзудааст: шумораи номзадҳои илм аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 - 4651 нафарро ташкил намуда, нисбат ба соли 2000-ум 2636 нафар ё 2,3 баробар ва мувофиқан докторҳои илм 2244 нафарро ташкил намуда, нисбат ба соли 2000-ум 1711 нафар ё 4,2 баробар афзудааст.

Чӣ тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи касбӣ нисбат ба ҳамин нишондиҳандаҳои соли

1989-ум ба камшавӣ рӯй оварда буд. Агар соли 1989 шахсони дорои маълумоти миёнаи касбӣ 318,9 ҳазор нафар ё 11 фоизи аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтарро ташкил карда бошанд, пас соли 2000-ум ҳамагӣ 230,4 ҳазор нафар аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар дорои маълумоти миёнаи касбӣ буданд, ки 6,6 фоизи ҳамаи аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтарро ташкил медод. Аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, баръакс, тамоюли зиёдшавии шахсони дорои маълумоти миёнаи касбӣ ба назар расида бошад ҳам, вале танҳо 356,9 ҳазор нафар (ё 7,3 фоиз)-и шумораи умумии аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтарро ташкил додааст. (соли 1989 - 11 фоизи аҳолии 15-сола ва калонсолтарро ташкил дода буд.)

Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2000-ум 126,5 ҳазор нафар ё 54,9 фоиз афзуда бошад ҳам, вале ҳиссаи аҳолии 15-сола ва калонсолтар, ки дорои маълумоти миёнаи касбӣ мебошанд, нисбат ба соли 1989 кам шудааст.

Динамикаи тағйирёбии сатҳи маълумотнокии аҳолӣ мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгириҳои аҳолӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | с. 1989 | с. 2000 | с. 2010 | с. 2010 бо % нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | с. 1989 | с. 2000 |
| Ҳамагӣ шахсони синни 15-сола ва калонсолтар | 2906,0 | 3510,7 | 4873,9 | 167,7 | 138,8 |
| аз ҷумлаи онҳо, маълумоти олии касбӣ, олиии касбии нопурра ва миёнаи касбӣ доранд | 2710,2 | 3441,1 | 4789,5 | 176,8 | 139,2 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| олии касбӣ | 218,7 | 266,9 | 374,4 | 171,2 | 140,3 |
| аз онҳо, нафар: | | | | | |
| *номзадҳои илм* | 1835[x] | 2015 | 4651 | - | 2,3 бар. |
| *докторҳои илм* | 226[x] | 533 | 2244 | - | 4,2 бар. |
| олии касбии нопурра | 38,9 | 44,3 | 102,9 | 2,6 бар. | 2,3 бар. |

[x] ) пурсида нашудааст, зеро чунин савол дар варақаи барӯйхатгирӣ набуд, вале мутобиқи маълумотҳое, ки тавассути ҳисоботҳои оморӣ ба даст оварда шудаанд, дар соли 1991 шумораи номзадҳои илм – 1835 нафар ба қайд гирифта шуда, докторҳои илм бошад 226 нафарро ташкил доданд.

| | с. 1989 | с. 2000 | с. 2010 | с. 2010 бо % нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | с. 1989 | с. 2000 |
| миёнаи касбӣ | 318,9 | 230,4 | 356,9 | 111,9 | 154,9 |
| миёнаи умумӣ | 1241,1 | 2019,4 | 2574,8 | 2,1 бар. | 127,5 |
| умумии асосӣ | 613,3 | 672,3 | 1028,6 | 167,7 | 153,0 |
| ибтидоии умумӣ | 279,3 | 207,8 | 351,9 | 126,0 | 169,3 |
| Ба 1000 нафар аҳолӣ дар синни 15-сола ва калонсолтар шахсони дорои маълумоти олии касбӣ, олии касбии нопурра, миёнаи касбӣ рост меояд | 933 | 981 | 982 | 105,4 | 100,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| олии касбӣ | 75 | 76 | 77 | 102,7 | 101,3 |
| аз онҳо ба 100 000 нафар аҳолӣ дар синни 15-сола ва калонсолтар, нафар: | | | | | |
| *номзадҳои илм* | 63 | 57 | 95 | 150,8 | 166,7 |
| *докторҳои илм* | 8 | 15 | 46 | 5,8 бар. | 3,1 бар. |
| олии касбии нопурра | 14 | 13 | 21 | 150,0 | 161,5 |
| миёнаи касбӣ | 110 | 66 | 73 | 66,4 | 110,6 |
| миёнаи умумӣ | 427 | 575 | 528 | 123,7 | 91,8 |
| умумии асосӣ | 211 | 192 | 211 | 100,0 | 109,9 |
| ибтидоии умумӣ | 96 | 59 | 72 | 75,0 | 122,0 |

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло дида мешавад, дар давраи байни барӯйхатгириҳо ба 1000 нафар аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар камшавии шумораи аҳолиии **дорои маълумоти миёнаи умумӣ** ба назар мерасад. Чунончӣ, агар соли 2000-ум ба 1000 нафар аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар шахсони **дорои маълумоти миёнаи умумӣ** 575 нафар рост омада бошад, пас соли 2010 ин нишондиҳанда 528 нафарро ташкил медиҳад.

Дар соли 1989 бошад, ин нишондиҳанда боз ҳам камтар буда, 427 нафарро ташкил дод.

Сабаби асосии ин ҳолат дар он аст, ки дар давраи даҳсолаи охир таҳсилоти умумии асосӣ (9-сола) ҳатмӣ буда, нишондиҳандаи ин сатҳи таҳсилот ба 1000 нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар 211 нафарро ташкил дод, ки он аз нишондиҳандаи соли 2000-ум (192 нафар) баландтар мебошад. Таҳлили нишондиҳандаҳо

нишон медиҳад, ки бештари духтарҳо пас аз хатми синфҳои 8-9 асосан таҳсилро идома намедиҳанд, ин ҳолат барои кам шудани нишондиҳандаи бо таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро гирифтани аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар таъсир расонидааст.

Ҳамчунин, чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали боло дида мешавад, дар даҳсолаи охир ба 1000 нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар зиёдшавии шумораи аҳолии дорои маълумоти ибтидоии умумӣ ба назар мерасад, яъне агар дар соли 2000-ум ба 1000 нафар аҳолии ҳамин синну сол шахсони дорои маълумоти ибтидоии умумӣ 59 нафар рост омада бошад (соли 1989 - 96 нафар рост омада буд), пас дар соли 2010 ин нишондиҳанда ба 1000 нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар 72 нафарро ташкил кардааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби бештар бо таҳсилоти ибтидоии умумӣ фаро гирифтани аҳолӣ ба амал омадааст.

**Маълумотнокии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтари Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 1989, 2000 ва 2010-ум, фоиз**




Дараҷаи маълумотнокии ҷавонони синни 14-30 сола низ баланд шуда, аксарияти онҳо маълумоти олӣ, олии нопурра ва миёнаи пурра доранд. **Шумораи ҷавонони синни 14-30 сола** аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 - **2631,9 ҳазор нафар** ё нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ 34,8 фоизро ташкил медиҳад. Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, **аз шумораи умумии**

**ҷавонони синни 14-30 сола - 2572,2 ҳазор нафар** ё 97,7 фоиз **бо таҳсилот фаро гирифта шудаанд.**

Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи синну сол ва маълумотнокӣ мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010:

| | Ба 1000 нафар аҳолии синну соли мувофиқ шахсони маълумотдор рост меояд | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ шахсони синни 15-сола ва калонсолтар, ки таҳсилоти олӣ, миёна ва касбӣ доранд | аз он ҷумла: | | | | |
| | | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ (11-сола) | умумии асосӣ (9-сола) |
| Аҳолии синну соли: | | | | | | |
| 15-19 | 789 | - | 15 | 14 | 306 | 454 |
| 20-24 | 945 | 47 | 63 | 46 | 584 | 205 |
| 25-29 | 953 | 98 | 17 | 57 | 596 | 185 |
| 30-34 | 960 | 97 | 13 | 76 | 625 | 149 |
| 35-39 | 965 | 97 | 12 | 104 | 650 | 102 |
| 40-44 | 964 | 103 | 11 | 124 | 627 | 99 |
| 45-49 | 963 | 114 | 10 | 128 | 609 | 102 |
| 50-54 | 958 | 128 | 9 | 130 | 570 | 121 |
| 55-59 | 942 | 143 | 9 | 130 | 503 | 157 |
| 60-64 | 895 | 147 | 9 | 119 | 413 | 207 |
| 65-69 | 816 | 114 | 8 | 97 | 349 | 248 |
| 70-сола ва калонсолтар | 607 | 64 | 6 | 56 | 232 | 249 |

Аз шумораи умумии аҳолии машғул 2786,7 ҳазор нафар маълумотдор мебошанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2000-ум 781,8 ҳазор нафар ё 39,0 фоиз зиёд шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали зер тағйирёбии сатҳи маълумоти аҳолии машғулро дар давраи байни барӯйхатгирӣ нишон медиҳанд:

| | с. 2000 | с. 2010 | Ба 1000 нафар аҳолии машғул рост меояд | |
|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2000 | с. 2010 |
| Шумораи умумии аҳолии машғул, ки таҳсилоти олии касбӣ, олии касбии нопурра, миёнаи касбӣ доранд, ҳазор нафар | 2004,9 | 2785,0 | 993 | **991** |
| аз он ҷумла: | | | | |
| олии касбӣ | 207,6 | 287,3 | 103 | 102 |

| | с. 2000 | с. 2010 | Ба 1000 нафар аҳолии машғул рост меояд | |
|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2000 | с. 2010 |
| олии касбии нопурра | 14,4 | 38,9 | 7 | 14 |
| миёнаи касбӣ | 170,2 | 250,1 | 84 | 89 |
| миёнаи умумӣ | 1323,5 | 1678,6 | 656 | 597 |
| умумии асосӣ | 258,4 | 439,7 | 128 | 157 |
| ибтидоии умумӣ | 30,8 | 90,4 | 15 | 32 |

Маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 нишон медиҳанд, ки **дараҷаи маълумотнокии аҳолии машғул** дар синну соли 15-сола ва калонсолтар нисбат ба дараҷаи маълумотнокии **ҳамаи аҳолӣ дар ҳамин синну сол баланд мебошад.** Чунончӣ, аз ҷадвалҳои боло дида мешавад, ки **ба 1000 нафар аҳолии машғул - 991** нафар шахсони маълумотдор рост омад ва ин нишондиҳанда барои **ҳамаи аҳолӣ дар синни 15-сола ва калонсолтар – 982** нафарро ташкил кард.

**Таносуби аҳолии машғули таҳсилкарда ва шумораи умумии аҳолии синни 15 - сола ва калонсолтар дар соли 2010 (ба 1000 нафар)**




Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 шумораи шахсони маълумотдор дар маҳалҳои шаҳрӣ, ки маълумоти олӣ, олии нопурра, миёнаи касбӣ доранд, нисбат ба маҳалҳои деҳот зиёдтар мебошад. Агар дар маҳалҳои шаҳрӣ ба 1000 нафар нафар аҳолӣ шахсони дорои маълумоти олӣ - 145 нафар, олии нопурра - 45 нафар рост ояд, пас дар маҳалҳои

деҳот мутобиқан ин нишондиҳанда ба 51 нафар ва 12 нафар рост омадааст.

Дараҷаи маълумотнокии аҳолии шаҳрҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 1989, 2010 ва 2010-ум дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | Ба 1000 нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар шахсони маълумотдор рост меоянд: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
| Аҳолии шаҳрҳо ва деҳот | | | | | | |
| с. 1989 | 75 | 14 | 110 | 427 | 211 | 96 |
| с. 2000 | 76 | 13 | 66 | 575 | 192 | 59 |
| с. 2010 | 77 | 21 | 73 | 528 | 211 | 72 |
| Аҳолии шаҳрҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 126 | 26 | 168 | 348 | 201 | 79 |
| с. 2000 | 138 | 27 | 94 | 513 | 164 | 50 |
| с. 2010 | 145 | 45 | 103 | 458 | 168 | 65 |
| Аҳолии деҳот | | | | | | |
| с. 1989 | 46 | 6 | 76 | 473 | 217 | 106 |
| с. 2000 | 51 | 7 | 54 | 600 | 203 | 63 |
| с. 2010 | 51 | 12 | 62 | 554 | 227 | 75 |

**Дараҷаи маълумотнокии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтари маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳоти ҷумҳурӣ аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгириҳои аҳолии солҳои 2000 ва 2010 (ба 1000 нафар)**



Дараҷаи маълумотнокии мардҳо ва занҳо дар шаҳрҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | Ба 1000 нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар шахсони маълумотдор рост меоянд: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
| **Аҳолии шаҳрҳо ва деҳот** | | | | | | |
| Мардҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 97 | 16 | 136 | 430 | 201 | 79 |
| с. 2000 | 107 | 18 | 77 | **570** | 166 | 50 |
| с. 2010 | 109 | 28 | 93 | **511** | 180 | 64 |
| Занҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 55 | 11 | 85 | 424 | 221 | 112 |
| с. 2000 | 45 | 7 | 54 | **581** | 217 | 68 |
| с. 2010 | 45 | 14 | 54 | **544** | 242 | 80 |
| **Аҳолии шаҳрҳо** | | | | | | |
| Мардҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 133 | 29 | 166 | 376 | 202 | 65 |
| с. 2000 | 168 | 37 | 89 | 512 | 143 | 43 |
| с. 2010 | **182** | **58** | **112** | **425** | 149 | 59 |
| Занҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 120 | 24 | 169 | 322 | 200 | 91 |
| с. 2000 | 110 | 18 | 99 | 513 | 184 | 56 |
| с. 2010 | **108** | **32** | **95** | **488** | 187 | 71 |
| **Аҳолии деҳот** | | | | | | |
| Мардҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 76 | 9 | 119 | 460 | 200 | 87 |
| с. 2000 | 83 | 11 | 73 | 592 | 175 | 53 |
| с. 2010 | **81** | **17** | **86** | **543** | 191 | 66 |
| Занҳо | | | | | | |
| с. 1989 | 17 | 3 | 35 | 485 | 233 | 125 |
| с. 2000 | 20 | 3 | 36 | 608 | 230 | 73 |
| с. 2010 | **21** | **7** | **38** | **565** | 263 | 84 |

Аз рӯи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 сатҳи маълумотнокии мардҳо нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум афзудааст.

Дараҷаи маълумотнокии мардҳо нисбат ба занҳо низ дар сатҳи баланд қарор дорад. Чунончӣ, агар ***дар шаҳрҳо*** ба 1000 нафар марди синни 15-сола ва калонсолтар бо маълумоти олии касбӣ – 182 нафар, олии касбии нопурра – 58 нафар, миёнаи касбӣ – 112 нафар ва миёнаи умумӣ – 425 нафар рост ояд, пас ҳамин нишондиҳанда барои занҳо: маълумоти олии касбӣ – 108 нафар, олии касбии

нопурра – 32 нафар, миёнаи касбӣ – 95 нафар ва миёнаи умумӣ – 488 нафарро ташкил дод.

Дар ***деҳот*** низ нишондиҳандаи сатҳи маълумотнокии мардҳо нисбат ба ҳамин нишондиҳандаҳои сатҳи маълумотнокии занҳо бартарӣ дошта, мутобиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ба 1000 нафар марди синни 15-сола ва калонсолтар бо маълумоти олии касбӣ – 81 нафар, олии касбии нопурра – 17 нафар, миёнаи касбӣ – 86 нафар ва миёнаи умумӣ – 543 нафар рост ояд, пас ҳамин нишондиҳанда барои занҳо: маълумоти олии касбӣ – 21 нафар, олии касбии нопурра – 7 нафар, миёнаи касбӣ – 38 нафар ва миёнаи умумӣ – 565 нафарро ташкил дод.

Чуноне, ки аз маълумотҳо дида мешавад, *ҳам дар маҳалҳои шаҳрӣ ва ҳам дар маҳалҳои деҳот* **шумораи мардҳои дорои маълумоти миёнаи умумӣ** нисбат ба занҳои дорои ҳамин сатҳи маълумот **камтар** мебошад.

Нишондиҳандаи маълумотнокии аҳолӣ аз рӯи маълумоти миёнаи умумӣ ба 1000 нафар шахсони 15-сола ва калонсолтар нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2000-ум кам шудааст. Мисол, мувофиқи маълумотҳои ҷадвали боло, агар барои **мардҳои** шаҳрҳо ва деҳот ин нишондиҳанда 570 нафарро дар соли 2000-ум ва 511 нафарро дар соли 2010-ум ташкил дода бошад, пас барои **занҳо** ин нишондиҳанда аз 581 нафар (дар соли 2000-ум) то ба 544 нафар (дар соли 2010-ум) кам шудааст.

**Дараҷаи маълумотнокии мардҳо ва занҳои синни 15 - сола ва калонсолтар аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 (ба 1000 нафар )**



Мувофиқи саволномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 аҳолии синни 6-60 сола, ки дар давраи барӯйхатгирӣ дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекарданд, ба рӯйхат гирифта шуданд. Шумораи умумии онҳо 1971,8 ҳазор нафарро ташкил кард, ки 32,5 фоизи ҳамаи аҳолии синну соли 6-60 соларо ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии шахсони синну 6-60 сола, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил кардаанд, бештари онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – 1797,6 ҳазор нафар ва муассисаҳои олии касбӣ – 106,6 ҳазор нафар таҳсил кардаанд. Дар муассисаҳои таълимии баъд аз муассисаҳои олии касбӣ (аспирантура, докторантура) 2068 нафар таҳсил кардаанд.

**Аҳолии синни 6 - 60 сола, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил кардаанд аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, фоиз**




## 5.2. Сатҳи таҳсилотнокии аҳолӣ дар минтақаҳо

Нишондиҳандаҳои маълумотнокии аҳолии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010-ум дар ҷадвали зер оварда шудаанд:

| | Ба 1000 нафар аҳолии 15-сола ва калонсолтар рост меояд маълумоти: | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳамагӣ** | **77** | **21** | **73** | **528** | **211** |
| *аз он ҷумла*: | | | | | |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 145 | 45 | 103 | 457 | 168 |
| маҳалҳои деҳот | 51 | 12 | 62 | 555 | 227 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон –ҳамагӣ** | **131** | **35** | **136** | **515** | **119** |
| *аз он ҷумла*: | | | | | |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 268 | 76 | 211 | 297 | 89 |
| маҳалҳои деҳот | 107 | 28 | 123 | 554 | 124 |
| **Вилояти Суғд-ҳамагӣ** | **74** | **18** | **76** | **564** | **196** |
| *аз он ҷумла*: | | | | | |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 126 | 35 | 114 | 494 | 166 |
| маҳалҳои деҳот | 55 | 12 | 63 | 588 | 207 |
| **Вилояти Хатлон - ҳамагӣ** | **51** | **13** | **59** | **570** | **206** |
| *аз он ҷумла*: | | | | | |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 97 | 28 | 91 | 528 | 180 |
| маҳалҳои деҳот | 41 | 10 | 52 | 578 | 212 |
| **ш. Душанбе-ҳамагӣ** | **200** | **70** | **92** | **391** | **151** |
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ-ҳамагӣ** | **57** | **14** | **74** | **477** | **278** |
| *аз он ҷумла*: | | | | | |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 89 | 20 | 123 | 458 | 216 |
| маҳалҳои деҳот | 52 | 13 | 67 | 479 | 288 |

Дар пойтахт ҳиссаи шахсони дорои маълумоти олии касбӣ ва олии касбии нопурра аз ҳамин нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ 2,5 баробар зиёд мебошад ва ба 1000 нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар мутаносибан нишондиҳандаи 200 ва 70 рост меояд. Дар ВМКБ, вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе ҳиссаи шахсони дорои маълумоти миёнаи касбӣ, ки ба 1000 нафар аҳолии 15-сола ва калонсолтар рост меояд, низ назар ба ҳамин нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ зиёд мебошад. Дар маҳалҳои деҳоти ВМКБ, вилояти Суғд ва Хатлон бошад ҳиссаи шахсони дорои маълумоти

миёнаи умумӣ (ба 1000 нафар шахсони синни 15-сола ва калонсолтар) нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ бартарӣ дорад.

Дараҷаи маълумотнокии аҳолии синни 6-сола ва калонсолтари ҷумҳурӣ мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар минтақаҳо дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | Ҳамаи[4] аҳолӣ, ҳазор нафар | аз онҳо маълумот доранд: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **6398,8** | **374,4** | **102,9** | **356,9** | **2574,8** | **1065,3** | **923,8** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 182,1 | 19,3 | 5,2 | 20,1 | 76,6 | 18,5 | 21,7 |
| Вилояти Суғд | 1907,9 | 110,5 | 26,5 | 113,8 | 845,9 | 303,9 | 242,3 |
| Вилояти Хатлон | 2236,4 | 84,8 | 21,9 | 97,3 | 942,4 | 354,3 | 351,8 |
| ш. Душанбе | 629,5 | 97,8 | 34,2 | 44,8 | 191,3 | 79,5 | 87,7 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 1442,9 | 62,0 | 15,1 | 80,9 | 518,6 | 309,1 | 220,3 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| ш. Ваҳдат | 34,9 | 2,2 | 0,5 | 2,9 | 12,2 | 6,2 | 5,6 |
| ш. Роғун | 11,7 | 0,8 | 0,1 | 1,1 | 4,7 | 1,4 | 1,7 |
| ш. Турсунзода | 41,5 | 3,5 | 0,7 | 5,5 | 14,5 | 5,5 | 5,9 |
| ноҳияи Варзоб | 54,7 | 3,7 | 0,9 | 2,7 | 18,6 | 11,6 | 8,4 |
| Ваҳдат | 200,7 | 7,9 | 2,2 | 11,6 | 68,9 | 47,8 | 30,3 |
| ноҳияи Нуробод | 53,8 | 1 | 0,3 | 1,6 | 19,1 | 13,9 | 8,4 |
| ноҳияи Рашт | 84,7 | 2,2 | 0,7 | 3,4 | 31,2 | 18,6 | 13,9 |
| ноҳияи Роғун | 18,6 | 0,4 | 0,1 | 0,5 | 7,1 | 3,2 | 3,8 |
| ноҳияи Рӯдакӣ | 327,1 | 13,2 | 3,1 | 15,9 | 108,3 | 81,2 | 49,3 |
| ноҳияи Тавилдара | 16,1 | 0,8 | 0,2 | 0,8 | 5,1 | 3,1 | 2,8 |
| ноҳияи Тоҷикобод | 31,3 | 0,8 | 0,2 | 1,1 | 13,7 | 5,2 | 5,1 |
| ноҳияи Турсунзода | 166,4 | 5,6 | 1,2 | 10,7 | 64,8 | 33,7 | 24,4 |
| ноҳияи Файзобод | 68,3 | 4,0 | 0,8 | 3,0 | 28,8 | 10,6 | 10,3 |
| ноҳияи Ҳисор | 204,5 | 9,7 | 2,6 | 11,2 | 69,4 | 46,3 | 31,5 |
| ноҳияи Ҷиргатол | 46,8 | 1,4 | 0,2 | 2,0 | 22,5 | 5,4 | 7,0 |
| ноҳияи Шаҳринав | 81,8 | 4,8 | 1,3 | 6,9 | 29,7 | 15,4 | 11,9 |

Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил инчунин манбаи ягонаи маълумотҳо оид ба шумораи аҳолии бесавод мебошад. **Ба**

[4] ) Дар шумораи умимии аҳолӣ инчунин шахсоне, ки маълумоти ибтидоӣ надоранд ва хондану навишта наметавонанд, ҳисоб карда шудаанд.

**категорияи шахсони бесавод – пурсидашавандагоне дохил карда шудаанд, ки хонда ва навишта наметавонанд**.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, **шумораи умумии шахсони 6-сола ва калонсолтар, ки хонда ва навишта наметавонанд 191,5 ҳазор нафарро** ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000-ум – 18,6 ҳазор нафар ё 10,8 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии бесаводон **159,0 ҳазор нафар ё 83,0 фоизро шахсони синни 6-сола** ташкил медиҳанд (соли 2000-ум 149,6 ҳазор нафар буд ё 86,6 фоиз аз шумораи умумии бесаводон).

Маълумотҳо оид ба шумораи умумии шахсони бесавод дар синни 6-сола ва калонсолтар дар ҷумҳурӣ бо тақсимот дар сатҳи минтақаҳо аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгириҳои аҳолии соли 2000 ва 2010-ум дар ҷадвали зер оварда шудаанд:

| Минтақаҳо | Шумораи умумии шахсони синни 6-сола ва калонсолтар, ки хонда ва навишта наметавонанд (ҳазор нафар) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | соли 2000 | | соли 2010 | |
| | ҳамагӣ | аз он ҷумла 6-сола | ҳамагӣ | аз он ҷумла 6-сола |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **172,9** | **149,6** | **191,5** | **159,0** |
| *аз он ҷумла:* | | | | |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 3,7 | 3,1 | 3,9 | 3,3 |
| Вилояти Суғд | 51,9 | 41,0 | 53,2 | 44,3 |
| Вилояти Хатлон | 65,7 | 60,3 | 74,3 | 60,8 |
| ш. Душанбе | 12,6 | 10,9 | 15,5 | 13,6 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 39,0 | 34,3 | 44,6 | 37,0 |

**Мутобиқи стандартҳои байналхалқӣ ва бо мақсади муқоисашаванда будани маълумотҳо дар сатҳи байналхалқӣ, дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон дар баробари нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи маълумотнокии аҳолӣ, инчунин**

**нишондиҳандаи шумораи бесаводон <u>дар синни 9-49 сола</u> мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ алоҳида нишон дода мешавад.**

Шумораи умумии **шахсони бесавод дар синни 9-49 сола** мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 дар сатҳи минтақаҳо дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | Ҳарду ҷинс | мардҳо | занҳо |
|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон, нафар** | **5963** | **2674** | **3289** |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 1941 | 871 | 1070 |
| маҳалҳои деҳот | 4022 | 1803 | 2219 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | **133** | **63** | **70** |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 36 | 18 | 18 |
| маҳалҳои деҳот | 97 | 45 | 52 |
| **Вилояти Суғд** | **1391** | **670** | **721** |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 435 | 196 | 239 |
| маҳалҳои деҳот | 956 | 474 | 482 |
| **Вилояти Хатлон** | **2394** | **1060** | **1334** |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 403 | 178 | 225 |
| маҳалҳои деҳот | 1991 | 882 | 1109 |
| **ш.Душанбе** | **845** | **391** | **454** |
| **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **1200** | **490** | **710** |
| маҳалҳои шаҳрӣ | 222 | 88 | 134 |
| маҳалҳои деҳот | 978 | 402 | 576 |

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 - 6,0 ҳазор нафар аҳолии бесаводи синни 9-49 сола ба ҳисоб гирифта шуд, ки 0,1 фоизи ҳамаи аҳолии синну соли мазкурро ташкил дода, нисбат ба соли 2000-ум 0,6 ҳазор нафар ё 9,1 фоиз кам шудааст. Аз шумораи умумии бесаводон 2,7 ҳазор нафарро мардҳо ва 3,3 ҳазор нафарро занҳо ташкил медиҳанд.

**Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи шахсони бесавод дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо бештар аст, инҳо шахсони ҷисман ноқис ва кӯҳансол буда, ба таҳсил имкон надоранд, инчунин шахсоне мебошанд, ки падару модарашон (хусусан, ба духтарон) барои хондан монеагӣ мекунанд.**

## Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи маълумотнокӣ ва ҳайати синнусолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилоятҳои он

(нафар)

| | Ҳамаи аҳолӣ | аз онҳо бо маълумоти: олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аҳолии синни 10-сола ва калонтар** | **5744608** | **374436** | **102852** | **356888** | **2574803** | **1065338** | **918709** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| 10 – 14 сола | 870713 | - | - | - | - | 36709 | 566832 |
| 15 – 19 сола | 864186 | - | 12631 | 11714 | 264251 | 392899 | 156557 |
| 20 – 29 сола | 1485939 | 102826 | 63933 | 75713 | 876614 | 291673 | 59819 |
| 30 – 39 сола | 940194 | 91416 | 11746 | 83793 | 599052 | 119748 | 26202 |
| 40 – 49 сола | 757899 | 82023 | 7818 | 95259 | 469420 | 76266 | 20380 |
| 50 – 54 сола | 284884 | 36441 | 2492 | 36971 | 162385 | 34560 | 9187 |
| 55 – 59 сола | 179664 | 25754 | 1645 | 23273 | 90499 | 28297 | 7842 |
| 60 – 64 сола | 112542 | 16549 | 1005 | 13380 | 46547 | 23350 | 9080 |
| 65 – 69 сола | 70875 | 8098 | 544 | 6866 | 24738 | 17593 | 10113 |
| 70-сола ва калонсолтар | 177712 | 11329 | 1038 | 9919 | 41297 | 44243 | 52697 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - | - | - | - |
| Дар синну соли: | | | | | | | |
| - қобили меҳнат | 4517272 | 344293 | 100537 | 331462 | 2459833 | 940229 | 279417 |
| - аз қобили меҳнат калонсолтар | 356623 | 30143 | 2315 | 25426 | 114970 | 88400 | 72460 |
| 14 – 30 сола | 2631946 | 113814 | 78131 | 95106 | 1211352 | 740034 | 333154 |
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аҳолии синни 10-сола ва калонсолтар** | **168677** | **19360** | **5204** | **20136** | **76640** | **18531** | **21563** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| 10 – 14 сола | 20325 | - | - | - | - | 856 | 13952 |
| 15 – 19 сола | 21502 | - | 497 | 277 | 7747 | 8910 | 3494 |
| 20 – 29 сола | 42780 | 6210 | 3537 | 3787 | 24929 | 3060 | 1000 |
| 30 – 39 сола | 30835 | 4504 | 560 | 4542 | 19061 | 1378 | 617 |
| 40 – 49 сола | 23018 | 3676 | 365 | 5376 | 12168 | 818 | 447 |

| | Ҳамаи аҳолӣ | аз онҳо бо маълумоти: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
| 50 – 54 сола | 8738 | 1576 | 92 | 2075 | 4409 | 370 | 159 |
| 55 – 59 сола | 6143 | 1233 | 53 | 1486 | 2849 | 345 | 132 |
| 60 – 64 сола | 4614 | 828 | 30 | 1040 | 1997 | 467 | 193 |
| 65 – 69 сола | 3363 | 505 | 18 | 654 | 1342 | 561 | 228 |
| 70-сола ва калонсолтар | 7359 | 828 | 52 | 899 | 2138 | 1766 | 1341 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - | - | - | - |
| Дар синну соли: | | | | | | | |
| - қобили меҳнат | 133340 | 17443 | 5114 | 17900 | 70879 | 14864 | 5851 |
| - аз қобили меҳнат калонсолтар | 15012 | 1917 | 90 | 2236 | 5761 | 2811 | 1760 |
| 14 – 30 сола | 71927 | 6817 | 4130 | 4538 | 34891 | 13010 | 7274 |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аҳолии синни 10-сола ва калонсолтар** | **1731421** | **110479** | **26481** | **113809** | **845849** | **303912** | **240931** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| 10 – 14 сола | 233056 | - | - | - | - | 9632 | 154814 |
| 15 – 19 сола | 236948 | - | 3107 | 3117 | 76588 | 110275 | 37748 |
| 20 – 29 сола | 439572 | 28037 | 16638 | 24726 | 274931 | 81119 | 11178 |
| 30 – 39 сола | 296587 | 25432 | 2933 | 27426 | 200035 | 32998 | 5825 |
| 40 – 49 сола | 245390 | 24133 | 1884 | 29687 | 162084 | 21389 | 4622 |
| 50 – 54 сола | 97548 | 12395 | 724 | 12058 | 59612 | 9908 | 2158 |
| 55 – 59 сола | 62236 | 9113 | 465 | 7796 | 33267 | 8961 | 1977 |
| 60 – 64 сола | 37413 | 5537 | 279 | 4153 | 16557 | 7604 | 2542 |
| 65 – 69 сола | 22213 | 2296 | 130 | 1797 | 8364 | 5906 | 2862 |
| 70-сола ва калонсолтар | 60458 | 3536 | 321 | 3049 | 14411 | 16120 | 17205 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - | - | - | - |
| Дар синну соли: | | | | | | | |
| - қобили меҳнат | 1378627 | 100830 | 25809 | 105615 | 805293 | 263792 | 63392 |
| - аз қобили меҳнат калонсолтар | 119738 | 9649 | 672 | 8194 | 40556 | 30488 | 22725 |

| | Ҳамаи аҳолӣ | аз онҳо бо маълумоти: олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14 – 30 сола | 759818 | 30866 | 20111 | 30425 | 374999 | 206544 | 82534 |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аҳолии синни 10-сола ва калонсолтар** | **1985480** | **84787** | **21902** | **97335** | **942421** | **354320** | **349896** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| 10 – 14 сола | 332298 | - | - | - | - | 13139 | 215450 |
| 15 – 19 сола | 317407 | - | 2060 | 2488 | 96795 | 143196 | 62413 |
| 20 – 29 сола | 516759 | 23676 | 12992 | 18669 | 339508 | 92554 | 23448 |
| 30 – 39 сола | 308790 | 19666 | 2938 | 21834 | 216706 | 35396 | 9398 |
| 40 – 49 сола | 245882 | 18709 | 2097 | 27455 | 165167 | 22693 | 7432 |
| 50 – 54 сола | 89804 | 8569 | 677 | 10836 | 54793 | 10393 | 3517 |
| 55 – 59 сола | 56407 | 5923 | 463 | 6619 | 30748 | 8912 | 2944 |
| 60 – 64 сола | 35793 | 3828 | 264 | 4065 | 15657 | 7720 | 3327 |
| 65 – 69 сола | 23708 | 1981 | 165 | 2334 | 8650 | 5858 | 3715 |
| 70-сола ва калонсолтар | 58632 | 2435 | 246 | 3035 | 14397 | 14459 | 18252 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - | - | - | - |
| Дар синну соли: | | | | | | | |
| - қобили меҳнат | 1536893 | 78522 | 21343 | 90012 | 902795 | 312001 | 108938 |
| - аз қобили меҳнат калонсолтар | 116289 | 6265 | 559 | 7323 | 39626 | 29180 | 25508 |
| 14 – 30 сола | 934164 | 26144 | 15421 | 23019 | 462106 | 254463 | 129591 |
| **ш. Душанбе** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аҳолии синни 10-сола ва калонсолтар** | **569961** | **97817** | **34166** | **44760** | **191272** | **79453** | **87138** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| 10 – 14 сола | 81301 | - | - | - | - | 5549 | 50243 |
| 15 – 19 сола | 90835 | - | 5613 | 3144 | 30804 | 31236 | 16888 |
| 20 – 29 сола | 146097 | 26022 | 21900 | 10637 | 59966 | 17550 | 7765 |
| 30 – 39 сола | 95850 | 26402 | 2954 | 10584 | 41006 | 9529 | 3964 |
| 40 – 49 сола | 81604 | 23261 | 2129 | 11030 | 33811 | 6784 | 3356 |
| 50 – 54 сола | 27031 | 8284 | 566 | 3723 | 10435 | 2516 | 1088 |
| 55 – 59 сола | 16814 | 5438 | 382 | 2283 | 5954 | 1709 | 755 |
| 60 – 64 сола | 10979 | 3668 | 241 | 1365 | 3518 | 1322 | 609 |

| | Ҳамаи аҳолӣ | аз онҳо бо маълумоти: | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | олии касбӣ | олии касбии нопурра | миёнаи касбӣ | миёнаи умумӣ | умумии асосӣ | ибтидоии умумӣ |
| 65 – 69 сола | 6549 | 1891 | 130 | 734 | 2063 | 946 | 594 |
| 70-сола ва калонсолтар | 12901 | 2851 | 251 | 1260 | 3715 | 2312 | 1876 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - | - | - | - |
| Дар синну соли: | | | | | | | |
| - қобили меҳнат | 458777 | 90105 | 33563 | 41546 | 181842 | 69185 | 33766 |
| - аз қобили меҳнат калонсолтар | 29883 | 7712 | 603 | 3214 | 9430 | 4719 | 3129 |
| 14 – 30 сола | 264000 | 29176 | 27929 | 14832 | 95516 | 55625 | 33904 |
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ аҳолии синни 10-сола ва калонсолтар** | **1289069** | **61993** | **15099** | **80848** | **518621** | **309122** | **219181** |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | | |
| 10 – 14 сола | 203733 | - | - | - | - | 7533 | 132373 |
| 15 – 19 сола | 197494 | - | 1354 | 2688 | 52317 | 99282 | 36014 |
| 20 – 29 сола | 340731 | 18881 | 8866 | 17894 | 177280 | 97390 | 16428 |
| 30 – 39 сола | 208132 | 15412 | 2361 | 19407 | 122244 | 40447 | 6398 |
| 40 – 49 сола | 162005 | 12244 | 1343 | 21711 | 96190 | 24582 | 4523 |
| 50 – 54 сола | 61763 | 5617 | 433 | 8279 | 33136 | 11373 | 2265 |
| 55 – 59 сола | 38064 | 4047 | 282 | 5089 | 17681 | 8370 | 2034 |
| 60 – 64 сола | 23743 | 2688 | 191 | 2757 | 8818 | 6237 | 2409 |
| 65 – 69 сола | 15042 | 1425 | 101 | 1347 | 4319 | 4322 | 2714 |
| 70-сола ва калонсолтар | 28362 | 1679 | 168 | 1676 | 6636 | 9586 | 14023 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - | - | - | - |
| Дар синну соли: | | | | | | | |
| - қобили меҳнат | 1009635 | 57393 | 14708 | 76389 | 499024 | 280387 | 67470 |
| - аз қобили меҳнат калонсолтар | 75701 | 4600 | 391 | 4459 | 19597 | 21202 | 19338 |
| 14 – 30 сола | 602037 | 20811 | 10540 | 22292 | 243840 | 210392 | 79851 |

# YI. Нишондиҳандаҳои вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ

## 6.1. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи манбаъҳои васоити зиндагӣ

Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил масъалаи манбаъҳои васоити зиндагии аҳолӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд. Бо аҳолӣ оид ба ҳамаи манбаъҳои васоити зиндагӣ, аз ҷумла бо ҷудо намудани манбаи асосии васоити зиндагӣ, пурсиш гузаронида шуд.

Тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, аз рӯи манбаъҳои васоити зиндагӣ аҳолӣ чунин тақсимот шуд: қариб 35,2 фоизи аҳолӣ аз фаъолияти меҳнатӣ даромад доранд, воситаи зиндагии 5,2 фоизи аҳолӣ нафақа, ёрдампулӣ, стипендия мебошад ё дар таъминоти давлат қарор дорад, 2,9 фоизи аҳолӣ даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, 6,1 фоизи аҳолӣ даромад аз моликият ва аз аъзоёни оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд, доранд ва 49,0 фоизи аҳолӣ дар сарпарастии падару модар ё шахсони алоҳида мебошанд (асосан хонандагон ва кӯдакони синну соли томактабӣ). Даромад аз дигар манбаъро (даромад аз фурӯши моли кӯҳнаи шахсӣ, ҷамъоварӣ ва супоридани шишаҳои холигардида ва ба ин монанд) 1,6 фоизи аҳолӣ ҳамчун манбаи васоити зиндагӣ нишон додаанд.

Дар соли 2010 нисбат ба натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум тақсимоти аҳолӣ аз рӯи манбаъҳои васоити зиндагӣ чунин тағйир ёфт:

| | Ҳазор нафар | | с. 2010 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2000 | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| Ҳамаи аҳолӣ | 6127,5 | 7564,5 | 123,5 | 100 | 100 |
| аз он ҷумла манбаи васоити зиндагиро нишон додаанд: | | | | | |
| -даромад аз фаъолияти меҳнатӣ | 1611,1 | 2666,8 | 165,5 | 26,3 | 35,2 |
| - хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 405,6 | 216,0[5] | 53,3 | 6,6 | 2,9 |

[5] Барои истеъмоли худӣ

| | Ҳазор нафар | | с. 2010 ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли 2000 | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | с. 2000 | с. 2010 | | с. 2000 | с. 2010 |
| - стипендия | 46,2 | 22,6 | 48,9 | 0,8 | 0,3 |
| - нафақа | 355,8 | 348,5 | 97,9 | 5,8 | 4,6 |
| - ёрдампулӣ | 5,6 | 6,8 | 121,4 | 0,1 | 0,1 |
| - дигар намуди таъминоти давлатӣ | 8,7 | 18,6 | 2,1 бар. | 0,1 | 0,2 |
| - даромад аз моликият | 3,6 | 36,9 | 10,2 бар. | 0,1 | 0,5 |
| - даромад аз аъзоёни оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд | - | 421,2 | - | - | 5,6 |
| - дар сарпарастӣ, алиментҳо | 3524,6 | 3705,1 | 105,1 | 57,5 | 49,0 |
| - дигар манбаъ | 166,3 | 122,0 | 73,4 | 2,7 | 1,6 |

Чуноне, ки аз маълумотҳо бармеояд, тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, шумораи шахсони 15-сола ва калонсолтар, ки даромад аз фаъолияти меҳнатиро ҳамчун манбаи асосии васоити зиндагӣ нишон додаанд нисбат ба соли 2000-ум 1055,7 ҳазор нафар ё 65,5 фоиз афзудааст. Вазни қиёсии ин гурӯҳи аҳолӣ дар шумораи умумии аҳолӣ низ нисбат ба соли 2000-ум афзуда, 35,2 фоизро ташкил намуд.

Шумораи шахсоне, ки ёрдампулии давлатӣ мегиранд нисбат ба соли 2000-ум 1,2 ҳазор нафар афзуда, тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 – 6,8 ҳазор нафар (ё 0,1 фоиз)-ро ташкил намуд.

Дар шумораи умумии аҳолӣ ҳиссаи шахсоне, ки стипендия ва ҳама намуди нафақаро ҳамчун манбаи асосии васоити зиндагӣ нишон додаанд, нисбат ба соли 2000-ум кам гардида, мутобиқан 22,6 ҳазор нафар (ё 0,3 фоиз) ва 348,5 ҳазор нафар (ё 4,6 фоиз)-ро ташкил намуд.

Ҳамзамон, шумораи шахсоне, ки дар таъминоти давлатӣ мебошанд ва даромад аз моликият (пасандозҳо, ҳаққи саҳм ва фоиз) доранд афзуда, ҳиссаашон дар шумораи умумии аҳолӣ мувофиқан 18,6 ҳазор нафар (ё 0,2 фоиз) ва 36,9 ҳазор нафар (ё 0,5 фоиз)-ро ташкил намуд.

Бори нахустин бо назардошти муҳоҷирати меҳнатии беруна, дар саволномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 *савол оид ба даромад аз аъзоёни оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд*, ворид карда шуд. Тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирӣ маълум гардид, ки 421,2 ҳазор нафар аҳолӣ, ки ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии аҳолӣ 5,6 фоизро ташкил менамояд, аз аъзоёни оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд, даромади пулӣ доранд ва онро дар рафти пурсиш ҳамчун манбаи васоити зиндагӣ нишон додаанд.

Дар ҷадвали зер маълумотҳо оид ба фарқияти манбаъҳои васоити зиндагии аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо оварда шудаанд:

| | Ҷумҳурии Тоҷикис-тон-ҳамагӣ | аз он ҷумла дар минтақаҳо: | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ВМКБ | вилояти Суғд | вилояти Хатлон | шаҳри Душанбе | НТҶ |
| Ҳамаи аҳолӣ, бо фоиз | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| аз он ҷумла манбаи васоити зиндагиро нишон додаанд: | | | | | | |
| -даромад аз фаъолияти меҳнатӣ | 35,2 | 39,9 | 39,4 | 37,0 | 23,0 | 31,6 |
| - хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 2,9 | 3,7 | 3,0 | 2,6 | 0,2 | 4,0 |
| - стипендия | 0,3 | 0,7 | 0,2 | 0,3 | 0,8 | 0,2 |
| - нафақа | 4,6 | 8,4 | 5,4 | 4,4 | 4,0 | 3,8 |
| - ёрдампулӣ | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| - дигар намуди таъминоти давлатӣ | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,1 | 0,9 | 0,2 |
| - даромад аз моликият | 0,5 | 0,5 | 0,4 | 0,5 | 1,0 | 0,4 |
| - даромад аз аъзоёни оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд | 5,6 | 4,1 | 5,7 | 4,6 | 6,0 | 6,9 |
| - дар сарпарастӣ, алиментҳо | 49,0 | 37,9 | 44,2 | 49,1 | 59,7 | 51,7 |
| - дигар манбаъ | 1,6 | 3,3 | 1,4 | 1,3 | 4,3 | 1,1 |

## 6.2. Фаъолнокии иқтисодии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар давраи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳолии машғул дар иқтисодиёт шахсоне мансуб дониста шуданд, ки машғулият доштанд ва ин машғулият маош ё даромад меовард. Ба аҳолии машғул инчунин нафақахӯрон, ки ба санаи гузаронидани барӯйхатгирӣ кори доимӣ доштанд, дохил карда шудаанд.

**Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ва ғайрифаъоли шаҳрҳо ва деҳот дар синни 15-сола ва калонсолтар аз рӯи ҷинс**

(бе муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта)

| | Ҳар ду ҷинс, нафар | Мардҳо | Занҳо | бо фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо |
| **Аҳолии шаҳрҳо ва деҳот** | 4456835 | 2045797 | 2411038 | 45,9 | 54,1 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол | 2540853 | 1353481 | 1187372 | 53,3 | 46,7 |
| аҳолии машғул | 2391436 | 1251931 | 1139505 | 52,4 | 47,6 |
| бекорон | 149417 | 101550 | 47867 | 68,0 | 32,0 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол | 1915891 | 692234 | 1223657 | 36,1 | 63,9 |
| Фаъолнокии иқтисо-диро нишон надодаанд | 91 | 82 | 9 | 90,1 | 9,9 |
| **Аҳолии шаҳрҳо** | 1272603 | 607702 | 664901 | 47,8 | 52,2 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол | 568282 | 352130 | 216152 | 62,0 | 38,0 |
| аҳолии машғул | 505687 | 310623 | 195064 | 61,4 | 38,6 |
| бекорон | 62595 | 41507 | 21088 | 66,3 | 33,7 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол | 704315 | 255571 | 448744 | 36,3 | 63,7 |
| Фаъолнокии иқтисо-диро нишон надодаанд | 6 | 1 | 5 | 16,7 | 83,3 |
| **Аҳолии деҳот** | 3184232 | 1438095 | 1746137 | 45,2 | 54,8 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол | 1972571 | 1001351 | 971220 | 50,8 | 49,2 |
| аҳолии машғул | 1885749 | 941308 | 944441 | 49,9 | 50,1 |
| бекорон | 86822 | 60043 | 26779 | 69,2 | 30,8 |
| Аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол | 1211576 | 436663 | 774913 | 36,0 | 64,0 |

| | Ҳар ду ҷинс, нафар | Мардҳо | Занҳо | бо фоиз нисбат ба ҷамъбаст | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мардҳо | занҳо |
| Фаъолнокии иқтисо-диро нишон надодаанд | 85 | 81 | 4 | 95,3 | 4,7 |

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 дар ҷумҳурӣ (бе назардошти муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта) аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар 4456,8 ҳазор нафарро ташкил намуд ва аз ин шумора 2540,9 ҳазор нафар аҳолӣ дар иқтисодиёт фаъол буда, аз онҳо аҳолии машғул – 2391,5 ҳазор нафар ё 94,1 фоиз ва бекорон 149,4 ҳазор нафар ё 5,9 фоизро ташкил додаанд.

Дар сохтори аҳолии дар иқтисодиёт фаъол 1353,5 ҳазор нафар ё 53,3 фоиз мардҳо ва 1187,4 ҳазор нафар ё 46,7 фоизро занҳо ташкил додаанд.

Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол 1915,9 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки 692,2 ҳазор нафар (36,1 фоиз) мардҳо ва 1223,7 ҳазор нафар (63,9 фоиз) занҳо мебошанд.

Ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол дар шумораи умумии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар (бе назардошти муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта) ба 57,0 фоиз ва мувофиқан ҳиссаи аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол 43,0 фоизро ташкил додааст.

Ҳолати ақди никоҳи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол (бе назардошти муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта), мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 ба таври зерин мебошад:

Аз шумораи умумии мардҳои дар иқтисодиёт фаъол (1353,5 ҳазор нафар) мардҳои ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набуда 292,5 ҳазор нафар (21,6 фоиз)-ро ташкил намуданд, дар ақди никоҳ қарордошта – 1035,9 ҳазор нафар (76,6 фоиз), занҳояшон фавтидаанд–14,2 ҳазор нафар (1,0 фоиз) ва ҷудошуда/талоқшуда – 10,9 ҳазор нафар (0,8 фоиз) мебошанд.

Аз шумораи умумии занҳои дар иқтисодиёт фаъол (1187,4 ҳазор нафар) занҳои ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набуда 223,2 ҳазор нафар (18,8 фоиз)-ро ташкил намуданд, дар ақди никоҳ қарордошта – 857,9 ҳазор нафар (72,3 фоиз), бевазан – 66,3 ҳазор нафар (5,6 фоиз) ва ҷудошуда/талоқшуда – 40,0 ҳазор нафар (3,3 фоиз) мебошанд.

Аз шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт фаъол (2540,9 ҳазор нафар бе назардошти муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта) маълумоти баъд аз муассисаи олии касбӣ -1,6 ҳазор нафар (0,06 фоиз), олии касбӣ - 272,4 ҳазор нафар (10,8 фоиз), олии касбии нопурра -38,1 ҳазор нафар (1,5 фоиз), миёнаи касбӣ - 228,4 ҳазор нафар (9,0 фоиз), миёнаи умумӣ - 1467,3 ҳазор нафар (57,7 фоиз), умумии асосӣ - 413,4 ҳазор нафар (16,3 фоиз), ибтидоии умумӣ - 96,7 ҳазор нафар (3,8 фоиз) доранд.

Шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 (ба ҳолати 21 сентябри соли 2010) ба 417,1 ҳазор нафар (390,0 ҳазор нафар мард ва 27,1 ҳазор нафар зан) баробар шуд.

# YII. Муҳоҷирати аҳолӣ

## 7.1. Намудҳои асосии муҳоҷират

Муҳоҷирати аҳолӣ - ҷойивазкунии аҳолӣ (муҳоҷирон) тавассути сарҳадҳои ин ё он ҳудуд бо иваз кардани ҷойи истиқомат ба таври доимӣ ё ба мӯҳлати дуру дароз. Муҳоҷирати аҳолӣ омили сеюм мебошад (пас аз таваллуд ва фавт), ки ба тағйир ёфтани шумораи аҳолӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои гуногун (ҷинс, синну сол, миллат, ҷойи истиқомат) таъсир мерасонад.

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 ба ҳолати 21 сентябр шумораи аҳолии доимӣ **7564,5 ҳазор нафарро** ташкил намуда, шумораи аҳолии мавҷуд бошад **7099,3 ҳазор нафарро** ташкил намуд. Фарқияти байни аҳолии доимӣ ва мавҷуд **465,2 ҳаазор нафарро** ташкил намуд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, вобаста аст бо муҳоҷирати меҳнатии берунаи аҳолӣ, ичунин рафтуомади аҳолӣ барои таҳсил, барои меҳмонӣ ба назди хешу табор, барои табобат, истироҳат ва сафарҳои сайёҳӣ вобаста аст.

Намудҳои зерини муҳоҷират вуҷуд доранд:

- **Беруна (байналхалқӣ)** – муҳоҷират бо гузаштани сарҳадҳои байналхалқӣ;
- **Дохилӣ** - муҳоҷират дар ҳудуди давлат (байнивилоятӣ, байниноҳиявӣ, дохилиноҳиявӣ (шаҳр – деҳот, шаҳр-шаҳр, деҳот-деҳот ва деҳот- шаҳр);
- **Бебозгашт (доимӣ)** – муҳоҷират бо иваз намудани ҷойи истиқомат ба таври доимӣ (метавонад дохилӣ ва берунӣ бошад);
- **Муваққатӣ (баргарданда)** - муҳоҷират бо иваз намудани ҷойи истиқомат ба мӯҳлат калон ва начандон калон. Ба ин намуд дохил мешавад муҳоҷирати мавсимӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ (метавонад дохилӣ ва берунӣ бошад);
- **Мокувор** – рафту омади ҳаррӯза ба кор ва таҳсил.

Ҷараёнҳои муҳоҷират – ин шумораи умумии муҳоҷирон, ки минтақаи умумии омадан ва рафтанро дар мӯҳлати муайяни вақт доранд (мисол, сол), мебошанд.

Маълумотҳои омори ҷорӣ ҷараёнҳои муҳоҷиратро дар давоми сол аз рӯи омадагон ва рафтагон бо назардошти ҷойивазкунии давомнокии ҷойи зист ва муҳоҷирати муваққатӣ (меҳнатӣ) меомӯзад.

Маълумотҳои омори ҷорӣ кам гардидани фаъолнокии муҳоҷиратии аҳолиро бо иваз намудани ҷойи истиқомат ва зиёд гардидани муҳоҷирати муваққатиро нишон медиҳанд, ки бо маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ тасдиқ мешаванд. Чуноне, ки маълумотҳои омори ҷорӣ нишон медиҳанд, ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ аз соли 1941 то миёнаи солҳои 70-ум иваз гардидаанд, яъне шумораи шахсони ба ҷумҳурӣ омада нисбат ба шумораи шахсони аз ҷумҳурӣ рафта зиёд буда, муҳоҷирати тоза мусбӣ буд (5-53 ҳазор нафар дар як сол). Ҳаҷми умумии муҳоҷират 150-160 ҳазор нафарро дар як сол ташкил мекард.

Аз соли 1976 сар карда тамоюли устувори кӯчида рафтани аҳолӣ аз ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад, ки сараввал муҳоҷират аз ҷумҳурӣ 4-10 ҳазор нафарро дар як сол ташкил мекард, вале дар оғози солҳои 90-ум ҷараёни муҳоҷират 100 ҳазор нафарро дар як сол ташкил намуд. Ҳаҷми умумии муҳоҷират бошад 200 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Аз миёнаи солҳои 90-ум сар карда тадриҷан кам гардидани фаъолнокии муҳоҷиратии аҳолӣ оғоз ёфт ва дар айни замон ҷараёни муҳоҷират (аз ҷумҳурӣ кӯчида рафтани аҳолӣ) 10-14 ҳазор нафарро дар як сол ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии муҳоҷират 62-65 ҳазор нафарро дар як сол ташкил медиҳад.

Барӯйхатгирии аҳолӣ ҳамчун манбаи асосии маълумотҳо оид ба ҳайати (контингенти) муҳоҷирон қабул карда шудааст. Тавассути барӯйхатгирии аҳолӣ шумораи (контингенти) муҳоҷирони байналхалқӣ ва дохилиро дар мамлакат ҳисоб кардан мумкин аст.

Муҳоҷират – аз ҳама ҷараёни «ҳассоси» демографӣ мебошад. Дар тафовут бо омори ҷорӣ, барӯйхатгириҳои аҳолӣ ҳам ҳайати муҳоҷиронеро, ки ба мӯҳлати дароз ҷойи истиқомати доимиро иваз мекунанд ва дар баробари онҳо инчунон муҳоҷиронеро, ки муваққатан ҷойи истиқомати худро иваз мекунанд, меомӯзанд.

Барои омӯхтани ҷараёнҳои муҳоҷират, давлатҳо ба саволномаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ чунин саволҳоро дохил менамоянд: оид ба ҷойи таваллуди пурсидашаванда, шаҳрвандӣ,

ҷойи истиқомати пештара ва соли муҳоҷирати охирин. Баъзан саволҳо оид ба ҷойи истиқомат дар лаҳзаи муайян дар гузашта, инчунин дар бораи миллат ва халқияти пурсидашавандагон дохил карда мешаванд, ки барои ҷудо намудани муҳоҷирон аз шумораи умумии пурсидашавандагон имконият медиҳанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми омӯхтани муҳоҷирати байналхалқӣ тавассути барӯйхатгирии аҳолӣ дар маркази диққат ду зергурӯҳи аҳолӣ қарор доранд. Зергурӯҳи аввал – ин шахсони дар хориҷа таваллуд шуда мебошанд, зергурӯҳи дуюм – шаҳрвандони хориҷии дар мамлакат истиқоматкунанда мебошанд. Бинобар ин барои муайян намудани шахсоне, ки ба зергурӯҳҳои нишон дода шуда тааллуқ доранд, ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ бояд ду ҳолат ба қайд гирифта шаванд: *а) давлати ҷойи таваллуд* ва *б) шаҳрвандии давлат*. Ба ғайр аз он, зарур аст, ки соли омадан ба қайд гирифта шавад, ки ин барои муқаррар намудани давомнокии қарор доштани муҳоҷирони байналхалқӣ дар давлати мазкур имконият медиҳад.

## 7.2. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи шаҳрвандии мамлакатҳо ва ҷойи таваллуд

| | Ҳамагӣ, нафар | аз ҷумла таваллуд шудаанд дар ҳудуди: | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Русия | Ӯзбекистон | Қазоқистон | Қирғизистон | Туркманистон | Дигар мамлакатҳо |
| Ҳамаи аҳолӣ | 7564502 | 7520685 | 15440 | 16364 | 1383 | 2518 | 1039 | 7073 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| 1.Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7554867 | 7517686 | 14208 | 15567 | 1232 | 2288 | 571 | 3315 |
| 2.Шаҳрвандони хориҷӣ | 8271 | 2266 | 1117 | 714 | 131 | 211 | 440 | 3392 |
| аз он ҷумла шаҳрвандони: | | | | | | | | |
| мамлакатҳои ИДМ | 4793 | 2078 | 1113 | 707 | 129 | 210 | 425 | 131 |
| мамлакатҳои хориҷи дур | 3478 | 188 | 4 | 7 | 2 | 1 | 15 | 3261 |
| 3.Бешаҳрвандӣ | 1364 | 733 | 115 | 83 | 20 | 19 | 28 | 366 |

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 бори нахустин ба варақаҳои барӯйхатгирӣ дар баробари саволҳо оид ба давлат а ҷойи таваллуд, давлати шаҳрвандӣ, ба ғайр аз контингенти муҳоҷирати дарозмуддат (саволҳои 5 ва 14-и варақаи барӯйхатгирии шакли 2), инчунин саволҳо оид ба муҳоҷирати муваққатии меҳнатӣ (дар рӯйхати истиқоматкунандагони манзил, шакли 1) ва муҳоҷирати мокувор (саволи 18–и варақаи барӯйхатгирии шакли 2) дохил карда шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 ба варақаҳои барӯйхатгирӣ бори нахустин дар баробари саволҳо оид ба давлат ва ҷойи таваллуд, шаҳрвандии давлат, ба ғайр аз ҳайати муҳоҷирати дарозмуддат (саволҳои 5 ва 14-и варақаи барӯйхатгирии шакли 2), инчунин саволҳои муҳоҷирати муваққатии меҳнатӣ (дар рӯйхати истиқоматкнандагони манзил, шакли 1) ва муҳоҷирати мокувор (саволи 18-и саволномаи 2) дохил карда шудаанд.

Дар саволномаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили 2010 (дар тавофут бо саволномаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум), ба ғайр аз аҳолии доимӣ истиқоматкунанда, инчунин шахсоне, ки муваққатан дар ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доранд (шаҳрвандони хориҷӣ) ва муваққатан ғоиббудагон бо пурсиш фаро гирифта шудаанд. Барои муваққатан ғоиббудагон мӯҳлати то 1 соли ғоиб будан муайян карда шуда буд.

Дар саволномаҳои барӯйхатгирӣ барои муайян намудан ва омӯзиши муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ саволҳо оид ба ҷойи кор ва мӯҳлати ғоиб будан дохил карда шудаанд. Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 (ба ҳолати 21 сентябр) 417060 нафар муҳоҷири меҳнатӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доштанд; 7554867 нафар шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, дар ҷумҳурӣ 8271 нафар шаҳрвандони хориҷӣ истиқомат мекарданд; 1364 нафар шахсони бешаҳрвандӣ ба рӯйхат гирифта шудаанд.

## Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи ҷойи истиқомати доимӣ ва синну сол

| Синну сол | Ҳамагӣ, нафар | аз рӯзи таваллуд дар маҳалли истиқомати доимӣ зиндагӣ мекунанд | аз рӯзи таваллуд дар маҳалли истиқомати доимӣ бефосила истиқомат намекунанд | аз онҳо аз моҳи сентябри 2009 ҷои истиқомати доимиро иваз кардаанд |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи аҳолӣ | 7564502 | 6970517 | 593985 | 103471 |
| аз он ҷумла дар синни: | | | | |
| 0-4 сола | 993479 | 960255 | 33224 | 3288 |
| 5-9 сола | 826415 | 795418 | 30997 | 3672 |
| 10-14 сола | 870713 | 834266 | 36447 | 4626 |
| 15-19 сола | 864186 | 793961 | 70225 | 15778 |
| 20-24 сола | 838918 | 754032 | 84886 | 18757 |
| 25-29 сола | 647021 | 593749 | 53272 | 10777 |
| 30-39 сола | 940194 | 845044 | 95150 | 17986 |
| 40-49 сола | 757899 | 669909 | 87990 | 14521 |
| 50-59 сола | 464548 | 410206 | 54342 | 8086 |
| 60-64 сола | 112542 | 97683 | 14859 | 2045 |
| 65-69 сола | 70875 | 61543 | 9332 | 1178 |
| 70-сола ва калонсолтар | 177712 | 154451 | 23261 | 2757 |
| синну сол нишон дода нашудааст | - | - | - | - |
| Аз шумораи умумӣ дар синну соли: | | | | |
| аз қобили меҳнат хурдсолтар | 2690607 | 2589939 | 100668 | 11586 |
| қобили меҳнат | 4517273 | 4071574 | 445699 | 85882 |
| аз қобили меҳнат калонсолтар | 356622 | 309004 | 47618 | 6003 |

# YIII. Баробарии гендерӣ ва қобилияти таваллудкунии занҳо

Дар ҷумҳурӣ принсипи баробарҳуқуқӣ ва баробарии имкониятҳо дар **моддаи 17-и** Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст: «Дар назди Қонун ва суд марду зан баробарҳуқуқанд».

Яке аз ҳадафҳои асосӣ - ҳавасмандгардонии баробарии мардҳо ва занҳо ва васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занҳо; беҳтар намудани ҳифзи модарон ва кам кардани фавти кӯдакон ба ҳисоб меравананд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои давлатӣ ва барномаҳое таҳия гардида, ба имзо расидаанд, ки барои баланд бардоштани мақоми зан, таъмин намудани баробарҳуқуқии ӯ бо мард ва баробарии имкониятҳои зану мард равона карда шудаанд.

Ҳамчунон ин масъалаи мубрами рӯз дар давраи гузаронидани барӯйхатгири аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд. Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 - 3747,5 ҳазор нафар ё 49,5 фоизи аҳолии ҷумҳуриро занҳо ташкил медиҳанд (соли 2000-ум -49,9 фоиз буд).

Ҳамчун яке аз дастовардҳои ҷумҳурӣ, сатҳи баланди таҳсилотнокии занҳо ва таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти ҳатмӣ ҳам барои писарон ва барои духтарҳо, дониста мешавад. Сатҳи нисбатан пасти таҳсилотнокии занҳо танҳо дар занҳои наслҳои калонсол мушоҳида карда мешавад, илова бар ин, шумораи занҳои бесавод нисбат ба мардҳо 2,5 баробар зиёд мебошад. Аз шумораи умумии занҳои синну соли 10-сола ва калонсолтар 3,8 фоиз - таҳсилоти олии касбӣ, 1,2 фоиз – олии касбии нопурра, 4,6 фоиз – миёнаи касбӣ, 46,4 фоиз – миёнаи умумӣ, 21,3 фоиз – умумии асосӣ ва 16,5 фоиз – таҳсилоти ибтидоӣ доранд.

Ҳарчанд мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 шумораи занҳои қобили меҳнат нисбат ба натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум кам гардида, ҳамагӣ 2222,4 ҳазор нафар ё 49,2 фоиз-ро аз шумораи умумии аҳолии

қобили меҳнат ташкил карда бошад ҳам (соли 2000-ум 49,9 фоиз буд), дар баробари ин шумораи занҳои дар иқтисодиёт фаъол ва аҳолии машғул зиёд гардида, мувофиқан 46,7 фоиз ва 47,6 фоизро ташкил дод (соли 2000-ум мувофиқан 45,2 фоиз ва 45,0 фоиз буд).

**Баъзе нишондиҳандаҳои баробарии гендерӣ**

| Нишондиҳандаҳо | мардҳо | занҳо |
|---|---|---|
| Дарозумрии эҳтимолӣ дар мавриди таваллуд, миқдори сол | 70,9 | 74,1 |
| Фарогирии кӯдакони 3-6 сола дар муассисаҳои томактабӣ, бо фоиз | 9,0 | 8,2 |
| Шумораи хонандаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли хониши 2010/2011, дар аввали соли таҳсил, ҳазор нафар | 17,1 | 20,8 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар | 2294,9 | 2222,4 |
| Таносуб нисбат ба шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат, фоиз | 50,8 | 49,2 |
| Шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт фаъол (бе муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта), ҳазор нафар | 1353,5 | 1187,4 |
| Таносуб нисбат ба шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт фаъол (бе муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта), фоиз | 53,3 | 46,7 |
| Шумораи умумии аҳолии машғул (бе муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта), ҳазор нафар | 1251,9 | 1139,5 |
| Таносуб нисбат ба шумораи умумии аҳолии машғул (бе муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта), фоиз | 52,4 | 47,6 |
| Муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта (ба ҳолати 21 сентябри соли 2010), ҳаз. нафар | 390,0 | 27,1 |
| Таносуби машғулнокии аҳолӣ дар баъзе бахшҳои иқтисодӣ, фоиз: | | |
| кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ | 40,9 | 59,1 |
| саноати коркард | 63,9 | 36,1 |
| маориф | 44,6 | 55,4 |
| тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ | 39,1 | 60,9 |

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 - 2438,2 ҳазор нафар занҳои синну соли 15-сола ба рӯйхат гирифта шудаанд, ки 823,2 ҳазор нафари онҳо ҳеҷ гоҳ кӯдак таваллуд накарданд. Аз шумораи умумии занҳое, ки кӯдак таваллуд накарданд 785,8 ҳазор нафар ё 95,4 фоизро занҳои синни

15-49 сола ташкил медиҳанд, яъне занҳои синну соли қобили таваллудкунӣ.

Шумораи таваллуди кӯдак бо зиёдшавии синну соли занҳо кам мегардад. Занҳои калонсол бештар кӯдак таваллуд кардаанд назар ба занҳои ҷавон.

**Тақсимоти занҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи синну сол ва шумораи кӯдакони таваллудкарда**

| | Ҳамаи занҳо, нафар | аз онҳо: занҳое, ки ягон кӯдак таваллуд накардаанд | занҳое, ки таваллуд карданд: 1 кӯдак | 2 кӯдак | 3 кӯдак | 4 кӯдак | 5 кӯдак | 6 кӯдак ва зиёда | Шумораи миёнаи кӯдакони таваллудкарда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамаи занҳои синну соли 15 - сола ва калонсолтар** | 2438147 | 823227 | 238194 | 299258 | 304124 | 274207 | 185714 | 313423 | 2,7 |
| аз он ҷумла дар синну соли: | | | | | | | | | |
| 15 - 19 сола | 424996 | 407653 | 15423 | 1744 | 176 | - | - | - | 1,0 |
| 20 - 24 сола | 418515 | 224255 | 104102 | 71542 | 15915 | 2410 | 291 | - | 1,3 |
| 25 - 29 сола | 320135 | 80434 | 49224 | 87986 | 69336 | 26591 | 5430 | 1134 | 2,0 |
| 30 - 34 сола | 250512 | 33682 | 20840 | 44220 | 65255 | 54763 | 22147 | 9605 | 2,9 |
| 35 - 39 сола | 219970 | 17720 | 13425 | 28992 | 48688 | 54257 | 33505 | 23383 | 3,5 |
| 40 - 44 сола | 201635 | 12243 | 9964 | 22253 | 38678 | 45832 | 34505 | 38160 | 3,8 |
| 45 - 49 сола | 183164 | 9781 | 7893 | 16180 | 28895 | 38100 | 32107 | 50208 | 4,1 |
| 50 - 54 сола | 144184 | 7903 | 5716 | 10632 | 17494 | 24885 | 24909 | 52645 | 4,4 |
| 55 - 59 сола | 91970 | 5905 | 3547 | 5738 | 8389 | 12062 | 13943 | 42386 | 4,5 |
| 60 - 64 сола | 57028 | 5334 | 2294 | 3300 | 4158 | 5447 | 6916 | 29579 | 4,6 |
| 65 - 69 сола | 33308 | 3870 | 1348 | 1709 | 1912 | 2650 | 3185 | 18634 | 4,6 |
| 70 - сола ва калонсолтар | 92730 | 14447 | 4418 | 4962 | 5228 | 7210 | 8776 | 47689 | 4,3 |
| Аз шумораи умумӣ - занҳои синну соли: | | | | | | | | | |
| 15 - 49 сола | 2018927 | 785768 | 220871 | 272917 | 266943 | 221953 | 127985 | 122490 | 2,3 |

# IX. Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи ҳолати ақди никоҳ

Дар даҳсолаи охир дар ҷумҳурӣ раванди устувори ташаккули хонаводаҳо дар асоси меъёрҳои рафтори никоҳӣ-оилавии аҳолӣ ба назар мерасад. Мувофиқи методологияи қабулгардидаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, дар рафти барӯйхатгирии аҳолӣ саволҳо оид ба ҳолати ақди никоҳ (воқеӣ) ба аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар дода шуданд.

Тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 (ба ҳолати 21 сентябр) дар ҷумҳурӣ 4873,9 ҳазор нафар аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар ба ҳисоб гирифта шудааст, ки аз онҳо 1409,9 ҳазор нафар ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набуданд, 245,3 ҳазор нафар бевамард ва бевазанҳо буда, 87,7 ҳазор нафар талоқшуда (ҷудошуда) мебошанд. Аз шумораи умумии аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар 3 млн. 131 ҳазор нафар (1556,2 ҳазор нафар мард ва 1574,8 ҳазор зан) дар ақди никоҳ қарор доштанд.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум, дар шумораи умумии аҳолии синну соли 15-сола ва калонсолтар: мардҳо 64,1 фоиз ва занҳо 64,6 фоиз дар ақди никоҳ (бо назардошти никоҳи мусулмонӣ) қарор доштанд. Тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010-ум дар шумораи умумии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар: мардҳо 63,9 фоиз ва занҳо 64,6 фоиз дар ақди никоҳ (бо назардошти никоҳи мусулмонӣ) қарор доштанд.

Ҳамин тариқ, дар даҳ соли охир агар дар шумораи умумии занҳои синну соли 15-сола ва калонсолтари дар ақди никоҳ қарордошта тағйирот ба амал наомада бошад, пас шумораи мардҳои синну соли 15 –сола ва калонсолтари дар ақди никоҳ қарордошта чанде коҳиш ёфтааст.

Қобили қайд аст, ки дар даҳсолаи охир ҳиссаи ҳам мардҳо ва ҳам занҳое, ки дар ақди никоҳи беқайд қарор доштанд кам гардидааст, мутаносибан аз 6,2 ва 6,6 фоизи соли 2000-ум то 4,4 ва 5,0 фоиз дар соли 2010. Ҳамчун яке аз сабабҳои асосии ин ҷараён қабули қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки барои ба танзим даровардан ва баланд бардоштани мақоми оила равона карда шудаанд, ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар баробари ин, чун ҷараёни нави иҷтимоӣ-демографӣ, ҳам дар соли 2000-ум ва ҳам дар соли 2010-ум шумораи шахсоне, ки

дар ақди никоҳи ба қайд гирифтанашуда (никоҳи мусулмонӣ) қарор доранд, дар маҳалҳои деҳот нисбат ба маҳалҳои шаҳрӣ зиёдтар ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар навбати худ, ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ ва ҳам дар маҳалҳои деҳот занҳо нисбат ба мардҳо зиёдтар ҳолати ақди никоҳи ба қайд гирифтанашуда (никоҳи мусулмонӣ)-ро нишон додаанд. Чунончӣ, дар ҷумҳурӣ тибқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, аз шумораи умумии аҳолии синни 15-сола ва калонсолтар 67,7 ҳазор нафар мард ва 78,3 ҳазор нафар зан ақди никоҳи беқайдро нишон додаанд, ки аз онҳо 24,4 ҳазор нафар мард ва 30,4 ҳазор нафар зан дар маҳалҳои шаҳрӣ истиқомат доштанд ва 43,3 ҳазор нафар мард ва 47,9 ҳазор нафар зан бошад - дар маҳалҳои деҳот. Чуноне таҳлилҳо нишон доданд, шумораи занҳои дар ақди никоҳи беқайд (мусулмонӣ) қарордошта нисбат ба мардҳои дар ақди никоҳи беқайд (мусулмонӣ) қарордошта 10,6 ҳазор нафар бартарӣ дорад, яъне мардҳо дар баъзе мавридҳо дар баробари ақди никоҳи бақайдгирифташуда ақди никоҳи беқайд (мусулмонӣ) доранд ва онро дар рафти пурсиш нишон надодаанд.

Мувофиқи натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, шумораи шахсоне, ки ҳеҷ вақт дар ақди никоҳ набуданд: мардҳо – 813,5 ҳазор нафар (33,4 фоиз) ва занҳо – 596,4 ҳазор нафар (24,4 фоиз)-ро ташкил намуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2000-ум афзудааст (ба маълумотҳои ҷадвали зер нигаред). Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум ин нишондиҳанда, мутаносибан мардҳо -558,6 ҳазор нафар (32,5 фоиз) ва занҳо – 408,4 ҳазор нафар (23,1 фоиз)-ро ташкил дода буд.

Тақсимоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010-ум аз рӯи ҳолати ақди никоҳ дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| | Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи ҳолати ақди никоҳ, бо ҳисоби фоиз | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | мардҳо | | | | занҳо | | | |
| | ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набудаанд | дар ақди никоҳ будаҳо | бевамардҳо | талоқшуда, ҷудошуда | ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набудаанд | дар ақди никоҳ будаҳо | бевазанҳо | талоқшуда, ҷудошуда |
| Ҳамаи шахсони 15-сола ва калонсолтар | 33,4 | 63,9 | 1,9 | 0,8 | 24,4 | 64,6 | 8,2 | 2,8 |
| 15-19 сола | 97,7 | 2,1 | 0,1 | 0,1 | 86,6 | 13,0 | 0,2 | 0,2 |

| | Тақсимоти аҳолӣ аз рӯи ҳолати ақди никоҳ, бо ҳисоби фоиз | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | мардҳо | | | | занҳо | | | |
| | ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набу-даанд | дар ақди никоҳ будаҳо | бева-мард-ҳо | талоқ-шуда, ҷудо-шуда | ҳеҷ гоҳ дар ақди никоҳ набу-даанд | дар ақди никоҳ будаҳо | бева-занҳо | талоқ-шуда, ҷудо-шуда |
| 20-24 сола | 68,6 | 30,8 | 0,2 | 0,4 | 34,5 | 62,8 | 0,8 | 1,9 |
| 25-29 сола | 20,0 | 78,4 | 0,5 | 1,1 | 14,7 | 79,5 | 2,0 | 3,8 |
| 30-34 сола | 6,1 | 91,5 | 0,9 | 1,5 | 6,8 | 84,5 | 3,7 | 5,0 |
| 35-39 сола | 3,0 | 94,4 | 1,0 | 1,6 | 3,3 | 86,6 | 5,2 | 4,9 |
| 40-44 сола | 1,6 | 95,9 | 1,2 | 1,3 | 1,9 | 86,7 | 7,2 | 4,2 |
| 45-49 сола | 1,0 | 96,5 | 1,5 | 1,0 | 1,4 | 84,9 | 10,1 | 3,6 |
| 50-54 сола | 0,8 | 96,2 | 2,1 | 0,9 | 1,1 | 81,3 | 14,7 | 2,9 |
| 55-59 сола | 0,7 | 95,3 | 3,2 | 0,8 | 1,1 | 74,1 | 22,4 | 2,4 |
| 60-сола ва калонсолтар | 1,1 | 82,6 | 15,7 | 0,6 | 1,9 | 46,0 | 51,0 | 1,1 |

**Ҳолати ақди никоҳи мардҳо ва занҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тақсимот ба маҳалҳои шаҳрӣ ва маҳалҳои деҳот**




Тибқи тавсияҳои байналмиллалӣ ва методологияи баргузории барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010, хонавода ҳамчун воҳиди асосии барӯйхатгирӣ қабул карда шуд.

Дар ҷумҳурӣ аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 - 1197,2 ҳазор хонаводa ба қайд гирифта шудааст. Дар хонаводаҳо 7523,0 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки 99,5 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд (боқимонда аҳолӣ - дар хонаи кӯдакон, хона-интернат барои пиронсолон ва маъюбон, маҳкамаҳо, муассисаҳои ислоҳотӣ-меҳнатӣ, истиқоматгоҳҳои аскарони қисмҳои ҳарбии сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ ва дигар муассисаҳои институтсионалӣ истиқомат мекунад).

Шумораи миёнаи аъзоёни хонавода дар ҷумҳурӣ 6,3 нафар, дар маҳалҳои шаҳрӣ - 5,1 нафар, дар маҳалҳои деҳот – 6,8 нафарро ташкил медиҳад. Дар давраи даҳсолаи охир, дар муқоиса бо маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолии соли 2000-ум, ин нишондиҳанда ҳам дар маҳалҳои шаҳрӣ (аз 4,5 то 5,1 нафар) ва ҳам дар маҳалҳои деҳот (аз 6,5 то 6,8 нафар) афзудааст.

Ба ҳамаи дар Рӯйхат навишташудагон, яъне ба ҳар як аъзои хонавода дар сутуни Б рақами тартибӣ дар ҳудуди хонаводаи мазкур гузошта мешавад. Ба ҳамаи хонаводаҳое, ки аз як нафар иборатанд, дар сутуни Б рақами 1 гузошта мешавад. Насаб ва номи ҳар як шахс дар сутуни 1-и Рӯйхат пурра навишта мешаванд.

**Шахсоне, ки дар хонаводаи мазкур муваққатан истиқомат мекунанд**, ба ҳайати ин хонавода (новобаста аз дараҷаи хешигарӣ) дохил карда намешаванд. Онҳо дар қисми II-и Рӯйхат ҳамчун муваққатан истиқоматкунанда навишта мешаванд.

Ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии **хонаводаҳои коллективӣ дар муассисаҳои институтсионалӣ** Рӯйхати истиқоматкунандагони бино (шакли 1) аз рӯи ҳуҷраҳо (як рӯйхат барои як ҳуҷра) пур карда мешавад.

Ба шахсоне, ки барои табобат дар беморхонаҳо (агар ҳузур доштани онҳо дар онҷо аз 1 сол зиёд набошад) ҳузур доранд; санаторияҳо, истироҳаткунандагони хонаҳои истироҳатӣ; дар таваллудхонаҳо ҳузур доштагон шакли 1А пур карда мешавад ва онҳо ҳамчун истиқоматкунандагони муваққатӣ ба рӯйхат гирифта мешаванд (дар ҷои истиқомати доимӣ бошанд – ҳамчун муваққатан ғоиб), **ҳатто агар** ҷои истиқомати доимии онҳо **дар ҳудуди ҳамон маҳалли аҳолинишин ё ноҳия**, ки беморхона, санатория, хонаи истироҳат, таваллудхонаи нишондодашуда ҷойгир бошад.

Ҳисобчӣ дар ҳар як варақаи барӯйхатгирии шакли 2 реквизит (рақами шӯъбаи рӯйхатгирӣ, қитъаи дастурдиҳӣ ва ҳисобгирӣ) ва рақами рӯйхати истиқоматкунандагони биноро мегузорад.

Варақаи барӯйхатгирии алоҳида ба ҳар шахсе, ки бо тартиб дар Рӯйхати истиқоматкунандагони бино навишта шудааст (шакли 1 фаслҳои 1 ва II ва шакли 1А ), тартиб дода мешавад.

Ба шахсоне, ки дар бинои мазкур муваққатан истиқомат мекунанд, яъне ба онҳое, ки дар фасли II (шакли 1) дар сутунҳои 2, 3 ва 4-и Рӯйхати истиқоматкунандагони бино

сабаби ҳузур доштан, мӯҳлати ғоиб будан дар ҷои истиқомати доимӣ ва мамлакате, ки доимӣ истиқомат мекунанд ва дар саволи 4-и варақаи барӯйхатгирӣ (шакли 2) рамзи 1 «муваққатан зиндагӣ мекунад» нишон дода шудааст, дар ин ҳолат ҷавобҳо **ба саволҳои 9 – 23-и варақаи барӯйхатгирии шакли 2 пур карда намешаванд.**

Ба онҳое, ки шакли 1А пур карда шудааст, яъне шахсоне, ки барои табобат дар муассисаҳои статсионарӣ ҳузур доштанд ё омадагон дар меҳмонхонаҳо, **саволҳои 9-23 ҳамчунин пур карда намешаванд.**

## Нишондодҳо ба қайди ҷавобҳо ба саволҳои 1 – 23-и варақаи барӯйхатгирӣ (шакли 2)

### Саволи 1.
### Муносибат ба шахсе, ки дар хонавода аввал навишта шудааст

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдори овардашуда аломат гузоред.

Ба нафаре, ки дар хонавода аввал навишта шудааст (дар сутуни Б-и Рӯйхати истиқоматкунандагони бино (шакли 1) ба ин шахс рақами 1 гузошта шудааст), рамзи 1 – **«шахсе, ки аввал навишта шудааст»** аломат гузошта мешавад. Ба ҳамаи аъзоёни боқимондаи хонавода рамзи дахлдор ба яке аз гуфтаҳои овардашуда, гузошта мешавад. Масалан, агар пурсидашаванда нисбат ба шахси дар хонавода аввал навишта шуда писар бошад, дар он сурат мувофиқи гуфтаи рамзи 3 **«духтар, писар»** аломатгузорӣ карда мешавад. Агар шахси пурсидашаванда дигар намуди хешовандӣ ё худӣ нисбат ба шахси дар хонавода аввал навишташуда дошта бошад, ғайр аз дар боло номбаршудагон (масалан, ҷиян, таға), дар он сурат мувофиқи гуфта аломат ба рамзи 10 - **«дигар дараҷаи хешигарӣ»** гузошта мешавад.

**«Хеш не»** - рамзи 11 инчунин ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад (ғайр аз аввал навишта шуда), ки дар хонаводаҳои коллективӣ истиқомат мекунанд ва аз рӯи тартиби дар боло овардашуда ба рӯйхат гирифта мешаванд.

Ба ҳар як **аъзои хонавода** (сарфи назар аз синну сол, ҳамчунин новобаста аз он, ки дар қайди никоҳ ҳаст ё не), **ки дар ҳайати як хонавода бо ҳар ду волидайн** ё танҳо бо яке аз онҳо истиқомат мекунад, дар росткунҷаи махсус ҷудо кардашуда **рақами тартибие, ки дар ҳудуди бино модари вай** (худӣ ё бегона (модарандар)) навишта шудааст, яъне рақаме, ки пеш аз ному насаби вай дар чоркунҷаи махсуси сутуни А варақаи барӯйхатгирӣ (шакли 2) ё дар сутуни А-и Рӯйхати истиқоматкунандагони бино (шакли1) нишон дода шудааст, гузошта мешавад. Агар модар дар ҳайати хонавода мавҷуд набошад, танҳо падар (худӣ ё бегона (падарандар)) вуҷуд дорад, дар он сурат рақами падар гузошта мешавад. Агар дар ҳайати хонавода на модар, на падар набошанд, дар ин маврид ягон рақам гузошта намешавад.

**Барои муваққатан истиқоматкунандагон** дар саволи 1 рамзи 1 - «**шахси аввал навишташуда»** навишта мешавад, новобаста аз дараҷаи хешигарӣ (худӣ) нисбат ба шахсоне, ки доимӣ дар бинои мазкур истиқомат мекунанд. Чунин шахсон дар ҳайати хонаводаҳое, ки он ҷо ҳузур доштанд, **ба рӯйхат гирифта намешаванд.**

### Саволи 2. Ҷинс

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдори овардашуда аломат гузошта мешавад.

### Саволи 3. Санаи таваллуд

Ҷавобро оиди рӯз, моҳ ва соли таваллуд бо рақамҳо дар росткунҷаҳои махсус ҷудо кардашуда навишта мешавад.

**Саволи 4. Шахс муваққатан:**
**зиндагӣ мекунад;**
**ғоиб аст**

Аломати **«муваққатан зиндагӣ мекунад»-** рамзи 1 ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар сутунҳои 2, 3, 4-и Рӯйхати истиқоматкунандагони бино (қисми II) сабаби ҳузур доштан, мӯҳлати ғоиб будан дар ҷои истиқомати доимӣ ва мамлакате, ки доимӣ истиқомат мекунад нишон дода шудааст ва барои шахсоне, ки Рӯйхати шакли 1А (Рӯйхати шахсоне, ки муваққатан дар беморхонаҳо, таваллудхонаҳо, меҳмонхонаҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва монанди инҳо истиқомат мекунанд) пур карда шудааст, гузошта мешавад. Баъдан барои ин шахсон **пурсиш то саволи 9 давом дода мешавад**.

Аломати **«муваққатан ғоиб аст»** - рамзи 2 ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки ба онҳо дар сутунҳои 2, 3 ва 4 қисми 1 «Рӯйхати истиқоматкунандагони бино» сабаби ғоиб будан, мӯҳлати ғоиб будан ва мамлакати истиқомати муваққатӣ навишта шудааст.

**Саволи 5. Ҷои таваллуд** (шаҳр, ноҳия ё
дигар давлат)

Дар ҷои махсус ҷудо кардашуда ба онҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудаанд, номи шаҳр ё ноҳияро бо калимаҳо нависед.

Барои онҳое, ки дар ҳудуди дигар мамлакат берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мамлакатҳои хориҷа ё дар яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқии собиқ СССР таваллуд шудаанд, номи мамлакат ё ҷумҳурии собиқи иттифоқиро, ки онҳо таваллуд шудаанд (мисол, Россия, Украина, Полша, Италия) нависед.

**Саволи 6. Миллат**

Дар ҷои махсус ҷудо кардашуда миллат (халқият)-е, ки **худи** пурсидашаванда нишон медиҳад, навишта мешавад. **Миллат (халқият)** – и фарзандонеро, ки гап зада наметавонанд, волидайн муайян мекунанд.

**Саволи 7а. Забони модарӣ**

Дар ҷои махсус ҷудо кардашуда номи забоне, ки **худи** пурсидашаванда забони модарии худ меҳисобад, нависед. Забони модарӣ метавонад бо миллат мувофиқат накунад.

Забони модарии кӯдаконе, ки ҳоло гап зада наметавонанд ва дигар кӯдакони хурдсол аз тарафи волидайн муайян карда мешавад.

**Саволи 7б. Дигар забонҳое, ки озодона гуфтугӯ мекунед**

Ба шахсоне, ки забонҳои дигарро **истифода мебаранд**, яъне бо забонҳои дигар **мехонанд, менависанд ва озодона гуфтугӯ мекунанд ё танҳо озодона сӯҳбат мекунанд**, дар ҷои махсус ҷудо кардашуда номи ин забонҳо, вале на зиёдтар аз ду забон (украинӣ, англисӣ, испанӣ, русӣ ва монанди инҳо), навишта мешаванд.

Ба шахсоне, ки забонҳои дигарро истифода намебаранд, инчунин кӯдаконе, ки ҳоло гап зада наметавонанд, дар сатрҳои «дуюм» ва «сеюм» - **«не»** нависед.

**Саволи 8. Шаҳрвандӣ**

Ба **шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон** аломати дахлдори гуфтаи рамзи 1 - **«Ҷумҳурии Тоҷикистон»**-ро гузоред.

Ба шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд рамзи 2 **- «бе шаҳрвандӣ»** аломатгузорӣ карда мешавад.

Барои шаҳрвандони хориҷӣ, дар ҷои махсус ҷудо кардашуда номи давлате, ки пурсидашаванда шаҳрванди он мебошад («Россия», «Украина», «Италия» ва монанди инҳо), нависед.

Агар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад, пас аломати дахлдори гуфтаи **«Ҷумҳурии Тоҷикистон»** гузошта мешавад ва номи давлати дигар, ки инчунин шаҳрванди он мебошад, навишта мешавад.

Шаҳрвандии кӯдаконро волидайн муайян менамоянд.

### Саволи 9. Оё кӯдак ба муассисаҳои томактабӣ меравад
(барои кӯдакони синни 3-6 сола)

Ин савол ба волидайни кӯдакони синни томактабӣ, (ки ҳоло ба мактаби таҳсилоти умумӣ намераванд) дода мешавад. Аз ин рӯ, аломат ба яке аз гуфтаҳои мутобиқи овардашуда гузошта мешавад:

Рамзи 1 – **“ҳа”** ба кӯдаконе, ки ба муассисаҳои томактабӣ - яслиҳои бачагона, ясли – боғчаҳо, боғчаҳои бачагон новобаста аз шакли моликияташон мераванд, гузошта мешавад. Агар дар лаҳзаи барӯйхатгирӣ кӯдак муваққатан ба муассисаҳои томактабӣ наравад, масалан, бо сабаби беморӣ, дар он ҳолат ба вай аломати **“ҳа”** гузошта мешавад.

Рамзи 2 – **“не”** ба кӯдаконе, ки ҳоло ба муассисаҳои томактабӣ намераванд гузошта мешавад.

### Саволи 10. Навъи (типи) муассисаи таълимӣ, ки дар он таҳсил мекунед
(барои шахсони синни 6 – 60 сола)

Ба шахсони синни 6 - 60 сола, ба таълимгирандагони муассисаҳои таълимии рӯзона, шабона, ғоибона ва экстернӣ аломати дахлдори яке аз гуфтаҳои овардашуда, гузошта мешавад.

Рамзи 1 - **«муассисаи таҳсилоти умумӣ»** ба таълимгирандагони мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ, асосӣ, миёна (аз он ҷумла, бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида), гимназияҳо, литсейҳо ва муассисаҳои таълимии монанди инҳо аломатгузорӣ карда мешавад.

Рамзи 2 - **«муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»** ба таълимгирандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ, литсейҳои касбӣ, марказҳои таҳсилоти касбӣ, мактабҳои техникӣ, ОКТ, ОКТМ ва монанди инҳо аломатгузорӣ карда мешавад.

Рамзи 3 - **«муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ»** ба таълимгирандагони техникумҳо (омӯзишгоҳҳо), коллеҷҳо, техникумҳои корхонаҳо ва монанди инҳо аломатгузорӣ карда мешавад.

Рамзи 4 - **«муассисаи таҳсилоти олии касбӣ»** ба таълимгирандагони муассисаҳои таълимии олӣ - донишкадаҳо, академияҳо, донишгоҳҳо аломатгузорӣ карда мешавад.

Рамзи 5 – **«баъд аз муассисаи олии касбӣ»** - ба шахсони дар аспирантура ва докторантура таҳсилкунанда қайд карда мешавад.

Рамзи 6 - **«таҳсил намекунам»** - ба шахсони синну соли 6-сола ва калонтар, ки **дар ягон ҷой таҳсил намекунанд** аломатгузорӣ карда мешавад.

### Саволи 11. Таҳсилот
(барои шахсони синни 6 – сола ва калонтар)

Ба шахсони дар синни 6-сола ва калонтар аломати мувофиқи яке аз гуфтаҳои овардашуда гузошта мешавад.

Дараҷаи баландтарини таҳсилоти аз тарафи пурсидашудагон ба даст оварда шуда ба маълумот гирифта мешавад.

Рамзи 1 – **“таҳсилоти ибтидоӣ надорад ”** ба шахсоне, ки тамоман дар системаи таълимотӣ таҳсил накардаанд, мактаби ибтидоиро хатм накардаанд ва таълимгирандагони синфҳои ибтидоӣ қайд карда мешавад. Дар баробари ин, савол дода шуда, яке аз гуфтаҳо аломатгузорӣ карда мешавад:

**“Хонда метавонед”**

**“ҳа”** – ба онҳое, ки хонда метавонанд.

**“не”** – ба онҳое, ки хонда наметавонанд.

**“Навишта метавонед”**

**“ҳа”** – ба онҳое, ки навишта метавонанд.

**“не”** – ба онҳое, ки навишта наметавонанд.

Дар гуфтаҳо ғайр аз номгӯи дараҷаи маълумотнокии дар шароити ҳозира қабулкарда шуда, дар қавс номҳои дараҷаҳои ин маълумотҳое, ки пештар истифода бурда мешуданд, дода шудаанд.

**“Ибтидоии умумӣ (ибтидоӣ)”** – рамзи 2 ва **“умумии асосӣ (миёнаи нопурра)”** – рамзи 3.

**“Миёнаи (пурраи) умумӣ”** - рамзи 4 ба хатмкунандагони мактабҳои таълимоти миёна (аз он ҷумла, бо таълими чуқури фанҳои алоҳида), литсейҳо, гимназияҳо ва ғайраҳо ва шахсони дорои номаи камол дар бораи маълумоти миёнаи пурра, қайд карда мешавад.

**“Ибтидоии касбӣ ”** – ду рамз, яъне рамзи 3 ва 5 аломатгузорӣ карда мешавад ба шахсоне, ки хатмкунандагони синфҳои 8 ё 9 мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва хатмкунандагони омӯзишгоҳи касбӣ (ПТУ) ё литсеи касбӣ мебошанд; ба шахсони дорои маълумоти миёна (пурраи) умумӣ (синфҳои 10, 11) ва хатмкунандагони омузишгоҳҳои касбӣ рамзи 5 ва 4 қайд карда мешавад.

**“Миёнаи касбӣ (миёнаи махсус)”** – рамзи 6 ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, техникумҳо, омӯзишгоҳҳо (масалан: тиббӣ, педагогӣ), коллеҷҳо, техникуми муассиса ва ғайра, қайд карда мешавад.

**“Олии касбии нопурра (олии нопурра)”** – рамзи 7 ба хатмкардагони таълим аз рӯи барномаи таълимии асосии таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми на камтар аз 2 соли мӯҳлати таълим қайд карда мешавад.

Аломати ба ин гуфта мувофиқро ҳамчунин ба он шахсоне гузоред, ки таҳсил мекунанд ё таҳсил карда, аз рӯи барномаи асосии таълимӣ таҳсилоти олии касбиро дар ҳаҷми на кам аз нисфи мӯҳлати таҳсил тамом карданд. Ба онҳое, ки дар муассисаи таълимии олӣ **аз нисф ками мӯҳлати** таҳсилро аз бар карданд, аломати мувофиқи ҳамон дараҷаи таҳсилотро гузоред, ки онҳо **то дохилшавӣ** ба муассисаи олии таълимӣ соҳиб буданд, яъне **“миёнаи касбӣ (миёнаи махсус)” ё “миёнаи (пурраи) умумӣ ” ё “ибтидоии касбӣ”.**

**“Олии касбӣ (олӣ)”** – рамзи 8 ба шахсоне, ки муассисаҳои олии таълимиро хатм кардаанд: институт, академия, донишгоҳ ва ғайра, қайд карда мешавад.

**“Баъд аз муассисаи олии касбӣ”** – рамзи 9 ба шахсоне, ки аспирантура ё докторантураро тамом кардаанд, бо нишондиҳии доштани дараҷаи илмии номзади илм, доктори илм ё дараҷаи илмӣ надорад, аломатгузорӣ карда мешавад.

Барои шахсоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ (олӣ) ва баъд аз муассисаи олии касбӣ мебошанд, рамзҳои мувофиқи дараҷаи илмӣ «номзади илм», «доктори илм» ё «дараҷаи илмӣ надорад», аломатгузорӣ карда мешавад.

## Саволи 12. Ҳолати ақди никоҳ

(барои шахсони синни 15- сола ва калонтар)

Ба шахсони синну соли 15 - сола ва калонтар аломати дахлдори гуфтаҳои овардашуда гузошта мешавад.

Рамзи 1**- «ҳеҷ вақт дар ақди никоҳ набудам»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки ҳеҷ вақт дар ақди никоҳ, на дар қайдшуда ва на дар қайднашуда, қарор надоштаанд.

Рамзи 2 - **«дар ақди никоҳи ба қайд гирифташуда дар САҲШ (ЗАГС) мебошам»** - ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар ҳолати ақди никоҳ **қарор доранд** ва ақди никоҳ дар мақомотҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) ба қайд гирифта шудааст.

Рамзи 3 - **«дар ақди никоҳи беқайд қарор дорам»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки ақди никоҳашон дар САҲШ (ЗАГС) ба қайд гирифта нашудааст.

Ба шахсоне, ки дар ақди никоҳ қарор доранд (ба онҳое, ки рамзҳои 2 ва 3 гузошта шудааст) дар росткунҷаҳои махсус рақами тартибии **ҳамсар,** ки дар сутуни А-и Рӯйхати истиқоматкунандагони бино (шакли 1) навишта шудааст, гузошта мешавад. Агар зан (шавҳар) дар бинои мазкур **ба рӯйхат гирифта нашуда бошад**, **пас ягон рақам гузошта намешавад.**

Рамзи 4 - **«бевамард, бевазан»** - ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки **пештар** дар ақди никоҳ **қарор дошта буданд** (новобаста аз он, ки ақди никоҳ ба қайд гирифташуда буд ё не), вале ин никоҳ **бо сабаби фавтидани зан (шавҳар**) қатъ гардид ва шахс дар ақди никоҳи нав **қарор надорад**.

Рамзи 5 - **«талоқшуда»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки **пештар дар ақди никоҳ қарор доштанд**, ҳоло бошад **қарор надоранд** ва **ҷудошавӣ** аз тарафи мақомотҳои САҲШ (ЗАГС) **сабт карда шудааст**.

Рамзи 6 - **«ҷудошуда»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки пештар дар ақди никоҳи беқайд қарор доштанд, ҳоло бошад ҷудо шудаанд, инчунин ба онҳое, ки дар ақди никоҳи ба қайд гирифта шуда қарор доштанду ҷудо шудаанд, вале ҷудошавӣ дар мақомотҳои САҲШ (ЗАГС) сабт карда нашудааст.

## Саволи 13. Манбаъҳои васоити зиндагӣ

Пеш аз ин саволро додан, бояд ба пурсидашаванда варақаро, ки дар он рӯйхати ҳамаи намудҳои ҷавоб ба саволи 13 оварда шудаанд, нишон дода мешавад. Баъд аз шиносоӣ бо рӯйхат, пурсидашаванда як ё якчанд манбаъҳои васоити зиндагиро номбар мекунад.

Мувофиқ ба ҷавоб дар варақаи барӯйхатгирӣ, аломатҳои дахлдори як ё якчанд гуфтаҳои овардашударо, гузоред.

Рамзи 1 - **«Даромад аз фаъолияти меҳнатӣ (ғайр аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва наздиҳавлигӣ)»** ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки аз рӯи фаъолияти меҳнатии худашон мукофоти пулӣ ё озуқаворӣ мегиранд. Аз он ҷумла, онҳое, ки хоҷагии деҳқонӣ доранд ва онро пеш мебаранд, бо парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, чорво ва парранда машғул мебошанд, инчунин аз машғулият дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ даромад доранд, агар хизмат ё маҳсулоти дар он истеҳсол шуда, асосан **ба фурӯш ва ивазкунӣ** равад.

Рамзи 2 - **«хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва наздиҳавлигӣ»** ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигии худ (аз он ҷумла, боғҳо, полезҳо ва монанди инҳо) бо корҳои кишоварзӣ ва (ё) парвариши чорво машғуланд, агар маҳсулоти дар он истеҳсолшуда асосан барои истеъмоли худӣ равад.

Рамзи 3 - **«стипендия»** - ба таълимгирандагоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки стипендия мегиранд (аз он ҷумла, стипендияҳое, ки ба таълимгирандагони аз тарафи корхона ё ташкилот аз рӯи қарордод, хадамоти шуғл барои таҳсил равоншуда, пардохт мешаванд).

Рамзи 4 - **«нафақа (ғайр аз нафақаи маъюбӣ)»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки нафақа аз рӯи пиронсолӣ (синну сол), бо сабаби маҳрум шудан аз саробон, барои хизмати дарозмуддат, иҷтимоӣ (барои шаҳрвандоне муқаррар карда мешавад, ки аз рӯи ягон сабаб ҳуқуқи гирифтани нафақаи меҳнатӣ надоранд) мегиранд.

Рамзи 5 - **«нафақа аз рӯи маъюбӣ»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки нафақаи маъюбӣ мегиранд. Аломати дахлдори ҳамин гуфта ба ҳамон касе гузошта мешавад, ки ба ӯ нафақа муқаррар карда шудааст, на ба он касе ки онро мегирад.

Рамзи 6 - **«ёрдампулӣ (ғайр аз ёрдампулии бекорӣ)»** ба ҳамон касе қайд карда мешавад, ки ба ӯ ёрдампулии иҷтимоии ҳармоҳа муқаррар карда шудааст:

- ба модарони коркунанда дар давраи рухсатӣ оид ба нигоҳубини кӯдак то якунимсолагӣ; ба модароне, ки истеҳсолотро тарк карда таҳсил мекунанд;

- ба таълимгирандагони муассисаҳои таълимоти умумӣ дар синни 7-15 сола, ки аз оилаҳои камбизоат мебошанд;

- барои занҳое, ки 10 ва зиёда фарзанд таваллуд кардаанд барои пардохти манзили зист ва хизматҳои коммуналӣ (рифоӣ).

Дар ин ҳолат ёрдампулӣ ба ҳамон касе аломатгузорӣ карда мешавад, ки ба вай муқаррар карда шудааст.

Рамзи 7 - **«ёрдампулӣ аз рӯи бекорӣ»** - ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар мақомотҳои хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ва нафақагир аз рӯи бекорӣ ба қайд гирифта шудаанд ва ёрдампулӣ аз рӯи бекорӣ, инчунин кӯмаки моддӣ аз ҳисоби маблағҳои фонди шуғли аҳолӣ мегиранд.

Рамзи 8 - **«дигар намуди таъминоти давлатӣ»** - ба тарбиятгирандагони хонаҳои кӯдакон, хонандагони мактаб -интернатҳо, истиқоматкунандагони хона - интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон ва монанди инҳо, ба шахсоне, ки дар таъминоти давлат қарор доранд, аломатгузорӣ карда мешавад.

Рамзи 9 - **«пасандозҳо, ҳаққи саҳм, фоизҳо»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешаванд, ки манбаи васоити зиндагиашон пули ҷамъоварӣ гашта аз ҳисоби қисми истифоданашудаи манбаъҳои гуногуни даромади пулии пештар воридшуда, мебошад.

Рамзи 10 - **«даромад аз моликият»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки даромад дар шакли маблағи иҷоравӣ аз рӯи қитъаҳои замини ба иҷора додашуда, ба иҷора додани квартираҳо, гараж, мошин, олоти меҳнат мегиранд, қайд карда мешавад.

Рамзи 11 - **«даромад аз аъзоёни оила, ки дар дигар давлатҳо кор мекунанд»** - танҳо ба шахсе, ки дар хонавода аввал навишта шудааст аломатгузорӣ карда мешавад ва ин хонавода бо низом аз аъзоёне, ки берун аз Тоҷикистон барои кор рафтаанд, ёрии моддиро мегирад.

Рамзи 12 **«дар сарпарастӣ, алиментҳо»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки бо маблағҳои волидайн, хешу табор ё шахсони дигар зиндагонӣ мекунанд, инчунин ба онҳое, ки барояшон алимент пардохт мешавад.

Рамзи 13 - **«дигар манбаъ»** ба нафароне аломатгузорӣ карда мешавад, ки манбаи васоити зиндагиашон чизи дигар, аст на оне, ки дар боло номбар шудаанд, мебошад.

Агар пурсидашаванда **якчанд манбаи** васоити зиндагиро номбар карда бошад, пас дар росткунҷаҳои махсус рамзи ҳамон манбае, ки пурсидашаванда онро асосӣ меҳисобад, гузоред.

### Саволи 14. Шумо аз рӯзи таваллудатон дар маҳалли аҳолинишини мазкур доимӣ истиқомат мекунед

Мутассилии истиқомат аз будани қайд ва хусусияти он (доимӣ ё муваққатӣ) вобастагӣ надорад ва аз ивазшавии суроға дар ҳудуди ҳамон як маҳалли аҳолинишин қатъ намегардад.

Аломати **«ҳа»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки аз вақти таваллуд дар маҳалли аҳолинишини мазкур мутассил истиқомат мекунанд.

Дар чунин ҳолат **мутассилии истиқомат дар он қатъ намегардад:**

- кӯчидан аз як деҳа ба деҳаи дигар дар ҳудуди ҳамон як ноҳияи маъмурӣ, кӯчидан аз як ноҳияи дохилишаҳрии шаҳри Душанбе ба дигар;

- ҳамаи раҳсипоршавиҳо аз маҳалли аҳолинишини мазкур, ки бо ивазшавии ҷои истиқомати доимӣ пайваст нестанд.

Аломати **«не»** ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки ҷои истиқомати доимиро иваз кардаанд.

### Саволи 15. Оё дар давоми ҳафтаи то оғози барӯйхатгирӣ ягон кор ё машғулияте, ки маош ё даромад биёрад доштед?

Ба шахсони синну соли 15-сола ва калонтар аломати дахлдори яке аз гуфтаҳои овардашуда гузошта мешавад.

**«Ҳа»** ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар давоми ҳафтаи пеш аз барӯйхатгирӣ кор ё машғулияте, ки аз рӯи он маош ё даромад ба даст гирфтаанд, доштанд.

Гуфтаи **«не»** ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар давоми ҳафтаи то оғози барӯйхатгирӣ кор ё машғулияти даромаднок надоштанд.

### Саволи 16. Номи пурраи корхона, муассиса, ташкилот, намуди фаъолияти иқтисодӣ

Агар пурсидашаванда на як ҷои кор дошта бошад, пас маълум кардан лозим аст, ки вай кадомашро асосӣ меҳисобад ва ҳамаи саволҳо аз рӯи ҷои кори асосии вай пур карда мешаванд.

Ҳангоми қайди ҷавобҳо дар хотир доштан зарур аст, ки **номи корхона, муассиса, ташкилот** барои муайян намудани соҳае (самти фаъолияти иқтисодӣ), ки пурсидашаванда дар он кор мекунад, пурра навишта мешавад. Масалан, на «ҶСК «Лаззат», балки ҶСК қаҳвахонаи «Лаззат», на «Ширин» ё фабрикаи «Ширин», балки ҶС фабрикаи қаннодии «Ширин».

Ба шахсоне, ки дар ташкилотҳои бисёрсоҳа кор мекунанд, масалан, дар ширкат ё консерн, номгӯи худи ширкат ё консерн навишта нашуда, балки номгӯи корхонаи муайян, ки ба он дохил шудааст, навишта мешавад (масалан, на ширкати «Гермес» навишта мешавад, балки номгӯи муфассали корхонаи истихроҷкунанда, ташкилоти савдо ва монанди инҳо навишта мешаванд).

Номгӯи корхона ё муассиса кӯтоҳ навишта намешавад.

Ба шахсоне, ки ба шаҳрвандони алоҳида аз рӯи кироя кор мекунанд, намуди фаъолияти иқтисодии дахлдор навишта мешавад. Масалан, ба фурӯшандае, ки бо савдои чакана, машғул мебошад, **«савдои чакана»** навишта мешавад. Ба кормандони кирояи хонаводаи хусусӣ бошад, (масалан, котиб, мураббия, доя, ронанда) **«аз рӯи хизматрасонии хонавода»** навишта мешавад.

Ба шахсоне, ки бо тиҷорат машғуланд, «савдои яклухт» нишон дода мешавад, агар ин шахсон танҳо бо ба даст овардан ва расонидани молҳо машғул бошанд. Агар ин шахсон ғайр аз корҳои ба даст овардан ва расонидани молҳо, инчунин бо фурӯши онҳо машғул бошанд, **«савдои чакана»** навишта мешавад.

Ба шахсоне, ки дар хоҷагии деҳқонӣ – фермерии шахсӣ кор мекунанд, **«кишоварзӣ»** бо нишон додани соҳаи муайян (растанипарварӣ, чорводорӣ ва ғайра) ё кори иҷрокунанда навишта мешавад.

Ба хизматчиёни парастишҳои динӣ навишта мешавад «хизматчиёни парастишҳои динӣ» ё ҷои мазҳаб (масҷид ва монанди инҳо), вале ба шахсоне, ки дар корхонаҳои ба ташкилотҳои динӣ мансуб кор мекунанд, ҳамон намуди фаъолияти иқтисодӣ навишта мешавад, ки онҳо бо он машғул мебошанд. Масалан, ба корманде, ки дар корхонаи мансуби ташкилоти динӣ кор карда, адабиёти динӣ мебарорад, бояд «фаъолияти матбаавӣ» навишта шавад.

**Саволи 17. Машғулияти асосӣ**

(номи машғулият, вазифа ё коре, ки иҷро мекунед)

Дар ҷои ҷудо кардашуда, ки барои ҷавоб ба ин савол муайян гардидааст, номи пурраи вазифа, касб ё кори иҷрокунанда навишта мешавад.

«**Коргари ёрирасон ё коргари корҳои гуногун**» танҳо ба шахсоне, ки дар корҳои гуногуни беихтисос машғуланд, қайд карда мешавад (ғайр аз кишоварзӣ), аммо дар ҳолатҳои боқимонда хусусияти корро муайян карда, навиштан лозим аст, масалан, «боркаш».

«**Кишоварзӣ**» танҳо ба шахсоне, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ (хоҷагиҳо), корҳои гуногуни беихтисосро иҷро мекунанд ва машғулияти муайяни аниқ надоранд, навишта мешавад. Ба шахсоне, ки машғулияти муайян дар соҳаи кишоварзӣ доранд, номи ҳамон машғулият навишта мешавад (масалан, «чӯпон», «галабон», парвариши гандум, картошка ва ғайра).

Ба шахсоне, ки дар асоси инфиродӣ кор мекунанд, номи машғулияташон навишта мешавад: «суратгир», «оҳангсоз», «фурӯшандаи мағоза», «фурӯшандаи бозор» ва ғайра.

Ба шахсоне, ки дар хонаводаҳои хусусии алоҳида хизмат мекунанд, машғулияташон навишта мешавад: «котиби шахсӣ», «ошпаз», «доя», «мураббӣ» ва ғайра.

Ба аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, вобаста аз рӯи тахассуси хоҷагӣ, номи машғулият навишта мешавад («фермер– чорводор» ва ғайра).

Ба шахсоне, ки танҳо дар корхонаҳои оилавӣ ё дар хоҷагиҳои деҳқонии фермерӣ бе маош кор мекунанд, машғулияте, ки бо он қисми зиёди вақт машғуланд, навишта мешавад («боркаш», «истеҳсоли ғалла», «нигоҳубини чорво» ва монанди ин).

Ба шахсоне, ки танҳо дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғуланд «хоҷагии ёрирасони шахсӣ» навишта мешавад.

**Саволи 18. Кори Шумо дар ҳудуди маҳалли аҳолинишине, ки истиқомат мекунед, ҷойгир аст**

Аломати “**ҳа**” ба пурсидашавандае, ки ҷои кораш дар ҳудуди маҳалли аҳолинишине, ки истиқомат мекунад, ҷойгир шудааст, гузошта мешавад.

Агар пурсидашаванда берун аз маҳалли аҳолинишине, ки дар он истиқомат мекунад (дигар шаҳр, ноҳия, давлат) кор карда бошад, пас аломати **«не»** гузошта мешавад ва баъдан дар қисми махсус ҷудо карда шуда номгӯи шаҳр ё ноҳия ё дигар давлат, ки ҷои кор он ҷо воқеъ гардидааст, навишта мешавад. Агар пурсидашаванда дар ҳудуди дигар давлат кор карда бошад, он гоҳ танҳо номи давлат навишта мешавад, масалан, Русия ва ба пур кардани саволи дигар гузаред.

Ба шахсоне, ки ҷои кори онҳо дар ҳудуди маҳалли шаҳрии ноҳияи мазкур ҷойгир аст ва ҷои истиқомат дар маҳалли аҳолинишини деҳоти ҳамин ноҳия ҷойгир аст, инчунин дар сатри «шаҳр» номгӯи маҳалли аҳолинишини шаҳрӣ навишта мешавад. Чунин тартиб барои шахсоне, ки дар маҳалли шаҳрии ноҳияи мазкур истиқоматкунанда ва дар маҳалли деҳоти ноҳияи мазкур коркунанда риоя карда мешавад.

Ҳангоми хусусияти ҳаракаткунанда доштани кори пурсидашаванда (роҳбаладӣ қатора, ронандагони роҳи дур, ҳавопаймоён), ҷои кор аз рӯи ҷои тартиб дода шудани шартномаи меҳнатӣ муайян карда мешавад.

**Саволи 19. Мақом дар машғулият**

Ба яке аз гуфтаҳои мувофиқи овардашуда аломат гузоред.

Рамзи 1 - **«кироякор»** (аз рӯи шартнома ё маслиҳати даҳонӣ) ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки аз рӯи шартномаи хаттӣ, созишнома ё маслиҳати даҳонӣ бо маъмурияти корхона, ташкилот,

муассисаи шакли моликияташ гуногун, хоҷагии деҳқонӣ ё бо корфармои фардӣ барои мукофот дар шакли музди меҳнат (дар шакли пулӣ ё маҳсулотӣ) кор кардаанд.

Рамзи 2 – **«корфармо» -** ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки бо идоракунии корхонаи шахсии худ, хоҷагии деҳқонӣ ё фаъолияти тиҷоратӣ банд буда, дар асоси доимӣ як ё зиёдтар кироякорро истифода мебурданд.

Рамзи 3 – «**машғулияти инфиродӣ»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки бо шартҳои худмашғулшавӣ фаъолияти иқтисодиро иҷро мекунанд ва дар асоси доимӣ кироякоронро истифода намебаранд ё онҳоро аз маврид то маврид ҷалб мекунанд.

Рамзи 4 – «**дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғулбуда» -**.ба онҳое, қайд карда мешавад, ки дар қитъаи наздиҳавлигии шахсии худ кор мекунанд ва аз фаъолияти худ даромад доранд.

Рамзи 5 - **«аъзои кооперативи истеҳсолӣ»** - ба онҳое аломатгузорӣ карда мешавад, ки дар кооперативҳои истеҳсолӣ кор мекунанд ва аъзои он буда, ҳуқуқҳои баробар дар масъалаҳои қабули қарорҳое, ки ба ташкили истеҳсолот, фурӯши маҳсулот ва ё фаъолияти дигар, сармоягузорӣ ва тақсим намудани даромад байни аъзоён тааллуқ доранд, иштирок мекунанд. Кироякорони кооперативҳои истеҳсолӣ ба ин гурӯҳ таалуқ надоранд, ба онҳо «кироякор» аломатгузорӣ карда мешавад (аз рӯи шартнома, созишнома ё маслиҳати даҳонӣ).

Рамзи 6 - **«корманди бемузди корхонаи оилавӣ»** - ба шахсоне аломатгузорӣ карда мешавад, ки бемузд дар муассисаи оилавӣ кор мекунанд.

Рамзи 7 – **"дигар"** ба шахсоне гузошта мешавад, ки мақом дар машғулият доранд, ки дар боло зикр нашудааст.

## Саволи 20. Дар муддати моҳи охир кор ҷустуҷӯ намудед

Савол танҳо ба шахсони синну соли 15–сола ва калонтар, ки дар саволи 15 **«не»** аломат гузошта шудааст, яъне ба онҳое, ки дар давоми ҳафтаи пеш аз барӯйхатгирӣ кор ё машғулияти даромаднок надоштанд, пур карда мешавад.

Ба онҳое, ки ба ҷустуҷӯи кор фаъолона машғул буданд ё ин ки кӯшиш намуданд, ки кори шахсӣ ташкил намоянд, аломати **А «ҳа»** гузоред.

Ба шахсоне, ки кор ҷустуҷӯ мекарданд, ё мекунанд (яъне ба онҳое, ки аломати **А «ҳа»** гузошта шудааст), зерсавол диҳед:

**Оё метавонистед дар 2 ҳафтаи наздик ба кор шурӯъ намоед?**

Агар пурсидашаванда ба кор шурӯъ карда тавонад аломати **«ҳа»** гузоред. Агар пурсидашаванда ба кор шурӯъ карда натавонад, аломати **«не»** гузоред.

Аломати **Б «не»** ба шахсе аломатгузорӣ карда мешавад, **ки кор ё машғулияти даромаднок надорад ва онро ҷустуҷӯ намекунад.**

*<u>Барои занҳои синни 15– сола ва калонтар</u>*

## Саволи 21. Чанд фарзанд таваллуд кардаед
(бе ҳисоби мурда таваллудшудагон)

Ба занҳои синну соли 15-сола ва калонтар (дар ақди никоҳ қарор дошта ва дар ақди никоҳ набуда) дар росткунҷаҳои махсус **шумораи умумии кӯдакони таваллудшуда, бе ҳисоби мурда таваллудшудагон** гузошта мешавад, аз онҳо чандто духтар ва чандто писар таваллуд кардаед, нишон диҳед новобаста аз он, ки оё кӯдакон дар айни замон дар қайди ҳаёт ҳастанд ё не, ба ҳайати хонаводаи ин зан дохил мешаванд ё алоҳида истиқомат мекунанд.

Дар баробари ин кӯдакони писархонд (духтархонд) шуда ё ба ҳимоя гирифташуда, инчунин фарзандони шавҳар аз оилаи пештара ба шумораи фарзандони **таваллудкардаи** ҳамин зан **дохил карда намешаванд**.

Агар зан ягон фарзанд таваллуд накарда бошад, пас «0» навишта мешавад.

Ба занҳои аз 15–сола хурдтар ҷавоб ба ин савол **пур карда намешавад**, ҳатто агар онҳо фарзанд ҳам таваллуд карда бошанд.

**Саволи 22. Аз фарзандони таваллудшуда чандтоашон дар қайди ҳаёт ҳастанд**

Дар росткунҷаҳои махсус шумораи фарзандон – писарон ва духтароне, ки дар лаҳзаи ҳисобгирии аҳолӣ дар қайди ҳаёт буданд, новобаста аз он, ки онҳо ба ҳайати хонаводаи ҳамин зан дохил мешаванд ё алоҳида истиқомат мекунанд, нишон дода мешаванд.

*Барои занҳои дар синни 15-49 сола*

**Саволи 23. Оё дар 12 моҳи охир ҳодисаи вафоти фарзандони то 5-сола буданд**

Аломати **«ҳа»-**ро агар ҳолатҳои вафоти кӯдакони синни **то 5-сола дар 12 моҳи охир** ҷой дошта бошанд, гузоред. Ҳамзамон бояд санаи таваллуд, санаи вафот ва ҷинси ҳар кӯдаки вафоткарда дар алоҳидагӣ нишон дода шавад.

Аломати **“не”** дар ҳолатҳое, ки агар дар 12 моҳи охир ҳолатҳои вафоти кӯдакони то 5–сола ё таваллуд ҷой надошт, қайд карда мешавад.

## Нишондодҳо дар бораи пур кардани шакли 3 «Шароитҳои манзили аҳолӣ»

Шакли 3 «Шароитҳои манзили аҳолӣ» ба ҳамаи биноҳое, ки дар онҳо аҳолии доимӣ истиқомат мекунад, тартиб дода мешавад.

Дар ҳар як шакли 3 маълумотҳои асосӣ (рақами шӯъбаи рӯйхатгирӣ, қитъаҳои дастурдиҳӣ ва ҳисобгирӣ) ва рақами Рӯйхат, ки дар шакли 1 «Рӯйхати истиқоматкунадагони бино» нишон дода шудааст, гузоред.

Ҷавобҳо ба саволҳои 1, 2, 3, 4-и варақаи барӯйхатгирии шакли 3 барои биное, ки дар он аҳолии доимии дар Рӯйхат (шакли 1) навишташуда истиқомат мекунад, пур карда мешаванд. **Ба ҳамаи шахсоне, ки дар манзили мазкур муваққатан истиқомат мекунанд, ҷавобҳо ба саволҳои шакли 3 пур карда намешаванд.**

Саволҳои 5, 6, 7, 8 ба хонаводаҳои хусусӣ пур карда мешаванд, ки дар манзили мазкур доимӣ истиқомат мекунанд.

Саволҳои шакли 3 ба **хонаводаҳои коллективӣ** ва **бехонаҳо** пур карда намешаванд.

**Саволи 1. Навъи манзили истиқоматӣ**

Ба яке аз гуфтаҳои овардашуда аломати дахлдор гузошта мешавад.

Агар хонае, ки дар он як хонавода истиқомат кунаду ба шаҳрвандон ҳамчун ҳуқуқи моликияти шахсӣ таалluқ дошта бошад, дар он сурат рамзи 1 - **«хонаи инфиродии истиқоматӣ»** аломатгузорӣ карда мешавад.

Агар **як хонавода квартираи алоҳидаро ишғол карда бошад**, аломати мутобиқи гуфтаи **«квартираи алоҳида»** – рамзи 2 гузошта мешавад.

Агар хонаводаҳо дар квартирае истиқомат кунанд, ки барои он ду ё зиёда суратҳисоб кушода шудааст, пас аломат мувофиқи гуфтаи рамзи 3 – **«квартираи коммуналӣ»** гузоред. Ба хонаводаҳое, ки дар ҳуҷраҳои хусусикунонидашудаи квартираҳои коммуналӣ истиқомат мекунанд, аломатро мувофиқи гуфтаи рамзи 3 - **«квартираи коммуналӣ»** гузошта мешавад. Инчунин ба хонаводаҳое, ки дар хонаҳои навъи долон истиқомат мекунанд, вале хобгоҳ шуморида намешаванд, аломат ба рамзи 3 - **«квартираи коммуналӣ»** гузоред.

Ба хонаводаҳое, ки дар хобгоҳҳо истиқомат мекунанд, новобаста аз намуди сохти хона - квартирагӣ, долонӣ, сексионӣ, баракӣ аломат мутобиқан мувофиқи гуфтаи **«ҳуҷра, квартира дар хобгоҳ»** - рамзи 4 аломатгузорӣ карда мешавад.

Ба шахсоне, ки дар меҳмонхонаҳо, мотелҳо, манзилҳо барои меҳмонон ва ғайра истиқомат мекунанд, аломатро мувофиқи гуфтаи рамзи 5- «**меҳмонхона**» гузоред.

Агар хонавода дар юрта, вагонча ва монанди инҳо истиқомат кунад, пас аломатро мувофиқи гуфтаи рамзи 6 - **«дигар манзили истиқоматӣ»** гузоред ва навъи манзилро дар ҳошияи махсус ҷудо кардашуда нависед.

Агар дар савол гуфтаҳои **«меҳмонхона», «дигар манзили истиқоматӣ»** аломатгузорӣ шуда бошанд, пас пурсиш аз рӯи шакли 3 **ба охир расид**.

## Саволи 2. Масоҳати хонаи инфиродии истиқоматӣ, квартираи алоҳида ё коммуналӣ (м. мрб)

Дар ҷавоб ба ин савол дар росткунҷаҳои махсус барои гузоштани рақамҳо масоҳати умумӣ ва истиқоматии бинои мазкур, хонаи инфиродӣ, квартираи алоҳида ё коммуналӣ **бо метри мураббаи бутун (бе нишонаҳои даҳӣ)**-ро нависед.

**Масоҳати умумии** бинои истиқоматӣ дар хонаи инфиродӣ, дар квартираи алоҳида ё коммуналӣ ҳамчун масоҳати умумии ҳамаи ҳуҷраҳои истиқоматӣ (аз он ҷумла, масоҳати манзара,
айвону пешайвон, ки гармшаванда мебошаду барои истиқомат дар давоми тамоми сол мусоид аст) ва манзилҳои ёрирасон (ошпазхонаҳо, пешайвонҳо, долонҳои дохили квартира, ваннаю душхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, саройчаҳою анборхонаҳо ё ҷевонҳои сохташудаи хоҷагӣ) муайян карда мешавад.

**Ба масоҳати истиқоматӣ** масоҳати ҳамаи ҳуҷраҳои истиқоматии бинои мазкур бе назардошти масоҳати ҷевонҳои сохташуда ҳамроҳ карда мешавад.

## Саволи 3. Шумораи ҳуҷраҳо дар хонаи инфиродӣ, квартира.

Дар ҷавоби ин савол, дар росткунҷаҳои махсус барои рақамгузори шумораи ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ки дар хонаи инфиродӣ, квартираи алоҳида, квартираи коммуналӣ вуҷуд дорад (масалан 1, 2, 3 ва ғайра), навишта мешавад.

Манзараҳо, болохонаҳо, пешайвонҳо ва айвонҳои гарм кардашуда, ки барои истиқомати доимӣ **дар давоми сол** таҷҳизонида шудаанд, ба ҷумлаи ҳуҷраҳои истиқоматӣ дохил карда мешаванд.

Ба шумораи ҳуҷраҳои истиқоматӣ **дохил карда намешаванд**: ошпазхонаҳо, толорҳо, долонҳо, ваннаю душхонаҳо, саройчаю амборхонаҳо, балконҳо, пешайвонҳо ва биноҳою ҳуҷраҳои ёридиҳанда.

## Саволи 4. Ободонӣ ва шароитҳои санитарию гигиении истиқомат

Аломатро мувофиқи **як ё якчанд** гуфтаҳои овардашуда гузоред.

Рамзи 1– **«қувваи барқ»** - дар манзили истиқоматӣ симҳои барқ гузаронида шудаанд.

Рамзи 2– **«манқали барқии рӯйфаршӣ»** – манзили истиқоматӣ плитаи рӯифаршӣ дорад.

**Газ:**

Рамзи 3– **«шабакавӣ»** - дар манзили истиқоматӣ плитаи газии рӯифаршӣ гузошта шудааст, ки бо гази шабакавӣ таъмин карда мешавад.

Рамзи 4 – **«моеъ (баллон)»** - дар манзили истиқоматӣ плитаи гази рӯифаршӣ гузошта шудааст, ки аз **дастгоҳҳои баллонии гурӯҳӣ, ҳавлигӣ, маҳаллӣ ва инфиродӣ бо гази моеъ (баллон) таъмин карда мешавад.**

**Гармирасонӣ:**

Рамзи 5 – **«марказӣ»** - манзили истиқоматӣ аз дегхонаҳои хонагӣ, гурӯҳӣ (маҳаллӣ), дегхонаи муттаҳид ё ноҳиявӣ, истгоҳи барқии гармирасонии марказӣ (ТЭЦ) гармирасонӣ карда мешавад.

Рамзи 6 – **«аз дастгоҳҳои инфиродӣ, дегҳо»** - манзили истиқоматӣ аз обгармкунакҳои квартирагӣ, дегҳои гармирасони маҳаллӣ, мутамарказӣ, камвусъат бо сӯзишвории газ ва сахт (ангиштсанг, ҳезум ва амсоли онҳо) ё аз дигар манбаҳои гармӣ гармирасонӣ карда мешавад.

Рамзи 7 – **«бо оташдон»** - манзили истиқоматӣ бо оташдон гармирасонӣ карда мешавад.

Рамзи 8 – **«дастгоҳҳои барқӣ»** - дар ҳолате, ки агар манзили истиқоматӣ бо кондитсионер ё дигар асбобҳои гармидиҳии барқӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда бошад.

Рамзи 9 – **«гармирасонӣ вуҷуд надорад»** - дар мавриди набудани ягон намуди гармирасонӣ.

**Обтаъминкунӣ:**

Рамзи 10 – **«қубури об аз системаи коммуналӣ (умумӣ)»** - дар дохили хона шабакаи тақсимкунандаи қубури об ҷойгир шудааст, ки об ба он аз қубури марказӣ ё аз чоҳи артезианӣ тамоми сол ҷорӣ мешавад;

Рамзи 11 - **«қубури об аз системаи инфиродӣ»** - дар дохили хона шабакаи тақсимкунандаи қубури об ҷойгир шудааст, ки ба он об аз системаи инфиродӣ ворид мешавад (масалан, об ба манзил тавассути дастгоҳи қубури оби ба чоҳ пайвастшуда ва ё аз шабакаи тақсимкунандаи қубури оби дигар ворид мешавад).

Рамзи 12 - **«қубури об берун аз манзил, колонка»** - дар ҳавлӣ чумаки обгирӣ (колонка) ҷойгир шудааст ва об ба хона намеравад.

Рамзи 13 - **«чоҳ, чашма ва ё манбаи дигари обтаъминкунӣ»** - барои бо об таъмин намудан аз чоҳ, чашма ва ё манбаи дигари об истифода мебаранд (масалан, чумаки обкашаки барқӣ ё дастӣ ҳангоми набудани қубури об ба чоҳ пайваст шудааст; об аз чашма, дарё гирифта мешавад).

Рамзи 14 – «**обтаъминкунӣ вуҷуд надорад» -** дар ҳолати таъмин набудан бо ҳамаи намудҳои обтаъминкунӣ.

**Бо оби гарм таъмин будан:**

Рамзи 15 - **«марказӣ»** - дар манзил қубури оби махсус ҷойгир шудааст, ки барои эҳтиёҷоти маишии истиқоматкунандагон ба таври марказӣ оби гарм мерасонад.

Рамзи 16 - **«аз обгармкунакҳои инфиродӣ»** - дар манзил қубури оби махсус ҷойгир шудааст, ки барои эҳтиёҷоти маишии истиқоматкунандагон аз колонкаҳои газӣ ва чӯбсӯз, обгармкунакҳои квартирагӣ, инчунин дегҳои обгармкунандаи камвусъат, оби гарм расонида мешавад.

Рамзи 17 - **«бо оби гарм таъмин намешавад»** - манзили истиқоматӣ обтаъминкунии марказӣ ё обтаъминкунӣ аз обгармкунакҳои инфиродӣ надорад.

Ванна ва (ё) душхона:

Рамзи 18 - **«ванна (душхона) дар манзил»** – манзили истиқоматӣ ванна ва (ё) душхона дорад;

Рамзм 19 - **«ванна (душхона) берун аз манзил»** - ванна ва (ё) душхона барои истифодаи истиқоматкунандагони манзили мазкур ё истифодаи якҷояи якчанд хонаҳо ё

квартираҳо, дар бинои алоҳида ҷойгир шудааст, агар дар ин бино обтаъминкунӣ вуҷуд дошта бошад.

Рамзи 20 – **«ҳаммом, сауна»** дар манзили зист ё дар бинои алоҳида ҳаммом ё сауна ҳаст.

Рамзи 21 - **«ванна ва душхона вуҷуд надорад»**

**Обпарто (канализатсия):**

Рамзи 22 - **«тавассути системаи канализатсияи коммуналӣ»** - агар дар дохили хона дастгоҳи канализатсионӣ барои баровардани обҳои ҷоришаванда бо қубурҳо ба шабакаи канализатсионии кӯча ё чоҳҳои фурӯбаранда ҷойгир шуда бошад;

Рамзи 23 - **«тавассути системаи канализатсияи шахсӣ (бо назардошти безараркунӣ)»** - баровардани обҳои ҷоришаванда бо қубурҳо ба системаи канализатсионии шахсӣ ё фардӣ амалӣ мегардад (аз он ҷумла, таҷҳизоти безараркунӣ барои як манзили истиқоматӣ).

Рамзи 24 - **«тавассути системаи қубурҳо ба чуқуриҳои ахлотпартоӣ, дарёҳо ва монанди инҳо»** - баровардани обҳои ҷоришаванда бо системаҳои дигар, ғайр аз онҳое, ки дар боло номбар шудаанд, амалӣ мегардад (масалан, баровардани обҳои ҷоришаванда ба чуқуриҳои кандашуда ва монанди инҳо);

Рамзи 25 - **«хона системаи канализатсияи надорад»** - манзили истиқоматӣ бо қубури об таҷҳизонида нашудааст.

**Ҳоҷатхона:**

Рамзи 26 - **«ҳоҷатхона (бо обшӯй) дар дохили манзил» -** дар манзили истиқоматӣ ҳоҷатхона бо қубури об пайваст шудааст ва бо фишори об шуста мешавад ҳангоми ҳатман вуҷуд доштани қубури об ва канализатсия;

Рамзи 27 - **«ҳоҷатхонаи навъи дигар дар дохили манзил»** - манзили истиқоматӣ ҳоҷатхона ё ҳоҷатхонаи навъи дигар дорад;

Рамзи 28 - **«ҳоҷатхона берун аз манзил»** - ҳоҷатхона берун аз манзили истиқоматӣ ҷойгир шудааст ва истиқоматкунандагони манзили мазкур ё истиқоматкунандагони ҳамаи хонаҳо аз он истифода мебаранд (бо истифодаи чуқуриҳои кандашуда);

Рамзи 29 - **«ҳоҷатхона вуҷуд надорад»** - ягон навъи ҳоҷатхона вуҷуд надорад.

**Баровардани пасмондаҳои рӯзғор:**

Рамзи 30 - **«қубури партов»** - манзили истиқоматӣ дастгоҳ барои баровардани партов бо қубурҳо дорад (чун қоида, дар хонаи баландошёна).

Рамзи 31 - **«ҷамъоварии партов бо мошини махсус»** - партовгирҳо дар дохил ва беруни хона ҷойгир нестанд ва ҷамъоварии партов бо мошинҳои махсус иҷро мешавад;

Рамзи 32 - **«партовгирҳои берун аз хона»** партов ва пасмондаҳои рӯзғор ба партовгирҳои махсус муқарраршуда партофта мешаванд, ки берун аз манзил ҷойгиранд (масалан, партовқуттиҳо ва контейнерҳо);

Рамзи 33 - **«партофтани партов ба чуқуриҳо, тӯдаҳо ва монанди инҳо»** - партов ва пасмондаҳои рӯзғор ба партовгоҳҳои маҳаллӣ, чуқуриҳо, тӯдаҳо ва монанди инҳо партофта мешаванд.

**Телекоммуникатсия:**

Рамзи 34 - **«алоқаи телефонии симӣ (статсионарӣ)»** - дар ҳар як манзили истиқоматӣ хати телефон гузаронида шудааст. Муштариёни алоқаи телефонии симӣ (статсионарӣ) метавонанд телефонҳои инфиродӣ, мувозӣ ва ҷуфт кардашуда дошта бошанд. Алоқаи мобилӣ ва радифӣ ба алоқаи телефонии доимӣ тааллуқ надоранд ва дар ин маврид аломат гузошта намешавад;

Рамзи 35 - **«антеннаи телевизионӣ»** - дар манзили истиқоматӣ антеннаи телевизионӣ ҷойгир карда шудааст (берунаи ҳамаи навъҳо);

Рамзи 36 - **«сими радио (нуқтаи радио)»** дар манзили истиқоматӣ васлак барои сими радио шинонда шудааст. Агар аз нуқтаи радио раддияти ихтиёрӣ ба таври ҳуҷҷатӣ тартиб дода шуда бошад, пас манзил бо нуқтаи радио таҷҳизониданашуда **ҳисоб намешавад**.

**Саволи 5 «Манзиле, ки хонаводаи Шумо ишғол мекунад, дар моликияти кист?»**

Яке аз гуфтаҳоро аломатгузорӣ намоед. Барои ҳар як хонаводае, ки дар манзили мазкур истиқомат мекунад, нишонаи лозимиро интихоб намоед:

рамзи 1 - **«дар моликияти шахсии шахсони ҳамин хонавода»** аломатгузорӣ карда мешавад, агар манзиле, ки хонавода ишғол кардааст ба моликияти шахсии шахсоне (ё аққалан як шахс), ки дар ҳамин манзили истиқоматӣ (аз он ҷумла, манзили хусусӣ кунонидашуда) зиндагонӣ мекунанд ва аъзоёни ҳамин хонавода ба ҳисоб меравaнд;

рамзи 2 - **«дар моликияти шахсии шахсони дигар ё ташкилотҳо»** аломатгузорӣ карда мешавад, агар манзиле, ки хонавода ишғол мекунад ба моликияти шахсии шахсони ҳуқуқӣ ё шахсони хусусӣ дохил шуда бошад, ки аъзоёни ҳамин хонавода нестанд (ҳатто дар ҳолате, ки агар ин шахсони хусусӣ дар ҳамин манзили истиқоматӣ, вале дар хонаводаи дигар истиқомат кунанд);

рамзи 3 - **«дар моликияти давлатӣ»** аломатгузорӣ карда мешавад, агар манзиле, ки хонавода ишғол мекунад ба ҳуқуқи моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ таалluқ дошта бошад ё дар ихтиёри хоҷагидорӣ ё идораи таъҷилии корхонаҳои давлатӣ ё муассисаҳо қарор дорад (мазили муассисавӣ).

**Саволи 6. Шумораи ҳуҷраҳои ишғолкардашуда**

Дар ҷавоб ба ин савол дар росткунҷаҳои махсус барои гузоштани рақамҳо, шумораи ҳуҷраҳои истиқоматӣ, ки хонаводаи мазкур ишғол мекунад, навишта мешаванд (масалан, 1, 2, 3). Агар хонавода на ҳамаи ҳуҷра, балки танҳо қисми онро ишғол намояд, он гоҳ рамзи 99 **«қисми ҳуҷра»** аломатгузорӣ карда мешавад.

**Саволи 7. Масоҳати истиқоматии ишғол кардашуда**
**(м. мураббаъ)**

Дар росткунҷаҳои махсус барои гузоштани рақамҳо ҳаҷми масоҳати манзиле, ки хонавода ишғол мекунад бо метри мураббаи **бутун** (бе аломатҳои даҳӣ) навишта мешавад.

**Саволи 8. Мавҷуд будани Интернет ва компютер дар хонавода**

Дар ҳолати мавҷуд будани Интернет аломат мутобиқи рамзи 1 гузошта мешавад. Агар дар хонавода компютер мавҷуд бошад, дар он сурат аломат мутобиқи рамзи 2 гузошта мешавад.

## Нишондодҳо оид ба пур кардани шакли 4 «Фонди манзил»

Шакли 4 «Фонди манзил» барои **хонаҳои истиқоматӣ,** новобаста аз мансубияти онҳо ва аз он, ки дар он аҳолӣ истиқомат мекунад ё не, тартиб дода мешавад.

нарасида Агар дар ҳудуди китъаи ҳисобгирӣ хонаҳои вайрона, садамавӣ, сохтмонаш ба охир бошанд ва дар онҳо аҳолӣ **истиқомат намекунад,** дар ин ҳолат ба чунин хонаҳо шакли 4 «Фонди манзил» пур карда намешавад.

**Барои хонаҳои бисёрквартирадор** шакли 4 «Фонди манзил»–ро **дастурдиҳанда–назоратчӣ пур мекунад.**

Агар *хонаи бисёрквартирадор* байни ду ва ё якчанд қитъаҳои дастурдиҳӣ тақсим шуда бошад, дар ин ҳолат ба хонаи мазкур танҳо як шакли 4 пур карда шуда, он ба сумкаи ҳисобчии дорои рақами хурдтарини қитъаи дастурдиҳии хурдтарини хонаи мазкур, пас аз ҳамаи маводҳои барӯйхатгирӣ гузошта мешавад.

**Рақами рӯйхати истиқоматкунадагони бино дар шакли 4 барои хонаҳои бисёрквартирагӣ пур карда намешавад.**

Ба ҳар шакли 4 маълумотҳои асосӣ (рақами шӯъбаи рӯйхатгирӣ, рақами китъаҳои дастурдиҳӣ, ҳисобгирӣ ва рақами Рӯйхати истиқоматкунандагони бино) гузошта мешаванд.

Барои хонаводаҳои хусусӣ насаб ва номи соҳибхона дар чоркунҷаи махсус ҷудо гашта навишта мешавад. Ном ва насаб барои хонаҳои бисёрквартирадор навишта намешавад.

**Барои хонаводаҳои коллективӣ** номи муассиса ва рамзи муассисаро, ки дар рӯйхати истиқоматкунандагон (шакли 1) гузошта шудааст, навишта шавад. **Баъдан пурсиш барои хонаводаҳои коллективӣ ба охир расид**.

### Саволи 1. Навъи хона

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдор аломат гузоред.
- «хонаи инфиродӣ (коттедж)» - рамзи 1;
- «хонаҳо барои истиқомати мавсимӣ, бӯстонсарой» - рамзи 2;
- «хонаи бисёрквартира» - рамзи 3;
- «дигар намуд» - рамзи 4.

Агар дар рамзи 4 аломат гузошта шуда бошад “дигар намуд” нишон додан зарур аст, ки кадом навъи хона.

### Саволи 2. Давраи сохтмони хона

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдор аломат гузошта мешавад:
1. То соли 1950;
2. Солҳои 1951-1970;
3. Солҳои 1971-1990;
4. Солҳои 1991-2000;
5. Солҳои 2001-2010.

### Саволи 3. Миқдори ошёнаҳо дар хона

Дар росткунҷаҳои махсус ҷудокардашуда миқдори ошёнаи хонаи истиқоматиро нависед (масалан, 1, 10, 12). Гузоштани миқдори ошёнаҳоро дар хонаҳои шахсӣ фаромӯш накунед.

### Саволи 4. Маводи деворҳои беруни хона

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдор аломат гузошта мешавад.

Агар хона аз хишти пухта сохта шуда бошад, аломати **«хишти пухта» -** рамзи 1 гузошта мешавад. Агар хона аз хишти хом сохта шуда бошад, рамзи 2 **“хишти хом”** гузошта мешавад.

Агар хона аз санги табиӣ сохта шуда бошад, аломати **«санг»** - рамзи 3 гузошта мешавад.

Агар хона аз пайвандҳои бетонӣ, бетону оҳан ва керамзитӣ - бетонӣ, сементӣ сохта шуда бошад ва ё аз лавҳаҳои (панелҳои) бетониву оҳанин сохта шуда бошад, аломати **«оҳану бетон, панел»** - рамзи 4 гузошта мешавад.

Агар деворҳои хона тахтагин (чӯбин) ва ё пурра васлгаштаи панелӣ аз чӯб бошанд, он гоҳ аломати **«чӯб»** – рамзи 5 гузошта мешавад.

Агар деворҳои хона аз конструксияи яклухт (конструксияи арматурӣ, ки бо омехтаи бетон рехта шудаанд) сохта шуда бошад, пас аломати **«монолит»** - рамзи 6 гузошта мешавад. Рӯйкаши берунаи деворҳои хонаҳои монолитӣ метавонад аз хишт, санги сунъӣ, лавҳаҳои бетонии сабук, лавҳачаҳо ва мисоли инҳо сохта шуда бошад.

Агар деворҳои хона коҳгилӣ ё лойгилӣ бошанд, он гоҳ аломати **«коҳгил, лойгил»** - рамзи 7 гузошта мешавад.

Агар деворҳои хона лавҳагии васлшуда, оҳанбаст рехташуда (аз ҷумла, бо хишт рӯйкаш шуда), бо қамиш қолиб шуда ва ё аз ягон маводи дигар, ки дар боло номбар нашудааст, сохта шуда бошад, аломати **«дигар»** - рамзи 8 гузошта мешавад.

### Саволи 5. Маводи боми хона.

Ба яке аз гуфтаҳои мувофиқ аломат гузоред.

**Рамзи 1** – ба хонае, ки бомаш аз шифер сохта шудааст;

**Рамзи 2** – ба хонае, ки бомаш аз сафол сохта шудааст;

**Рамзи 3 -** ба хонае, ки бомаш аз панелҳои бетонии бо битум пӯшанда сохта шудааст;

**Рамзи** 4 - хонаҳое, ки бомашон аз варақаҳои металлӣ пӯшонида шудаанд, гузошта мешавад;

**Рамзи 5 –** бомпӯшҳое, ки аз металли галваника пӯшонидашуда сохта шудааст;

**Рамзи 6**- бомпӯшҳо аз хоку лой сохта шудаанд;

**Рамзи 7** - дигар (андулин, коҳу хас ва дигарҳо).

***<u>Саволҳои 6-8 барои хонаҳои бисёрквартирагӣ пур карда мешаванд</u>***

### Саволи 6. Хона дар моликияти кист

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдор аломат гузошта мешавад:

рамзи 1 **«хусусӣ»** - агар ҳамаи манзилҳои истиқоматии хона дар моликияти шахсӣ бошанд;

рамзи 2 **«давлатӣ»** - агар манзилҳои истиқоматӣ дар моликияти давлатӣ қарор дошта бошанд;

рамзи 3 **«моликияти омехта»** - агар қисми манзилҳои истиқоматии хона дар моликияти инфиродӣ буда, қисми дигараш дар моликияти давлатӣ ва (ё) моликияти ҳуқуқӣ қарор доранд;

рамзи 4 **«муайян нест»** - агар дар моликияти кӣ будани хона муайян нашуда бошад.

**Саволи 7. Миқдори квартираҳо дар хона**

Шумораи ҳамаи квартираҳоро дар хона ҳисоб карда, бо рақам дар росткунҷаи махсус ҷудо карда шуда, зери рамзи 1 навишта мешавад.

Зери рамзи 2 шумораи квартираҳое, ки холӣ мебошанд (дар онҳо касе истиқомат намекунад), навишта мешавад.

Зери рамзи 3 шумораи квартираҳое, ки онҳоро ташкилотҳо истифода мебаранд (мағозаҳо, офисҳо, ателеҳои дӯзандагӣ, сартарошхонаҳо ва дигарҳо).

**Саволи 8. Ободонии хона**

Ба яке аз гуфтаҳои дахлдор аломат гузоред:

рамзи 1 **«қувваи барқ»** - дар хона ноқили барқгузарон вуҷуд дорад;

рамзи 2 «**манқали барқии рӯйфаршӣ»** дар хона плитаи барқӣ вуҷуд дорад (ғайр аз плитаҳои барқии рӯи мизӣ).

газ:

рамзи 3 **«шабакавӣ»** - дар манзили истиқоматии шахсӣ ва дигар квартираҳои хонаҳои бисёрквартирагӣ плитаи рӯифаршии газӣ аз шабакаи газӣ таъминшаванда вуҷуд дорад;

рамзи 4 – **«моеъ (баллонҳо)»** - дар хонаи шахсӣ ва ҳамаи квартираҳои хонаи бисёрквартирадор плитаи рӯизаминии газӣ, ки бо гази моеъ (баллон) аз дастгоҳи гурӯҳӣ, ҳавлигӣ, квартирагӣ ва баллонии инфиродӣ таъмин карда мешавад, вуҷуд дорад.

гармирасонӣ:

рамзи 5 - **«марказӣ»** - хона аз дегхонаи худи манзили истиқоматӣ, дегхонаи гурӯҳӣ (кварталӣ), дегхонаи муттаҳидгашта ва ё ноҳиявӣ гарм карда мешавад;

рамзи 6 - **«аз дастгоҳҳои инфиродӣ, дегҳо»** - манзили истиқоматӣ аз обгармкунакҳои квартирагӣ (АГВ), маҳаллӣ, ғайримарказонида, дегҳои хурдҳаҷми гармкунанда дар асоси газ ва сӯзишвории сахт ва ё дигар манбаъҳои гармӣ гарм карда мешавад;

рамзи 7 - **«бо оташдон»** - хона ба воситаи оташдон гарм карда мешавад.

рамзи 8 - **«қувваи барқ» -** бо дастгоҳҳои барқӣ .

рамзи 9 – **«гармирасонӣ вуҷуд надорад» -** дар ҳолати мавҷуд набудани ҳамаи намудҳои гармидиҳӣ дар хона.

**обтаъминкунӣ:**

рамзи 10 - **«қубури об аз системаи коммуналӣ (умумӣ)»** - дар дохили хона шабакаи обтақсимкунӣ вуҷуд дорад, ки ба он соли дароз об ба таври марказонидашуда аз қубури об ва ё чоҳи артезианӣ дохил мешавад; хонаи истиқоматӣ дорои ошхонаи алоҳида истода бо қубури об ҷиҳозонидашуда ҳисоб карда мешавад, агар дар ошхона ҷумаки (мили) қубури обгузарон аз шабакаи тақсимотии қубури об вуҷуд дошта бошад;

